**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 340**
**ТКБ: 67.99 (5 тоҷ)**
**Х – 66**

**ХОЛИҚЗОДА ИСЛОМ АБДУМАҶИТ**

# ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАШАККУЛИ ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР: МАСЪАЛАҲОИ ҲАЛТАЛАБ, ДАСТОВАРД ВА ДУРНАМО (ТАҲҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ ВА НАЗАРИЯВӢ–ҲУҚУҚӢ)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Кенҷазода Ш.Ю.**

**Хуҷанд – 2026**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО**....................................................................**3**
**МУҚАДДИМА**.........................................................................................**4–21**
**БОБИ 1. ОМИЛҲОИ ТАЪРИХӢ – ФАРҲАНГӢ, СИЁСӢ, ҲУҚУҚӢ ВА ИҶТИМОИИ ТАШАККУЛИ УСУЛИ ДУНЯВИЯТ ДАР ДАВЛАТДОРИИ ХАЛҚИ ТОҶИК**..............................................**21–72**
**1.1.** Омилҳои таърихӣ–фарҳангӣ ва иҷтимоии ташаккули усули дунявият дар давлатдории халқи тоҷик.........................................................**21–53**
**1.2.** Демократия ҳамчун омили сиёсию ҳуқуқии интихоби усули дунявият......................................................................................................**54–72**
**БОБИ 2. МАХСУСИЯТ ВА ДУРНАМОИ МОДЕЛИ ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ ВА МИЛЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**.........................................................**73–127**
**2.1.** Давлати дунявӣ: фаҳмиши муосир ва асосҳои назариявии он....**73–105**
**2.2.** Принсипҳои ташаккули модели давлати дунявӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назарӣ ва татбиқи ҳуқуқӣ..........................................**106–127**
**БОБИ 3. АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ИҶТИМОИИ ТАШАККУЛИ МОДЕЛИ МИЛЛИИ ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**......................................................................................**128–167**
**3.1.** Ташаккули заминаҳои иҷтимоӣ–ҳуқуқии дунявият дар Тоҷикистон…………………………………………………….**128–149**
**3.2.** Мушкилӣ ва дастовардҳои дунявии давлати миллии Тоҷикистон.......................................................................................**150–167**
**ХУЛОСА**...........................................................................................**168–172**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**..................................................................................**173–174**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**.............................................**175–193**
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**..........................................................................**194–196**

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО:

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИШ –** Иттиҳоди Шуравӣ

**ВАО –** Воситаҳои ахбори омма

**КОА** – Комиссияи олии аттестатсионӣ

**ҶШС** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**РСФСР –** Республикаи Советии Федеративии Сотсиалистии Россия

**ИҶШСТ –** Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**ҶШСТ –** Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ҶМШСТ –** Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ҶАССТ –** Ҷумҳурии Автономии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ИМА –** Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ИДМ –** Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ғ.** – ғайра

**с.** – саҳифа

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Марҳилаи муосири рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ бо тағйирёбии амиқи сохтору муносибатҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ташаккули низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ ва афзоиши нақши ҳуқуқ дар идоракунии давлату ҷомеа тавсиф мешавад. Дар чунин шароити таҳаввулоти ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ вазифаи асосии ҳар давлати муосир ҳифзи соҳибихтиёрии давлатӣ, таъмини шаклу низоми самараноки идораи ҷомеа ва танзими дурусту мувозонаи ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар заминаи шаклҳои зуҳури шуури ҷамъиятӣ ба миён меоянд, маҳсуб мегардад. Аз ин қарина, муносибати давлати миллӣ бо боварҳои мардумӣ, ки дар партави модели давлати дунявӣ танзим мегардад, муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

Тарзе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Дар вазъияти мураккаби ҷаҳони муосир мо вазифадорем, ки ба хотири ҳифзи истиқлолу озодӣ ва амнияти давлату ҷомеа дар баробари риояи талаботи қонунҳои давлати дунявӣ ба арзишҳои динӣ оқилона муносибат намуда, ҳам арзишҳои созандаи дини исломро ҳифз намоем ва ҳам пеши роҳи паҳншавии тафриқаандозиву ифротгароиро гирем»[179]

Ба андешаи дурусти муҳаққиқон, «таҳкими давлатдории миллӣ ва эҳёи арзишҳои ҳуқуқӣ дар заминаи низоми ҳуқуқии муосир, яке аз самтҳои муҳимми сиёсати дохилии давлатҳои пасошуравӣ ба шумор меравад» [168, с. 161].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари тозаистиқлол дар оғози солҳои 90–уми асри гузашта дар баробари мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ, ҳамзамон бо зарурати муайянсозии хусусияти давлатдории миллӣ ва бунёди сохтори нави сиёсӣ ва ҳуқуқӣ рӯбарӯ гардид. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 марҳалаи нав ва муҳимме дар таърихи давлатдорӣ ва ташаккули

ҳуқуқи миллӣ ба шумор меравад, ки дар он ҳувияти сиёсӣ ва ҳуқуқии давлат ба таври возеҳ муайян гардида, «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона» [1] эътироф шудааст.

Падидаҳои «давлати демократӣ» ва «ҳуқуқбунёд», ки дар Конститутсия оварда шудаанд, бештар ба масъалаҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти қудрати сиёсӣ бахшида шудаанд. Аммо, масъалаи «дунявият», ки дар Конститутсия истифода шудааст, аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳуқуқӣ муҳтавои амиқ дошта, ниёз ба таҳлили илмӣ ва татбиқи оқилона дар амалияро дорад. Зеро, сарфи назар аз он ки ин мафҳумҳо дорои заминаҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқии муқарраршуда мебошанд, татбиқи онҳо дар шароити таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон хусусиятҳои махсусро касб намудааст. Махсусан, падидаи дунявият дар шакли муносибати мутавозини давлат бо дин дар масири таърихи давлатдории мо бисёр вижагиҳои хосро доро аст.

Бо дарназардошти воқеиятҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва талаботи ҷомеаи муосир, татбиқи самараноки принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ дар Тоҷикистон, ҳамзамон бо таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъсиси мақомоти босалоҳияти давлатӣ ва таъмини шаффофияти идоракунӣ аҳаммияти хоса пайдо менамояд. Падидаҳои давлати демократӣ, интихоботи озод ҳамчун воситаи таъмини ташаккули расмии ҳокимияти давлатӣ тавассути риояи реҷаи қонуният ва эътирофи расмии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби ҷомеа, дар таҳкими пояҳои низоми давлатдорӣ нақши калидӣ мебозанд. Доир ба ин масъала К.Г. Каневский дуруст қайд намудааст, ки «таҷрибаи таърихии идораи давлатӣ, анъанаҳои миллӣ, монеаҳои иҷтимоӣ, инчунин сатҳи омодагии ҳуқуқии ҷомеа ба қабули арзишҳои демократӣ ва дунявӣ, аз ҷумла мушкилоти ҳамоҳангсозии меъёрҳои

ҳуқуқи миллӣ бо уҳдадориҳои байналмилалӣ, аз омилҳое маҳсуб меёбанд, ки таъсири мустақим ба ташаккул ва рушди давлати ҳуқуқбунёд доранд» [165, с. 180].

Хусусияти дунявии давлат яке аз принсипҳои асосии бунёд ва фаъолияти давлатдорӣ дар ҷомеаи ҳуқуқбунёди муосир ба шумор меравад. Дар қисми 1 моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст: ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон – давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад» [1]. Ин принсип ифодаи муҳимтарини мустақилияти давлат аз таъсири дин ва иттиҳодияҳои динӣ буда, асоси танзими муносибатҳои байни давлат ва ташкилотҳои динӣ мегардад. Дар баробари ин, дар давлати дунявӣ дин ҳамчун як соҳаи ҳаёти фарҳангию маънавии ҷомеа аз қаламрави сиёсати давлатӣ ва танзими ҳуқуқӣ берун буда наметавонад.

Принсипи дунявият бо озодии виҷдон ва эътиқод дар ҷомеаи Тоҷикистон мухолифат надорад. Давлати дунявӣ озодии шахсро дар интихоби эътиқоди динӣ дар доираи қонун кафолат медиҳад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон,  ҳамчун давлате, ки дорои таркиби миллӣ ва мазҳабии гуногун мебошад, риоя ва ҳифзи принсипҳои дунявият аҳаммияти махсус касб мекунад. Маврид ба зикр аст, ки М.В. Шахов принсипи дунявиятро ҳамчун воситаи пешгирии мафкураи ҳатмии динӣ маънидод намуда, чунин қайд кардааст: «принсипи дунявияти давлат ба таъмини озодии виҷдон ва пешгирии ҷорӣ гардидани мафкураи ҳатмии динӣ равона шудааст» [116, с. 47].

Бо дарназардошти раванди ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба сохт ва мазмуни иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва динӣ дар кишвар, масъалаи таъмини мутавозинии муносибатҳои давлатӣ ва динӣ торафт муҳимтар мегардад. Дар ҳамин замина, ҷомеа ҳарчи бештар нигаронии худ ва зарурати ҳимояи низоми дунявиро таъкид менамояд.

Ҷудо будани давлат аз иттиҳодияҳои динӣ  яке аз нишонаҳои муҳимми давлатдории дунявӣ ба ҳисоб меравад ва он дар моддаи 1 ва дигар моддаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Ин маънои онро дорад, ки фаъолияти давлат аз таъсири дин ва идеологияҳо озод аст ва давлат наметавонад вазифаҳои худро бар асоси таълимоти динӣ ё идеологӣ амалӣ созад.

Аз ҳамин сабаб, на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки як қатор давлатҳои дигар низ дар ҷустуҷӯйи роҳҳои беҳтари танзими муносибатҳои динӣ, давлатӣ ва миллӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, зарурати омӯзиши амиқ ва таҳлили илмии заминаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ташаккул ва такомули давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бавижа дар марҳалаи гузариши таърихӣ муҳим ва саривақтӣ ба назар мерасад. Ин таҳқиқот дар баробари аҳаммияти назариявӣ, дорои арзиши баланди амалӣ низ мебошад, зеро ки дар фазои нави сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвар масъалаҳои марбут ба татбиқи арзишҳои ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ беш аз пеш мубрам мегарданд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.  Дар солҳои охир масъалаҳои марбут ба назария ва амалияи давлат, аз ҷумла ташаккули давлати дунявӣ, демокративу ҳуқуқбунёд, мавриди таваҷҷуҳи олимон ва мутахассисони соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, фалсафа ва сиёсатшиносӣ қарор гирифтаанд. Дар асарҳо, рисолаҳо, мақолаҳо ва таҳқиқоти дастаҷамъӣ хусусиятҳои иҷтимоӣ–сиёсӣ ва маънавии ташаккули чунин давлат, инчунин нақш ва мақоми он дар ҳаёти сиёсиву ҳуқуқии ҷомеа баррасӣ шудаанд. Дар доираи адабиёти илмии кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Россия ва дигар давлатҳои ИДМ, олимон ба мисли И.В. Понкин [77;78;79;80] (осораш ба масъалаҳои давлати дунявӣ, озодии виҷдон ва танзими ҳуқуқии соҳаи дин бахшида шудаанд) В.С. Малахов [142], Х.

Казанова [138], А.Д. Гусев [30] ва дигарон ба таҳлили моҳият, вазифа ва функсияҳои давлати иҷтимоӣ, инчунин паҳлӯҳои фалсафӣ ва сиёсиву ҳуқуқии ташаккули он пардохтаанд. Масъалаҳои омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва миллии ба шаклгирии давлатдории демократӣ таъсиррасон дар таҳқиқоти Ю. Хабермас [100], Л.Р. Сюкияйнен [92;93;150;151] (мутахассиси ҳуқуқи исломӣ, масъалаҳои давлати дунявӣ ва ҳамкории фарҳанги ҳуқуқии исломӣ бо конститутсионализми муосир.) М.В. Шахов [116] (бо таҳқиқоти худ дар самти озодии виҷдон, иттиҳодияҳои динӣ ва асосҳои ҳуқуқии дунявият маъруф аст) Чарльз Тейлор [121], Д.А. Узланер [97], А.В. Малашенко [56] Л.А. Андреева [126] ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Олимон на танҳо муҳим будани раванди ташаккули давлатро таъкид намудаанд, балки ба таъсири омилҳои сиёсӣ ва менталӣ дар ин ҷараён ишора кардаанд.

Баъзе аз муҳаққиқон, ба монанди А.В. Агаджанян [11], (мутахассиси масъалаҳои секуляризатсия, постсекуляризм ва таҳаввулоти динӣ дар кишварҳои пасошуравӣ), Е.С.Элбакян [117], И.С. Лагунова [139], А.Ф. Мешерякова [144], Ю. Хабермас [100], Р.Н. Лункин [53] (постсекуляризм, сиёсати динӣ ва таҳаввули дунявиятро дар ҷомеаи пасошуравӣ таҳқиқ мекунад) ва дигарон, робитаи мураккаби ҷомеаи шаҳрвандӣ, сиёсат ва давлатдории дунявиро мавриди таҳлил қарор додаанд. Онҳо таъсири раванди сиёсӣ ба шаклгирӣ, рушд ва фаъолияти давлатро дар шароити муосир асоснок намудаанд.

Дар таҳқиқоти М.Л. Воронкова [162], М.С. Одинаев [168], С. Раджабов [169], С.Э. Деникаева [164], С.А. Авакьян [9] (асосҳои конститутсионии давлати дунявӣ, озодии виҷдон ва муносибатҳои давлативу динӣ (конфессионалӣ)–ро мавриди таҳқиқ қарор додааст), В.Е. Чиркин [115] (муаллифи асарҳо оид ба ҳуқуқи муқоисавии конститутсионӣ, аз ҷумла моделҳои давлати дунявӣ) Д.М. Угринович

[96] (яке аз муҳаққиқони маъруфи шуравӣ дар соҳаи дин, атеизм ва равандҳои секуляризатсия) ва дигарон масъалаҳои рушди фарҳангӣ, асосҳои идеологии давлатдории ҳуқуқбунёди дунявӣ таҳлил шудаанд.

Ҳарчанд ин таҳқиқот аз ҷиҳати илмӣ арзишманданд, вале камбудии умумии онҳо – ин надоштани таҳлили кофии нақши идеология ва таъсири он ба шаклгирии давлатдории дунявӣ ва муносибати он бо ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Баъзе паҳлуҳои таъсири шуури ҳуқуқӣ ва сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ба раванди ташаккули давлат низ дар таҳқиқоти А.В. Гадунов, Б. Орлов., В.С. Комаровский, А.К. Уледов, Эрме Ги мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, аммо муқоисаи ин масъалаҳо бо кишварҳои собиқ шуравӣ ва кишварҳои ҷаҳон қариб мавҷуд нест.

Ҷанбаҳои алоҳидаи низоми дунявият аз ҷониби ҳуқуқшиносони ватанӣ, ба монанди У.А. Азиззода (У.А. Азизов )[123], З.М. Ализода [161], Э.Б. Буризода (И.Б. Буриев) [17], А.М. Диноршо (А.М. Диноршоев) [81], Э.С. Насриддинзода [71], Ҷ.М. Зоир [38],. А.И Имомов [42], М.А. Маҳмудзода [63], И.К. Миралиев [64],. И.И Саидзода [171], Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев) [91], Б.А. Сафарзода [89], Р.Д. Сафарбек [148], Ҷ. Саъдизода [172], Ф.Т. Тоҳиров [95], А.Ғ. Холиқзода (А.Ғ. Холиқов) [101;102;103;104;105;106;107;109;110],. Ш.Ш. Шосаидзода [108] ва дигарон баррасӣ гардидааст. Инчунин ба ин масъала олимони дигар соҳаҳои ҷомеашиносӣ изҳори назар намудаанд. Аз ҷумла, Б.Ғ. Ғафуров [22], Т.Н. Назаров [70], М. Диноршоев [69], Г.Н. Зокиров [39] ва дигарон ба омӯзиши масъалаҳои умумии давлатдории ҳуқуқбунёду дунявӣ машғул буда, таҳқиқоти онҳо аз лиҳози илмӣ ва амалӣ муфид арзёбӣ мегарданд.

Бо вуҷуди саҳми назарраси ин олимон, метавон гуфт, ки масъалаи ташаккул, механизмҳои ҳуқуқӣ, мушкилот ва дурнамои давлати дунявӣ дар Тоҷикистон, то ҳол дар сатҳи таҳлили амиқу ҳамаҷониба қарор

надорад. Дар аксари таҳқиқот, масъалаҳо дар шакли умумӣ ва умумиятнок баррасӣ шудаанд, дар ҳоле ки воқеиятҳои ҳуқуқии Тоҷикистон, мушаххасоти ҳуқуқии Конститутсия, таҷрибаи ҳуқуқи муқоисавӣ ва таъсири омилҳои миллӣ бояд бештар мавриди таҳлил қарор гиранд.

Аз ин лиҳоз, таҳлили мукаммалу амиқи тамоми паҳлуҳои марбут ба ташаккули давлати дунявӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла, заминаҳои ҳуқуқӣ, омилҳои сиёсӣ, таърихӣ ва идеологӣ, механизмҳои амалигардонии принсипҳои дунявият дар таҷрибаи ҳуқуқӣ, мушкилоти мавҷуда ва дурнамои ин раванд, талош ва ҳамкории олимон, ҳуқуқшиносон, сиёсатшиносон ва дигар намояндагони соҳаҳои марбутаро тақозо менамояд.

Муаллиф, дар асоси таҳлили манбаъҳои илмии дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин таҷрибаи ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ кӯшиш ба харҷ додааст, то масъалаи ташаккул ва фаъолияти давлати дунявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муфассал таҳқиқ намояд. Ҳадаф аз ин баён ва баррасии ҷанбаҳои ҳуқуқии ин раванди муҳимми сиёсӣ ва пешниҳод намудани роҳи такмили ҳуқуқии он дар заминаи воқеияти миллии давлатдории тоҷикон мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар асоси мавзуи панҷсолаи корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон таҳти унвони «Мавқеи омилҳои фарҳангӣ–таърихӣ, таълимот оид ба ҳуқуқ, адолат ва додгустарӣ дар рушди модели миллии давлати ҳуқуқбунёду демократӣ» барои солҳои 2020–2025 ва «Ташаккул ва рушди падидаҳои ҳуқуқию давлатӣ дар Тоҷикистон: ҳолати кунунӣ ва дурнамо» барои солҳои 2026–2030 таҳия карда шуда, инъикоскунандаи як ҷанбаи муҳимми мавзуъҳо мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Тавсифи умумии таҳқиқот ҷанбаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар бар гирифта, масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба заминаҳои ҳуқуқии ташаккули давлати дунявӣ дар Тоҷикистони муосир мавриди таҳқиқ қарор дода шуд. Дар диссертатсия вобаста аз модели миллии давлати дунявият дар Тоҷикистон масъалаҳои ҳалталаб, дастовард ва дурнамо аз нуқтаи назари таърихӣ ва назариявӣ–ҳуқуқӣ омӯхта шуд.

Дар диссертатсия омилҳои сиёсӣ, хуқуқӣ оид ба ташаккулёбӣ ва инкишофи усули дунявият андешаҳои олимони соҳа роҷеъ ба масоили фаҳмиши давлати дунявият дар замони муосир, принсипҳои ташаккули модели милли давлати дунявӣ дар Тоҷикистон аз нуқтаи назариявӣ таҳқиқ гардида дар амалия тадбиқи онҳо мавриди омӯзиш қарор дода шуд.Яке масъалаи муҳиме, ки дар диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, мушкилиҳо оид ба ташаккулёбии давлати дунявӣ ва роҳҳои ҳалли он алалхусус дастовардҳои дунявии давлати милли Тоҷикистон ҳаллу фасл гардидааст.

**Мақсади таҳқиқот.** Бо дарназардошти аҳаммият ва мубрамияти мавзуи таҳқиқот, ҳадафи асосии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи равандҳои муосири сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, моҳият ва хусусиятҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ шарҳ дода шавад, ҳамзамон омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии таъсиргузор ба шаклгирии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот, дар рисола вазифаҳои зерин гузошта шудаанд**:**

–ташреҳи илмии заминаҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсие, ки ба ташаккули давлати дунявӣ дар Тоҷикистон мусоидат мекунанд;

–нишон додани таъсири равандҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба рушду устувории давлатдории дунявии миллӣ, муаррифии самтҳои асосии ташаккули консепсияи миллии давлатдории демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ бо дарназардошти омилҳои таърихӣ ва воқеиятҳои ҳуқуқии муосир;

–таҳлили мақом ва нақши давлати дунявӣ дар низоми сиёсӣ ва ичтимоии ҷомеаи тоҷик, инчунин нишон додани таъсири арзишҳои умумибашарӣ ва институтҳои демократӣ ба ин раванд;

–муайянсозии муносибат ва фарқиятҳои мафҳумҳои «давлати некуаҳвол», «давлати ичтимоӣ», «давлати демократӣ», «давлати ҳуқуқбунёд» ва «давлати дунявӣ» дар низоми давлатдории муосир;

–ҷамъбаст ва таҳлили усулҳои гуногуни илмӣ оид ба таъсири омилҳои ичтимоӣ–сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба ташаккули давлатдории дунявӣ дар Тоҷикистон;

–таҳлили генезис ва ташаккули функсияҳои ичтимоии давлати демократӣ ва дунявӣ бо дарназардошти хусусиятҳои таърихӣ ва рушди ичтимоии ҷомеаи тоҷик;

–таҳлили барнома ва мавқеи неруҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон, вобаста ба масъалаҳои сиёсати ичтимоии давлат, мутобиқ бо интизорот ва арзишҳои маънавии ҷомеа, ошкор кардани мушкилоти асосӣ ва баҳсбарангез дар амалинамоии ислоҳоти ичтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ҳамзамон пешниҳод намудани роҳҳои ҳалли онҳо бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои демократӣ ва хусусиятҳои миллии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** – раванди ташаккул, таҳким ва рушди давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун падидаи сиёсиву ичтимоӣ ва ҳуқуқӣ.

**Мавзуи таҳқиқот –** таҳлили илмии заминаҳои ичтимоӣ–сиёсӣ, шароити таърихӣ ва омили ҳуқуқии ташаккул ва рушди давлати дунявӣ дар Тоҷикистон, ҳамзамон муайянсозии марҳилаҳои асосии ин раванд ва хусусиятҳои миллӣ–фарҳангии давлатдории тоҷикон дар ин раванд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири давраи таҳаввули андешаи давлати дунявӣ ва истиқрори давлати ҳуқуқбунёди дунявӣ дар Тоҷикистон дар давраи истиқлол мебошад. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ ташаккул ва инкишофи андешаи давлати дунявӣ дар замони соҳибистиқлолӣ

баррасӣ гардидааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 1991–2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Паҳлуҳои асосии таҳқиқот дар асоси назарияи давлат ва ҳуқуқ, таҳлили конститутсионӣ ва фаҳмиши институтсионалии сохтори ҳокимияти давлатӣ инҳо мебошанд: Ғояҳои соҳибихтиёрии миллӣ ва истиқлолияти сиёсӣ дар байни мардуми тоҷик таърихан шакл гирифта, бо давлатдории даврони Сомониён таҳким ёфтаанд, ки ҳамчун заминаи таърихӣ ва ҳуқуқии ташаккули давлатдории муосир хидмат мекунанд;

Ташаккули давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон ҳамчун як раванде бо заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ сурат гирифта, аз таъсири омилҳое чун гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ, тақвияти институтҳои демократӣ ва такмил додани сохторҳои ҳокимияти давлатӣ бархурдор аст;

Давлати ҳуқуқбунёд шакли идоракунии давлат аст, ки дар он ҳокимияти сиёсӣ дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ (принсипи қонуният) амалӣ мешавад. Хусусиятҳои асосии он аз волоияти қонун, фарқияти ҳокимиятҳо, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, назорати ҷомеа аз болои мақомоти давлатӣ иборатанд;

Давлати дунявӣ дар Тоҷикистон ҳамчун шакли ҳокимият, ки ба принсипи ҷудоии дин аз давлат такя мекунад, амалӣ шуда, ин заминаи ҳуқуқӣ барои таъмини баробарии шаҳрвандон, новобаста ба эътиқод ва ҷилавгирӣ аз ифротгароӣ ва истифодаи дини ислом, дар манфиатҳои сиёсӣ мебошад;

Мақоми марказии давлат дар низоми сиёсӣ ҳамчун субъекти асосии ҳокимияти сиёсӣ дар он зоҳир мешавад, ки дигар институтҳои сиёсӣ дар атрофи он фаъолият менамоянд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқ, равишҳои зерин ҳамчун асоси методологӣ истифода шудаанд: усули таърихӣ–ҳуқуқӣ ва диалективӣ, таҳлили муқоисаи ҳуқуқӣ, системавӣ ва сохторӣ–функсионалӣ,

усули сотсиологӣ ва сиёсишиносӣ барои муайянсозии таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба ташаккули давлат.

**Заминаҳои эмпирикии** таҳқиқотро санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ, стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ, маълумоти расмии давлатӣ, суханронӣ ва мусоҳибаҳо бо намояндагони табақаҳои мухталифи аҳолӣ, таҳлили муҳтавои расонаҳо ва манбаъҳои илмии дохилию хориҷӣ дар мавзуи давлатдорӣ ва дунявият ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмӣ.** Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин талошҳои махсусгардонидашуда дар самти омӯзиши ҳуқуқӣ ва сиёсӣ–ҳуқуқии ташаккул ва рушди давлати дунявӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки: бори аввал назария ва амалияи давлатдории дунявӣ дар Тоҷикистон дар заминаи таҳлили мукаммали назариявӣ–ҳуқуқӣ ва ғоявӣ мавриди омӯзиши фарогир қарор гирифтааст, қонунмандиҳо ва зиддиятҳои объективӣ ва субъективии ин раванд дар заминаи таҳлили ақидаҳои муосири сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ошкор ва таҳлил шудаанд, дар таҳқиқ асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии давлати дунявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти равиши маҷмуӣ (комплексӣ) ва фаҳмиши муосири унсурҳои асосии он асоснок карда шудаанд. Инчунин, нақши мафҳумҳо ва принсипҳои муҳимми ҳуқуқии конститутсионӣ, ки дунявияти давлатро тавсиф медиҳанд, дар заминаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи онҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ (аз ҷумла минтақаҳои дорои хусусиятҳои мазҳабӣ ва этникӣ) муайян гардидаанд; раванди ташаккули давлатдории дунявӣ дар Тоҷикистон дар доираи тамаддуни башарӣ ва дар иртибот бо арзишҳои умумибашарии демократия ва ҳуқуқ, таҳлил гардида, замина барои пешгӯии оқибатҳои ҳуқуқии қарорҳои сиёсӣ ва консепсияи миллии давлати дунявӣ фароҳам оварда шудааст, сатҳи шуури сиёсӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон мавриди таҳлил қарор гирифта, омилҳои иҷтимоӣ–сиёсӣ ва фарҳангӣ, ки ба ташаккул ва фаъолияти давлати ҳуқуқбунёду дунявӣ таъсир мерасонанд, муайян ва гурӯҳбандӣ шудаанд, мавқеи табақаҳо ва гуруҳҳои иҷтимоӣ дар рушди сохтори демократии

ҳокимият ва иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсӣ арзёбӣ шудааст, тамоюлҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқии шаклгирии давлат дар Тоҷикистон нишон дода шуда, механизмҳои таъсиррасонии сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсӣ ба легитимият ва устувории низоми интихоботӣ таҳқиқ шудаанд. Дар ин таҳқиқот ҳамзамон, бори нахуст таъсири фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури сиёсӣ ҳамчун заминаи зарурии амалишавии принсипҳои давлати ҳуқуқбунёду дунявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, тавсияҳо барои такмили заминаҳои ҳуқуқии ташаккули давлати дунявӣ, дар иртибот бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва уҳдадориҳои байналмилалии ҳуқуқии кишвар таҳия ва пешниҳод шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин, ки аз зумраи навгониҳои илмии таҳқиқот маҳсуб меёбанд, пешниҳод карда мешаванд.

1.Исбот карда шудааст, ки таҳлили омилҳои таърихӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии ташаккули давлатдорӣ дар сарзамини тоҷикон шаҳодат бар он дорад, ки муносибати давлат ва қудрати сиёсӣ дар масири таърих дар муносибат бо дин ва ҷаҳонбинии эътиқодӣ якзайл ва якмаром набуда, вобаста аз шарту шароити замону макон гуногунмаъно ва серпаҳлу будааст. Таърихи давлатдории тоҷикон аз даврони Пешдодиён то замони Сомониён ва аз Сомониён то замони Шуравӣ навъҳои мухталифи муносибати давлат бо динро доро аст, ки онро шартан мумкин аст ба чунин навъҳо тақсим намуд:

А). даврони Пешдодиён ва ташаккули сиёсати давлатӣ дар муносибат бо дин**.** Даврони дунявияти муътадили ибтидоӣ. Ин даврон ду аломати муҳимро доро аст: якум, пайдоиши нахустин давлат дар сарзамини тоҷикон аз ҷониби шоҳаншоҳ Ҷамшед мутобиқ ба маълумоти Авасто тавассути иқдоми Аҳура Маздо аз роҳи идораи дунявӣ сурат гирифтааст. Дувум, дар он вуҷуди ғояҳо ва ҷаҳонбиниҳои динӣ ва асотирӣ бо сиёсати давлатӣ паҳлуи ҳам озод фаъолият карда, якдигарро дар идора ва тарбияи ҷамъият пурра мекарданд. Ба андешаи Фирдавии бузург:

Чунон дину давлат ба ҳам андаранд,
Ту гӯӣ, ки дар зери як чодаранд.
Чу динро бувад подшоҳ посбон,
Ту ин ҳардуро ҷуз бародар махон.

Б). даврони давлатдории Каёниён ва баъдан Ҳахоманишиёну Сосониён, ки дар ин даврон афзалият ва бартарии оини зардуштӣ аз ҷониби давлат тавассути меъёрҳои таҳмилӣ ҳуқуқӣ ва динӣ дода мешавад. Даврони дунявияти сиёсии ба оини таҳҷоӣ афзалиятдиҳанда.

В) даврони давлатдории Сомониён, афзалияти дини ислом дар коркарди консеспияи сиёсати давлатӣ ва танзими ҳуқуқӣ дида мешавад, вале озодии адёни дигар дар доираи талаботи қонунҳо кафолат дода мешавад. Дунявияти мусолиҳатмоез ба бартарии дини яккахудоӣ афзалиятдиҳанда.

Г) даврони асрҳои миёна ва ҳукмронии қабоили кучманчӣ ва саҳронишин, ки тадриҷан ҷаҳонбинии дини исломӣ афзалият пайдо карда, доираи амали бовару эътиқодҳои дигар танг карда мешавад. Даврони ҳукмронии ҷаҳонбинии як дин бо маҳдудияти гуногунандешӣ ва табиати дунявият дар низоми идора.

Д) даврони шуравӣ дин ва ҷаҳонбинии динӣ аз саҳнаи сиёсат дур карда мешавад. Дунявияти атеистӣ.

Е) даврони соҳибистиқлолӣ дунявияти мусолиҳатомезу муътадили сиёсӣ.

2. Асоснок карда шудааст, ки дунявияти давлат ин хусусияти ҳуқуқӣ ва конститутсионии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки соҳибихтиёрии сиёсӣ ва маъмурии давлат, ташкилотҳои давлатӣ ва низоми таҳсилотро аз дин, мафкураи динӣ, таҳсилоти динӣ ва иттиҳодияи динӣ дар низоми идора, мутобиқ ба талаботи қонун, бо эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳо шахсӣ, мувофиқ ба реҷаи гуногунандешӣ ва арҷгузорӣ ба ҷаҳонбиниҳои динӣ ва ғайридинӣ эълон ва таъмин менамояд. Давлати дунявӣ мавҷудияти мафкураи ягонаи давлатӣ, дини давлатӣ ё идеологияи расмии дар заминаи боварҳои эътиқодӣ матраҳшударо дар сатҳи Конститутсия ва ё қонунҳои конститутсионӣ маҳкум менамояд. Принсипи асосии давлати дунявӣ дар он

ифода меёбад, ки дин ба корҳои давлатӣ ва давлат ба озодиҳои эътиқодии шаҳрвандон берун аз талаботи қонун дахолат намекунад. Принсипи дунявияти давлат ба се нуктаи калидӣ такя мекунад: а) ҷудогии давлат аз иттиҳодияи динӣ; б) ҷудо будани низоми таҳсилоти дунявӣ аз динӣ; в) дар сатҳи қонунгузорӣ мавҷуд набудани дин ва мазҳаби давлатӣ.

3. Собит шудааст, ки таърихи рушди мафкураи миллӣ ва таҷрибаи давлатдории халқи тоҷик тахти ҳидоятҳои Пешвои миллат дар раъйпурсии умумихалқии 6 ноябри соли 1994 шоҳроҳи сиёсии худро ба самти давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона комилан дуруст, саривақтӣ ва мувофиқ ба талаботи замону макон бо риояи усули сабақбардорӣ аз таърих муайян кард. Ин ҳодисаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ танҳо қадами навбатии дурусти халқи соҳибдавлат набуда, зиёда аз он, оғози як даврони нави давлатдории миллии аз назари сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва эътиқодӣ кафолати амниятӣ касбкарда буд. Маҳз аломати дунявияти давлат ва реҷаи муътадили сиёсати давлатӣ дар самти дин кафили амният ва таъмини соҳибистиқлолии давлат буд, зеро дунявият ба вазнинтарин дарди сиёсии таърихи давлатдории миллат муноқишаи давлат ва дин дар масъалаи ҳокимият нуқта гузошт. Вазифаи асосӣ ва муҳимми сиёсати давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар ин самт ташаккули реҷаи қонунияти конститутсионӣ, тарбияи садоқати субъектони низоми идораи давлат дар муносибат ба манфиатҳои миллӣ аз қаринаи пиринсипҳои дунявии ташкили ҳокимияти давлатӣ, низоми таҳсилоти дунявӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ аст.

4. Муайян карда шудааст, ки хусусияти дунявии давлат маънои маҳкум кардани дин ва ҷаҳонбинии диниро надорад. Баръакс, давлат ба озодиҳои эътиқодӣ ва боварҳои мардум арҷ мегузорад, ба ҳама ҷаҳонбиниҳои динӣ ва боварҳои мардумӣ дар доираи талаботи қонун, имкони баробар медиҳад, зеро принсипи дунявият бо принсипҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва иҷтимоӣ будани давлат ҳамоҳанг ва ҳамвазн буда, онҳо дар намои принсипҳои конститутстионии давлати миллӣ мувофиқ ба талаботи Конститутсия ва қонунҳо рунамо мегарданд. Давлати демократӣ ва

ҳуқуқбунёд речаи дунявияти низоми идораро водор ба он мекунад, ки фаъолияти иттиҳодияҳои диниро мувофиқ ба талаботи ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва эътиқоди шаҳрвандон тавассути қонун танзим намояд. Дунявият иттиҳодияҳои диниро ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеа ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ эътироф мекунад. Шаҳрвандони эътиқодманд бо шаҳрвандони беэътиқод баробарҳуқуқанд. Давлат, дар умум, аз дин, ҷаҳонбинии динӣ, аз ҷомеа ҷудо нест, танҳо иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ва ҳокимияти давлатӣ ҷудо ва мустақил буда, ба корҳои давлатӣ ва низоми идора таъсир намерасонанд. Аз ин рӯ, зери принсипи дунявият набояд ҷудоии комили дин аз ҷомеа фаҳмида шавад. Ҷаҳони муосир ва аҳли илми муваффақи олам роҳҳои нави муносибати мусолиҳатомези давлат ва динро дар ҷомеаҳои секулятивӣ масъалагузорӣ намудаанд. Таҷрибаи Тоҷикистон дар сатҳи амалия низ собит менамояд, ки иттиҳодияҳои динӣ ва ҷаҳонбинии эътиқодӣ мутобиқ ба талаботи қонунгузорӣ метавонанд дар рушди соҳаҳои фарҳанг (бо тарғиби ахлоқу одоби нек ва даъвати диндорон ба меҳнати ҳалолу созанда ва ғ.), маориф ( асосноккунии зарурати касби илму ҳунар бо ишора ба оятҳои қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ мисли «аз гаҳвора то гур илм биҷуед»), тандурустӣ (тарғиби ғизои пок ва тозагии ҷисмониву равонӣ), ҳифзи иҷтимоӣ (ғамхорӣ ва расонидани кӯмак ба афрод ва гуруҳҳои ниёзманди ҷомеа) ва дигар равандҳои ҷамъиятӣ саҳмгузор бошанд, ба татбиқи сиёсати давлатӣ аз қаринаи бовару эътиқод ва ахлоқи ҷамъиятӣ кӯмак кунанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои ин таҳқиқ дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар самтҳои зерин истифода шаванд:

– барои таҳия ва татбиқи сиёсати ҳуқуқии давлатӣ дар соҳаи тақвияти дунявият ва асосҳои ҳуқуқии давлат;

– дар таҳияи консепсияҳои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва сиёсӣ;

– дар фаъолияти маъмурияти давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;

– ҳамчун воситаи таълимӣ дар омӯзиши фанҳои ҳуқуқ, сиёсатшиносӣ ва фалсафаи давлатдорӣ дар донишгоҳҳои Тоҷикистон;

– барои нақшакашӣ ва татбиқи ислоҳоти демократӣ дар дохили кишвар ва мутобиқсозии онҳо бо ҳуқуқи байналмилалӣ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назариявии марбут ба мафҳуми дунявияти давлат ва давлати дунявӣ дар таърихи муосири ҳуқуқи халқи тоҷик асос меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1 Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар як силсила мақолаҳои илмии унвонҷӯ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар маърузаҳои унвонҷӯ дар конфронсу мизҳои мудавӯввари ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ эроднамуда ва дар маҷмуаҳои илмӣ нашрнамудаи унвонҷӯ инъикос ёфтаанд.

**Тасвиб ва амалисозӣ.** Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи ДДҲБСТ омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда муҳокима шудааст. Нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии зерин дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд:

**I. ҷумҳуриявӣ:**

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ бахшида ба 35–солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли маърифати ҳуқуқӣ ва Рӯзи илми тоҷик «Илму маориф дар пешрафти иқтисодию иҷтимоии давлати ҳуқуқбунёд». – Маъруза: «Теоретические вопросы формирования развития светского государства: международный опыт». – Хуҷанд, 2024.

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ «Масоили иттилоотонии қонунгузорӣ: назария ва амалия». – Маърӯза: «Масоили таҳаввули фаҳмиш ва шаклгирии принсипи дунявияти давлат дар Тоҷикистони муосир: назария ва амалия». – Хуҷанд, 2026.

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ «Истиқлоли давлатӣ ва рушди илми ҳуқуқшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Маъруза: «Дастовардҳои дунявии давлати миллии Тоҷикистон». – Хучанд, 2026.

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ «Криминалистика ва нақши он дар таҳқиқ ва тафтиши ҷиноят». – Маъруза: «Ташаккули заминаҳои ҳуқуқии дунявият дар Тоҷикистони муосир». – Хучанд, 2026.

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ «Рушди илми тоҷик дар шароити муосир: инноватсия ва рақамикунонӣ». – Маъруза: «Сиёсисозии дин ҳамчун омили хатарзо ва таҳаммулнопазир». – Хуҷанд, 2026.

**II. байналмилалӣ:**

– международная научно – практическая конференция «Формирование и эволюция новой парадигмы инновационной науки в условиях современного общества». – Доклад «Политико – правовые аспекты формирования светского государства в Республике Таджикистан». – г.Уфа, (РФ), 2025.

– международная научно – практическая конференция «Формирование и эволюция новой парадигмы инновационной науки в условиях современного общества». – Доклад: «Образовательная политика как инструмент формирования светской идентичности в Таджикистане» – г.Уфа (РФ), 2025.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 13 мақолаи илмӣ нашр шудаанд, ки 4–тои онҳо дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тавсияшуда ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулосаву тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 196 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ОМИЛҲОИ ТАЪРИХӢ–ФАРҲАНГӢ, СИЁСӢ, ҲУҚУҚӢ ВА ИҶТИМОИИ ТАШАККУЛИ УСУЛИ ДУНЯВИЯТ ДАР ДАВЛАТДОРИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

## 1.1. Омилҳои таърихӣ–фарҳангӣ ва иҷтимоии ташаккули усули дунявият дар давлатдории халқи тоҷик

Омӯзиши таърихи давлатҳои ҷаҳон собит месозад, ки ҳар як халқи соҳибдавлат дар масири таърихи дуру дарози пайдоиш, ташаккул ва рушди худ дар хотираи таърихӣ ва таҷрибаи давлатдориаш маҷмуи аломату унсурҳои ҳуқуқӣ, вижа ва махсусгардонидашударо доро аст. Ин маҷмуи унсурҳои махсусгардонидашудаи ҳуқуқӣ, ки бо таҷрибаи таърихӣ дар масъалаҳои муҳимми давлатдорӣ ба ҳукми анъана даромадаанд, на танҳо махсусияти низоми идора, ташкили қудрати сиёсӣ, шакли идоракунии давлат, сохтори он ва режими сиёсиро аз назари давлатдорӣ муқаррар мекард, инчунин бо гузашти айём таъсири амиқи худро ба тафаккури халқ ва наслҳои ояндааш мегузошт. Ҳолати охирӣ табиат ва руҳи сиёсии давлатҳоро дар масъалаҳои муҳимми давлатдорӣ муайян менамояд. Бинобар он, бояд қайд намоем, ки баъзе аз халқиятҳо табиатан майл ба низоми идораи монархиявӣ, дигаре ба идораи демократӣ ва сеюмӣ ба шакли идораи аристократӣ доштанд. Чунки таҷрибаи дуру дароз дар коди генетикии халқият унсурҳои ин навъҳои идораро ҷойгир карда буд. Роҷеъ ба ин махсусияти ташаккули давлатҳо ҳанӯз аз аҳди бостон Афлотун [76] ва Арасту [15], дар асрҳои миёна Ибни Халдун [5; 6] ва Макиавелли [55], дар замони нав Монтескё [67], Ж.Ж. Руссо [87] ва Гегел [23,24] ва дар замони муосир В.С. Нерсесеянс [74], Г.Н. Малтсев [59; 60] ва дигарон изҳори назар кардаанд.

Муҳимтарин нуқтаи мувофиқати ин унсурҳо ба табиати зиндагии ин кишварҳо дар табиати таҷрибаи таърихии халқ, муҳити зист ва вазъи геосиёсии ҳамон давра ба ҳисоб меравад. Маҳз аз ин хотир, халқ ва миллат дар паҳнои ҳамон навъи давлатдорӣ худро нисбатан озод эҳсос

мекард, ки он шакл ва намо ба вай имкони бештару хубтари зуҳури арзандаро таъмин мекард.

Албатта, ин мувофиқати хостаю орзуҳо на ҳамеша ба воқеият дар сатҳи зарурӣ ҷавобгӯ буд, зеро барои амалӣ шудани нияту орзуҳо боз маҷмуи дигар унсурҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ногузир буд. Вале бо вуҷуди ин ҳамон нияту орзуҳои халқ, кӯшишу талошҳои мардум ва таҷрибаи нисбатан муваффақи низоми идора таъсири худро дар рушди хотираи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ва ташаккули ояндаи давлатдорӣ мувофиқ мегузошт. Ҷоизи қайд аст, ки баъзе аз муҳаққиқон натиҷаи ин таъсиррасониро дар шакли руҳияи халқ, табиати миллати сиёсӣ ва анъанаҳои сиёсӣ–ҳуқуқии мардум рунамо кардаанд. Ин вазъиятро то ҷое низоми ҳуқуқӣ ва оилаи ҳуқуқӣ дар сатҳи фазои ҳуқуқӣ таҷассум низ мекунад.

Яке аз масъалаҳое, ки таъсири амиқи анъанавии худро ба мафкураи ҳуқуқии миллат расонидаанд, бешак, таносуби давлат ва қудрати сиёсӣ бо дин ҳамчун шакли ҷаҳонбинӣ буд. Ин масъала аз рӯзгори қадим то замони муосир аз мавзуоти бисёр печидаи илми ҳуқуқ ва сиёсат аст. Дар ин замина, бояд қайд намоем, ки сатҳи оромӣ ва табиати рушди давлат аз ин омил низ сахт вобаста аст.

Ҳамин тавр, дар таърихи давлатдории халқу миллатҳо мо реҷаҳои мухталифи муносибати дину давлатро эҳсос мекунем. Бояд эътироф кард, ки аз ҳамин муносибатҳои ибтидоӣ бо тафаккури динӣ ва муносибати таълимоти динӣ нисбат ба қудрати сиёсӣ, баъдан ташаккули табиати давлатдории ҳамин халқиятҳо махсусияту вижагиҳоро касб кардааст. Гузашта аз он, «мо тавассути дин ва ҷаҳонбинии динӣ ташаккули зиёд аз унсурҳои низоми идораро дар масири таърих дидаем» [105, с. 88–90], ки баъдан, ба табиати давлатдорӣ мазмун бахшидаанд. Ба андешаи муҳаққиқон, ҳатто худи адолати судӣ дар низоми давлатдории халқу миллатҳо як навъи таҳаввулоти фикрӣ ва таносухи расмиёти

додгоҳии динӣ аст, ки он аз Осириси Мисрӣ маншаъ гирифта, то рамзҳои адолати додгоҳии Рашаносии форсҳою Фемидаи юнонӣ такмил ёфтааст. Ин ҳама, ба андешаи профессор А.Ғ.Холиқзода, гувоҳи ташаккули ҳаммонанди фикрии нахустинсонҳо дар тамаддуни бостон буд: «Хулосаи аввал он аст, ки инсонҳо дар ибтидо тавассути рамзу мусаввараҳои мухталифи ҳикматдор кашфи адолати иҷтимоиро бар дӯши неруҳои ғайриинсонӣ гузошта, худро ҳаммаслаку ҳамҷавори онҳо намуда, дар ташкили зиндагии иҷтимоӣ кӯшишҳо кардаанд. Ин ҳолат ақли ҷузъро дар роҳи кашфи адолати асл думболи неруи ақли кулли сохтаи худи инсон ҳидоят кардааст. Ақли кулле, ки орӣ аз ғаразу манфиатҳо, аз кашишу хостаҳо буда, ҳамаро тобеи як низом ва қонуният мекардааст. Дар он рӯзгор ҳамон неруҳои ғайриинсонӣ ва ғайриақлӣ, омили асли эътирофи неруҳо ва рамзҳо дар тафаккури инсонҳои аввалия ҳамин дарёфти адл ва беғаразӣ будааст» [108, с. 15]. Аҷиб ин аст, ки чунин меросияти ҳуқуқиро мо дар доираи динҳои ҷаҳонии баъдӣ дар шакли қабули рамзҳои ҳамагонӣ мушоҳида намекунем.

Ҳамин тавр дар таҷрибаи давлатдории халқу миллатҳо аз замонҳои қадим вобаста аз муносибати байни давлат ва дин мо моделҳои мухталифи низоми давлатдориро эҳсос мекунем. Ин ҳолат, албатта, таъсири худро дар ташаккули давлатҳои муосир ва инъикоси мафкураи сиёсии халқҳо пайдо кардааст. Нуқтаи ташаккули ин муносибат таҷассуми худро дар давлатҳои дунявӣ, секулярӣ ва ё ғайри инҳо пайдо кардааст. Ин ҳолат, ҳамчунин, таъсири амиқи худро ба коди генетикии миллат дошта, ба ташаккули ғояи дурусти давлатдорӣ таъсир мерасонад.

Аз ин нуқтаи назар, таносуби дину давлат дар таърихи давлатдорӣ ва ташаккули шуури ҳуқуқии халқи мо роҳи аҷиб ва сабақомӯзро доро аст. Ба андешаи Пешвои муаззами миллати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «падидаи давлатдории тоҷикон ба мисли як ҳодисаи аҷиб ва ғайримуқаррарӣ аст. Вай аз миёни хокистару нестӣ (борҳо) қомат

бардошта, ба арши аълои худ расида, сипас, зери ҳаводиси рӯзгор ба вайронӣ гирифтор шуда, боз аз сари нав ғайричашмдошт эҳё гардидааст. Ин навъи фарҳанги давлатдорӣ ба ҳеч як халқу миллати дигар дар олам хос нест» [85, с. 138].

Ба андешаи комилан асосноки А.Ғ. Холиқзода, «дар остони таърихи сиёсии халқи мо, он замоне, ки давлатдориҳои паҳлавонии Эрону Тӯрони қавмияти ориёӣ унсурҳои сиёсии қудратро ҷоннок мекарданд, нахустдавлатҳои Пешдодию Каёниёни ориёӣ дар ҳавзаи Ховари Миёна қомат меафрохтанд, дар фазои танзими ҳуқуқӣ ва ташаккули ҳокимияти сиёсӣ дар қатори урфу одат ва анъанаҳо таълимоти дини Зардуштия бо китоби муқаддаси Авасто меистад. Омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ва археологӣ гӯёи он аст, ки оини зардуштӣ дар зиёд аз муноисбатҳои ҳуқуқӣ ва давлатдории ориёиҳои бостон асаргузор буд. Вале дар масъалаи он ки аз назари сиёсӣ дин оё омилии асли ташаккули давлат ва низоми идорӣ буд ё не сарчашмаҳои илмӣ ва таърихи ҷавоби амиқ доранд» [101, с. 488].

Ин ҳолатҳои иҷтимоӣ ва сиёсии эътирофи қудрати сиёсии дунявӣ ва ҷудоии он аз динӣ, аз зинаи оила то давлат, воқеан, дар масъалаҳои бунёдии фаҳм, эътироф ва ташкили ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, барои қарнҳои оянда таъсири амиқ дошт. Ин тамғаи афзалияти фаҳми ҳаёти иҷтимоӣ бо ҷудоии амиқи эҳсосоти динӣ аз дунявӣ дар тафаккури мардуми ориёӣ чунон устувор ҷойгир шуда буд, ки ҳатто баъд аз омадани оини ғайриориёии эътиқоди динӣ бо унсурҳои сиёсӣ шакл ва намои ташкили қудрати сиёсиро дар паҳнои амалкардҳои анъанавии худ нарму мулоим ворид намуд. Ин таҷрибаи бостонии низоми идора таърихан собит карда буд, ки афзалияти кори идораи давлатӣ тӯли таърих ба шукуфоию рушд танҳо дар сурате тамоюли устувор дорад, ки агар табиати низоми идораи давлат ба кори худ машғул гардаду низому унсурҳои динӣ ба иҷрои вазоифи тарбиявию ахлоқӣ ва боварҳои

фарозаминии худ машғул шуда, кори тарбияи мардумро берун аз таъсири низоми идорӣ бо тарсу ҳароси қудрати фарозаминӣ ва рӯзи қиёмат тавассути олами мунъакисшудаи некию бадӣ дар симои гувоҳии ҳаққи «биҳишту» «дӯзах» дар даст дошта бошад.

Гувоҳи ин гуфтаҳо, масалан, мавқеи нахустин низоми ҳуқуқии халқи тоҷик, ки табиатан ба табиати оилаи ҳуқуқӣ [31, с. 371–375] мувофиқ буда, аз назари табиати сарчашмаҳои ҳуқуқӣ табиати шаклӣ ва ақлиро доро аст [18] ва дар фазои илмӣ ҳамчун нахустин низоми ҳуқуқии халқи тоҷик собит шудааст, дар муносибат ба қудрати сиёсӣ нисбат ба дин буда метавонад. Зардуштия асос ва мантиқи зиндагиро дар ду неруи бо ҳам пайваста дар пайкору мубориза мебинад: яке – некӣ дар симои Аҳуро Маздо ва дигаре бадӣ дар симои Аҳриман. Дар ин мубориза дини зардуштӣ аз қудрати нек дифоъ карда, консепсияи ҷаҳондорӣ ё танзими ҷаҳонро дар ҳалқаи чунин як қонунияти устувори маънавӣ таҳия кардааст: «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори (кирдори) нек». Ҳуқуқи зардуштӣ раванди ислоҳоти ҳуқуқиро аз шуури мардум оғоз мекунад. Зеро ҳар ақидаи ислоҳотӣ, ки ба шуури мардум роҳ намеёбад, маҳкуми шикаст аст. Зардуштия бори аввал дар таърихи башарият роҳи хайру некии инсониро кушод, ки аз шуури одамон оғоз мешавад. Дар ин сегонаи оддӣ – пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек таҳкурсии иморати бузург, яъне ҷомеа – қишрҳо, табақаҳо ва синфҳои дорои манфиатҳои мураккаб ва бо ҳам зид гузошта шудааст. Ба ақидаи профессор А.Ғ. Холиқзода: «Ҳуқуқи зардуштӣ имкони шомил шудан ба оилаҳои ҳуқуқи диниро комилан дорад, вале бо вуҷуди ин дар он хусусиятҳое ҳастанд, ки ба ин навъи оилаҳои ҳуқуқ мувофиқ нестанд» [101, с. 60–61]. Агар ба оилаҳои динии ҳуқуқ мабдаи илоҳӣ ва динии идораи давлатӣ хос бошад, пас дар зардуштия шакли ибтидоии ҳокимият – ҳокимияти дунявӣ мебошад. Ин сифати дунявияти низоми ҳуқуқии зардуштияро на танҳо муҳаққиқони ватанӣ, балки донишмандони

машҳури хориҷӣ низ тасдиқ кардаанд. Дар воқеъ, зардуштия, чи тавре ки шоир ва ҳакими забардасти олмонӣ Гёте дар як шеъри худ онро тавсиф кардааст, «дини некӣ ва низоми зиндагӣ мебошад» [24]. Бад ин манзур, ки ҳадафи аслии он бештар на таъмини саодати ухравӣ, балки таъмини тантанаи некиву адолат ва саодати инсоният дар ҳаёти дунявӣ мебошад. Бо ҳамин асос, метавон гуфт, ки дар низоми ҳуқуқии Авасто тафсири мифологии қонунҳои ҳаёти дунявӣ инъикос ёфтааст, ки дар таълимоти дигар динҳои ҷаҳони назири худро надорад.

Ба андешаи А.Ғ. Холиқзода «Ҷамшедшоҳ, ки нахустин шохи Пешдодиён аст, рисолати паёмбариро аз Аҳуро Маздо қабул накарда, бо хоҳиши ӯ (Аҳуро Маздо) рисолати подшоҳиро пазируфтааст. Ҳамин далели қатъӣ бар он аст, ки давлатдории қадимаи тоҷикон на дар шакли ғояи давлати теократӣ, балки дар шакли ғояи давлати дунявӣ нахуст шуда рӯйи кор омадааст». [101, с. 60–61] Андешаҳои профессор А.Ғ. Холиқзода асосҳои илмӣ ва таърихӣ доранд, зеро сарчашмаҳои таърихӣ, ки дар бораи ибтидои давлатдории ниёгони тоҷику форс, ки сарчашмаҳои боэътимоданд, ҳамагӣ гувоҳи онанд, ки дар остонаи давлатсозӣ гузаштагони мо навъи давлатдории секулярӣ ва дунявиро асоси таъсиси иттиҳоди сиёсӣ донистаанд. Ин навъи таснифоти идораи иттиҳод аз шаклҳои ибтидоӣ то мураккаби муносибатҳои ҷамъиятӣ аз қадим миёни ҷамоаи авастоӣ маълум будааст.

Дар воқеъ, сарчашмаҳои илмӣ, адабӣ ва таърихию динӣ далели қатъӣ доранд, ки “ниёгони мо дар остонаи таърих шаклу услубҳои ниҳоят мантиқӣ таснифшудаи рукнҳои идориро доро буданд. Авасто, ки нахустин маълумотномаи динӣ, таърихӣ ва адабию забонии ниёгони мо буда, ба ҳайси сарчашмаи илмии «энсиклопедӣ» [85, с. 33–48] эътироф шудааст, шоҳиди гӯёи ин ҳақиқати бебаҳс аст. Авасто аз номи Аҳуро Маздо дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ омилӣ сиёсӣ–ҳуқуқии оғози идоракунии дунявиро ба шоҳаншоҳи Пешдодӣ Ҷамшедшоҳ месупорад:

«Зардушт аз Аҳуро Маздо пурсид: «Эй хиради муқаддас, дар байни мардум, ғайр аз ман, бори нахуст бо кӣ суҳбат кардӣ ва дини аҳурой ба кӣ додӣ?» Аҳуро Маздо гуфт: «Эй Спантаман Зардушт, ғайр аз ту бори аввал бо Йимаи (Ҷамшедшоҳ нахустподшоҳи сулолаи Пешдодиён – Х.И.) зебо, соҳиби рамаҳои хуб суҳбат кардам ва дини Аҳуроро супордиа гуфтам: «Эй Йимаи зебо, писари Вивахват. Ман дини худро ба ту месупорам». Йима ҷавоб дод: «Эй Аҳуро Маздо, хиради муқаддас, ман барои кори таблиғу нубувват офарида нашудаам». Пас ба ӯ гуфтам: «Барои ту беҳтар аст, ки парваришу афзоиши дунёро бикун». Йимаи зебо гуфт: «Мепазирам, вале ба шарте, ки дар мулки ман на боди сард вазад, на боди гарм, на беморӣ бошад, на марг». Баъд ба Йима ду чиз додам [36, с. 425]: ангуштарини тиллоӣ ва асои тиллоӣ. Бо онҳо Йима соҳиби қудрат шуд» [68, с. 218].

Тарзе дарк мекунем, дар китоби муқаддаси зардуштиён Авасто оғози идораи давлатӣ дар таърихи халқ, ҳатто бо дахолати Худованди некӣ Аҳуро Маздо на дар шакли идораи динӣ, балки дар шакли идораи дунявӣ бо усулҳои маъмурӣ–фармонравоӣ пешбинӣ шудааст. Авасто низоми идоракунии дунявиро қонунӣ мегардонад. Хоҳиши Аҳуро Маздо дар шакли «Эй Йимаи зебо, писари Вивахват. Ман дини худро ба ту месупорам» маънои онро дошт, ки Ҷамшедшоҳро ба сифати паёмбарӣ мехост интихоб намояд ва идораи мулкро ба ӯ дар шакли давлати теократӣ супорад. Вале, чунон ки равшан аст, Ҷамшедшоҳи одил рисолати паёмбариро аз Аҳуро Маздо қабул накарда, мегӯяд: «Эй Аҳуро Маздо, хиради муқаддас, ман барои кори таблиғу нубувват офарида нашудаам». Ҳамин ҷавоб инъикосгари он аст, ки Ҷамшедшоҳ рисолати паёмбариро дар шакли пешбаранди сиёсати динии ҷомеа қабул намекунад ва ишора мекунад, ки кори таблиғу нубуват кори ӯ нест. Вале, чун Аҳуро Маздо ӯро менамояд, ки: «Барои ту беҳтар аст, ки парваришу афзоиши дунёро бикун! (яъне, чун ту (Йима) рисолати паёмбариро қабул

накардӣ, пас беҳтар аст, ки масъалаи идораи давлат ва ҷомеаро ба даст гирӣ. –И.Х.)», зеро «парваришу афзоиши дунё» ифодагари масъули идораи дуянвии ҷомеа будан аст. Ин кор вазифаи динӣ не, балки дунявӣ аст, ба нафаре мансуб мешавад, ки вай дар пайи афзоиши неъмати дунё ва идораи дурусти иттиҳод банд мегардад. Ба ин муроҷиат шоҳаншоҳи нахустини Пешдодӣ, ки он вақт ба ин мансаб набудааст, ҷавоби тасдиқӣ медиҳад, яъне розӣ мешавад. Худи ҳамин амри Аҳуро Маздо ба Ҷамшеди Пешдодӣ ҷиҳати машғул шудан ба кори идораи дунё пас аз он, ки Ҷамшед рисолати ҳукумати диниро қабул накард, гувоҳи он аст, ки дар ҳамон олами куҳан масъалаи идораи дину дунё миёни мардуми ниёгони мо аз ҳам ҷудо будаанд ва аз ҳам ҷудо баррасӣ мешудаанд.

Ишораи Аҳуро Маздо ба ангуштарин ва асои тиллоӣ ҳамчун нишони расмиёти эътирофи қудрату ҳокимият пазируфта шудааст. Яъне, қонунигардонии салоҳияти ҳоким дар симои шоҳ бо гирифтани ҳамин ду ашё–яке ангуштарин ва дигаре асо, амалӣ мегардад. Ҳамин тавр, дар баробари таҳияи заминаи ҳуқуқии ташаккули давлатдории дунявӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ, масъалаи доштани рамзҳои давлатӣ ҳалли худро меёбад.

Дар давраҳои минбаъда мундариҷаи нишонаҳои қудрат ва ҳокимият бо фар(р)ҳо – рамзҳои гуногуне бой шуд, ки ҳар кадомашон вобаста ба аломатҳои худ ба ин ё он ҳокими мушаххас тааллуқ дошт. Масалан, рамзи «гов» – аломати вориси тахт, моҳи ҳилол – аломати ҳоким ва шаҳрдори Форс маҳсуб мешуд. Чунин тақсимоти расмии ниҳодҳои давлатӣ дар Шарқ  хусусияти хоси рушди ниҳодҳои ҳуқуқӣ–давлатӣ мебошад, ки дар Ғарб назири худро надошт. Гузашта аз ин, чӣ тавре ки ин нуктаро ҳафриёти бостоншиносӣ тасдиқ мекунанд [119, с. 4], «аз эҳтимол дур нест, ки онҳо дар ибтидо нишонаҳои худоён ҳам дар тамоми Шарқи қадим» [43, с. 176], ҳам дар Осиёи Миёна буданд. Баъдан,

ин анъанаи рамзгузории қудрати сиёсӣ дар табиати давлатдории шоҳони асрҳои миёна ба таври назаррас рушд кардааст.

Тибқи иттилои дақиқи сарчашмаҳои илмӣ ва андешаи собитшудаи муҳаққиқон, дар давлатҳои асримиёнагии Осиёи Марказӣ, аз Сомониён сар карда то Темуриён, намунаи равшани аломатҳои рамзии давлат ва мақомоти давлатӣ мавҷуд будаанд.

Аломатҳои рамзии сиёсии мақомоти давлатиро на танҳо дар шакли парчам ва расмҳои бо масъулияти баланди сиёсӣ офарида ва дар паҳнои парчам ва ё дигар рукнҳои қудрати сиёсӣ ҷойгирифтаи салтанатҳо, ба мисли нимамоҳ, сари ҷондорон ва ғайра, ки ҳар як ба мақому манзалати низоми идораи даврон шукуҳу шаҳомати хоса мебахшиданд, инчунин дар шакли ашёҳои ҷудогонаи соҳаҳои муайяни иҷтимоӣ (мисол, ба сифати рангу рангдон, чатрҳои бо рангҳои махсус орододашуда ва ғ.) низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки ин аз рушди амалии соҳаҳои идораи давлатӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ин аломатҳо ҳамчун рамзи мансаби муайян аз мансаби олии давлатӣ аз шоҳ ё амир сар карда, ба ҳар як мансабдори давлатӣ бо ишорати тасдиқшудаи муайяни моддӣ ва ё рамзӣ дар шакли аксу мусавварахои дигар аз ашёи олами моддӣ дода мешудаанд. Сарчашмаҳои таърихӣ далолат бар он доранд, ки дар вақти маҷлисҳо султонҳои Хоразмшоҳӣ вазиронро аз дасти рости худ мешинонданд. Вазир дар курсии сиёҳ менишаст. Вазир лақаби Низом–ул–мулк (низоми мулк)–ро дошта, ҳангоми даромадани шахсони мансабдор (ҳатто агар он шахс султонзода, меросбари мулки шоҳӣ бошад ҳам) аз ҷой намехест. Воқеан, дар таҷрибаи давлатдории Шарқ чунин муносибатҳои расмии ба ҳукми анъана даромадаи сиёсӣ ва рамзие маъмул буданд, ки ҳамагӣ аз табиати баланди низоми идораи давлатӣ ва дунявӣ доштани онҳо дарак медиҳанд. Ҳатто ҳангоми маҷлисҳо ва ҷаласаҳои қабули шоҳӣ, ҳар яке аз шахсони мансабдору донишмандон ҷои муайяни худро доштанд. Ин

ҳама этикети низоми давлатдориро аз як тараф баланд бардошта, аз ҷониби дигар, ба табиати расмиёти давлатдорӣ шукуҳу шаҳомати хоса мебахшид. Ин ҳолати зуҳури қудрати дунявиро баъзе аз сарчашмаҳои адабӣ низ хуб тасвир кардаанд. Мисол, Мавлонои Румӣ, шоир ва мутафаккири бузурги асри XII, ки дар давраи охири ҳукмронии Хоразмшоҳиён зиндагӣ кардааст, чунин овардааст:

«Подшоҳонро чунин одат бувад,
Он шунидӣ бош он ёдат бувад.
Дасти чапшон паҳлавонон истанд,
З–он, ки дил паҳлӯи чап бошад ба банд.
Мушрифи аҳли қалам бар дасти рост
З–он ки илми сабту хат он дастрост». [54, с. 284]

А.Ғ. Холиқзода чунин зикр менамояд: «Мавлоно Ҷаллолиддини Балхӣ дар дасти рост нишастани вазиру аҳли қаламро бо қобилияти дасти рост, ки навиштанро бар дӯш доранд, вобаста мекунад… ки ин равиши росту ростқавлӣ аз қадим тарғиб мешуд» [106, с. 196].

Ҳамин тавр, тарзи ташкили қудрат дар асрҳои миёна зери таъсири ҳамон рукнҳои давлатдории дунявӣ ва андешаҳои таснифоти ҳокимияти давлатӣ аз динӣ ва дар навбати худ, дар партави сохторҳои идоракунии давлатӣ бо ворид намудани аломатҳои соҳавӣ ва касбӣ, ба маротиб такмил ва тавсеа ёфта буд.

Намои давлатҳои дунявии ин даврон ба дараҷае рушд карда, тағйир ёфт, ки тартибу ташкили зуҳури қудратҳои сиёсӣ дар ҳудуди давлатҳои муайян бо рамзу усулҳои фарҳангӣ, ҳудудӣ ва ҷуғрофию сиёсиашон аз ҳамдигар комилан фарқ мекарданд. Ин ҳама гувоҳи он буд, ки шоҳроҳи рушди давлатдории дунявӣ ба паҳноҳои нави дарки қудрат ҳамчун нуқтаи идоракунии ҷомеа ва давлатҳо расида буд. Сарчашмаи ин ҳама рушду такмили қудрати дунявии сиёсӣ, ба назари мо, ба таҷрибаи идоракунии ниёгони тоҷику форс дар аҳди бостон рафта мерасад, ки

баъдан, бо хатти таърихии интиқолдодаи Ҳахоманишиён, Сосониён ва Сомониён ҳамчун иттилооти бунёдии шоҳроҳи сиёсӣ ба дигар қабоили давлатдоршудаи Ховари Миёна расидааст.

Ҷоиз ба ёдоварист, ки дар саргаҳи низоми идораи дунявии мо– тоҷикон, аз назари сиёсӣ давлатдориҳои бостоние чун Пешдодиён, Каёниён ва Ҳахоманишиён истодаанд. Тибқи маълумоти Авасто, Пешдодиён низоми идораи ҳаммонанд ба дунявии муосирро оғоз намуда, Каёниёну Ҳахоманишиён онро идома додаанд. Давлати Пешдодиён дар сарчашмаҳои таърихӣ давлати комилан дунявӣ муаррифӣ мегардад. Каёниён, ки бештар аз 700 сол ҳукмронӣ кардаанд, тавозуни муносибати одилонаи дину давлатро нигоҳ дошта, низоми дунявӣ ҷудо аз низоми динӣ фаъолият мекард. Маҳз дар ҳамин давра, дар замони ҳукмронии Гуштосп, оини зардуштӣ зуҳур кардааст.

Дастовардҳои давлати Каёниёнро дар самти таносуби дурусти низоми идораи дунявӣ бо динӣ, минбаъд Ҳахоманишиён ва дигар салтанатҳои тоҷику форс ва дигар аз мардумони минтақа чун намуна истифода кардаанд.

Ю. Яъқубов чунин зикр менамояд: «Давлати Каёниён дар таърихи халқҳои ориёнажод нақши бузург бозидааст. Маҳз дар ҳамон давра чорчӯбаи сохтори давлатдорӣ ташкил шуда буд, империяи ҷаҳонии Ҳахоманишиён аз он истифода намудааст. Шоҳони Ҳахоманишӣ худро ворисони Каёниён медонистанд, агарчӣ ба онҳо ҳеҷ хешовандӣ надоштанд» [37, с. 6–7].

Далоили болозикр гувоҳи он аст, ки ниёгони тоҷикон аз аҳди бостон дар коди генетикии худ нақши дунявиятро устувор ҳифз ва тарғиб кардаанд.

Дигар ин ки, дар таърихи фалсафаи иҷтимоӣ ва афкори сиёсии мардуми ориёинажод тавассути ҳамин муқаррароти Авасто равшан мегардад, ки низоми идоракунӣ қабл аз тарғиб ва идораи динӣ нахуст

шакли идораи дунявӣ гирифтааст, зеро истилоҳи «парваришу афзоиши дунё» ишора ба шакли идораи дунявӣ ва сиёсии мамлакатро дорад. Ин суханони шахси одӣ ё олими ҷудогона ва ё сарчашмаи таърихӣ не, балки суханонеанд, ки гӯяндаи онро мардуми бостонии форс ба сифати Худованд Аҳуро Маздо эътироф мекарданд.

Ин суханон дар китоби муқаддаси Авасто омадаанд, ки дар таърихи бештар аз ҳазору панҷсад сол дар ҳудуди чор салтанати ҷаҳонии форсҳо (Каёниён, Ҳахоманишиён, Сосониён ва Портҳо) ҳамчун китоби бовару эътиқоди мардум баромад мекард ва ба сифати нахустдастурамали зиндагӣ эътироф шуда буд. Ин дастурамал барои пайравони худ равшану возеҳ мегуфт, ки дар оғози тамаддуни Шумо ниёгонатон дар симои Ҷамшедшоҳ ба намои идораи дунявии давлат пардохта, рисолати паёмбарӣ ва тарғиби идораи диниро қабул накардааст. Мардум низ аз он огоҳии рӯзмарра мегирифтанд, ки нахустподшоҳи онҳо фармонравои давлату ҳукумат ва дорои қудрати сиёсии дунявӣ буд, на динӣ.

Муҳимтар аз ҳама, ин ҳолат дахолати беҷои дин ва ҷаҳонбинии диниро дар сарҳади муайян аз давлат ҷудо нигоҳ медошт. Ин аломат, унсури бениҳоят равшани ҷудоии идораи шакли идораи дунявӣ аз динии давлат ва ғояи теократия дар оғози таърихи мардуми форс буд, ки ҳанӯз дар оғози таърихи худшиносии динию бумии мардумони тоҷику форс дар қолаби ташаккулёбии тафаккури иҷтимоӣ ва сиёсӣ сарҳади устувори ҷудоии намои дунявиро аз намои динии идораи ҷомеа матраҳ мекард.

Нахустин асосҳои иҷтимоӣ – ҳуқуқӣ ва мантиқии ҷудошавии қудрат ва мазмуни идора ҳанӯз дар шаклҳои ҳамзистии тодавлатии ҷомеаи инсонӣ падид омадаанд. Сазовор ба ёдоварист, ки таълимоти зардуштия ногузирии ҷудоии унсурҳои идораи шаклҳои ҳамзистиро зери дидгоҳи ҷаҳонбиниҳои мухталиф ҳанӯз то пайдоиши давлат масъалагузорӣ кардааст. Таълимоти зардуштия масъалаи ҷудоии

қудрати дунявиро аз динӣ танҳо дар паҳнои давлат дар шакли ҷудоии ҳокимияти дунявӣ аз динӣ дар паҳнои сиёсати давлатӣ масъалагузорӣ накардааст, балки ин таснифнамоии таъсиррасонро ҳанӯз аз лаҳзаи эътирофи ҳукумати иҷтимоӣ дар паҳнои оила, авлод ва қабила ҳамчун шаклҳои ҳамзистии то давлатӣ ногузир донистааст. Пойдорӣ ва ба мақсад мувофиқ будани ин навъи таснифнамоии низоми идоракунии давлатро аз васати дигар шаклҳои ҳамзистӣ тӯли тарбияи маънавии пайравонаш таълим ва омӯзиш додааст. Аз назари таърихӣ шояд ин танҳо як таълими шаклҳои намунаи ҳамзистии унсурҳои иҷтимоии тодавлатӣ набуда, балки инъкоси воқеияти таърихии рушди ҳаёти иҷтимоии мардуми ориёӣ дар дарозои таърихии ҳаёти тодавлатӣ будааст.

Мутобиқи меъёрҳои муқарраркардаи Авасто шаклҳои ҳамзистии тодавлатӣ миёни мардуми ориёнажоди Ховари Миёна дар шакли оила, авлод ва қабила бо номҳои муайяни авастоӣ номбар шудааст.

Тибқи иттилоии аллома Бобоҷон Ғафуров дар китоби “Тоҷикон” мутобиқ ба таълимоти Авасто (дар қисмати Яшти X), муқаррар шудааст, ки «оила «нмана»– сарвари динии он «нманйа» ва сарвари чунин оилаи патриархалӣ–«нманапати» зани калонӣ, дар оила «нманапатни» кадбону номида мешуд. Авлод бо истилоҳи «Вис» шинохта мешуд, сарвари динии онро «висйа» сарвари дунявии онро «виспати» мегуфтанд. Сарвари қабиларо «зантум», сарвари динии онро «зантума», роҳбари дунявияшро «зантумапати» мегуфтанд. Ватан ва мамлакат «дахю», сарвари динии он «дахюма», сарвари дунявӣ «дахюмапатиё» номида мешуд» [21; 22]. Шояд аз таъсири ташаккули забонӣ ва ё таъсири унсурҳои мавҷудаи низоми иҷтимоӣ ва сиёсӣ буд, ки аллакай дар аҳди Ҳахоманишиён роҳбарони мулкҳоро сатрапияҳоро – хштатрапаван [106, с. 56–57] меномиданд.

Ба ақидаи А.Ғ. Холиқзода «Авасто ҳамчун ёдгории таърихӣ дар баробари меъёрҳои динӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ муқаррароти зиёди забоние

дорад, ки дар бораи вожаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замони нузул ва амалаш иттилоъ медиҳад» [106, с. 83]. Мисол, Авасто ҳокимонро бо вожаи «састар» ёдрас мешавад, ки иттифоқи мулкҳоро, конфедератсияи давлатҳоро «дахюсасти», сардории онро «дахюпатии тамоми дахюҳо». Ваколати вайро, яъне даҳюпатии тамоми мулкҳоро шурои бузургони ахюсастиҳо бо номи «дахюнам фратемадато» маҳдуд мекунад. Яъне, худи вожаи «Дахюма фратемадато» ҳамчун шурои бузурге шояд даҳгона бошад, хотиррасон мегардад. Шурои умумиро, ки «назорат аз болои фаъолияти қабила дар шахсияти зантумапатӣ ва дар ҳолати иттиҳоди қабилаҳо аз болои «Дахюма фратемадато» мебурд, онро одатан «Ҳанҷамана», бо забони имрӯзаи тағирёфтаи тоҷикӣ «анҷуман», меномиданд.

Авасто ҳамчунин узвҳои нокомилҳуқуқи ҷомеа аз қабили: вира, вайса ва парийатарро низ муқаррар мекунад. Мувофиқи Авасто вира мақоми ғуломро доштааст, «вайса» ва «парийатар» чун аъзои хурди оила ёдрас шудаанд. Қобилияти амалкунии пурраи шахс ҳузури гурӯҳи бизоатмандон бо пӯшонидан ва бахшидани камарбанд ва пироҳани муқаддас иҷро мешуд.

Танҳо баъд аз ба 15 – солагӣ расидан, шахс ҳуқуқи зиндагии мустақилона ва бастани ақди никоҳро дошт.

Тарзе равшан мешавад, сарчашмаи таърихии Авасто ба мо дар бораи сохтори иҷтимоии ҷомеа ва унсурҳои сохтори авлодӣ – қабилавӣ то ташаккули давлат маълумоти фарох медиҳад. Ҳақ ба ҷониби устод Пури Довуд аст, ки дар ҳаққи ин сарчашмаи нодир гуфтааст: «Дар Готҳо (бахшҳои Авасто – Х.И.) дин, таърих ва забон ҳар се марбут ба ҳаманд. Қисмате аз воқеаҳои таърихии қавмеро дини ӯ сабаб аст. Басо аз воқеаҳои таърихиро ба василаи қонуни мазҳабӣ бояд ҳал намуд. Ҳамчунин, агар хоста бошем, ки ба арзиши луғавии забони қавме

бархӯрем ва ба маънии аслии таъбироти ӯ, истилоҳоти он пай барем, донистани таъриху дини он қавм ногузир аст» [82, с. 6–7].

Дар ҳамин гуфтори авастошиноси машҳури қарни гузашта Пури Довуд, се ҳикмати бебаҳс ҷой дорад, ки ба мавзуи тадқиқоти мо дар доираи сарчашами истифодашаванда, рӯшноии амиқи таърихӣ меафканад.

Якум, Авасто таърихи фарҳанги мо иртиботи таърихӣ, забонӣ ва динӣ дорад. Мо акнун илова мекунем, ки он иртиботи сиёсӣ ва ҳуқуқиро низ доро аст.

Дуюм, ҳодисаҳои таърихии халқ қисман бо дини ӯ вобаста аст, воқеан, асари тасаввуроти динӣ ва аҳкоми он дар таърихи минбаъдаи халқ равшан ва бебаҳс аст. Аз кунгураи фаҳми ҳамин ҳикмат таъсири муқаррароти Авасто дар масъалаи таснифи ҳукумати дунявӣ аз динӣ дар паҳнои муносибатҳои хонаводагӣ ва баъдан, давлат ба ташаккули тафакури ниёгони миллати мо ва давлатдории он бениҳоят амиқ ва устувор аст.

Ва ниҳоят, сеюм, омӯзиши Авасто ба сифати сарчашмаи таърихӣ ва ҳуқуқӣ бебаҳс аст. Зеро меъёрҳои иҷтимоии он, ба вижа меъёрҳои табиати ҳуқуқӣ доштааш дар тақсими ҷомеа ва муайян кардани салоҳияти аъзои ҷомеа, дар зинаи таназзули сохтори авлодӣ ва ташаккули низоми ҳокимияти сиёсӣ аз ҳар ҷиҳат сабақомӯз аст.

Ҳамин тавр, номгузориҳо ва вожаҳои истифоданамудаи Авасто, ки субеъктҳои сохтори иҷтимоиро равшан мекунанд, ҳамагӣ гӯёи онанд, ки ҷамоаи қадимаи форсу тоҷик дар аҳди Авасто аллакай аз назари унсури иҷтимоӣ ба дараҷае мураккаб шуда буд, ки дар таркиби он мо аломати тақсимшавии ҷомеаро ба боёну камбағалон, ба мансабдорон ва мардуми авом, бо намояндагӣ аз оилаву авлоду қабилаҳо сахт эҳсос мекунем. Дар ҳамин аснои таснифшавии ибтидоӣ тавре равшан аст, мо ҷудоии унсури идораи диниро аз дунявият сахт эҳсос мекунем. Аҷиб он аст, ки ин

ҷудошавӣ дар шакли ҷудошавии сардори ҷинсии оила бо аломатҳои боқимондаи модаршоҳӣ ва падаршоҳиро доро буда, дар идомаи он ҷудошавии қудрату нуфузи диниву дунявиро низ равшан мушоҳида мекунем.

Дар ҷомеаи авастоӣ сардорони динӣ аз дунявӣ дар ҳудуди оила, авлод ва қабила амиқ тақсим шуда будаанд. Онҳо дар шакли сардорони динии оила «намнйа», «висйа» ва «зантума» дар муқобили сарварони дунявии онҳо «нманапатӣ», «виспатӣ» ва «зантумапатӣ» эътироф мешудаанд. Ин ҳолат, бешубҳа, гувоҳи он аст, ки қудрати низоми идораи динӣ аз дунявӣ ҳанӯз аз аҳди бостон дар сатҳи оила ва муносибиатҳои оилавӣ то сатҳи авлоду қабила сахт ва устувор ҷудо шуда будааст. Ин ҷудошавии воқеии фазои динӣ аз дунявӣ дар шакли мақомдорони сохтори авлодӣ дар фазои гузариши ҷомеа аз ҳокимияти ҷамоавӣ ба ҳокимияти сиёсӣ, бидуни истиҳола, ин аломати худро ба фазои сиёсӣ ва ҳуқуқии мардуми ориёнажод кӯчонд. Ин буд, ки мо дар худи Авасто чунин ҷудошавии қудратро ба динию ғайридинӣ дар марҳалаи ибтидоии давлатдории Пешдодиён аз забони Аҳуро Маздо шунидем.

Хулосаи якум, ва ибтидоии мо дар бораи ташаккули ҳаёти иҷтимоии мардуми ориёнажод, ниёгони мардуми тоҷику форс ин аст, ки гузаштагони мо ҳанӯз аз аҳди қадим дар остонаи тамаддун ва ташаккули ҳокимияти иҷтимоӣ ва баъдан, сиёсӣ, амиқан ҷудоии ҳокимияти диниро аз дунявӣ дарк ва ҳазм карда будаанд. Муҳимтарин ҳикмати ин дастовард он буд, ки ин тарзи ҷудоии ҳукумат ва ташкили низоми идора аз зинаи оила, авлод то қабилаву давлат рушд намуда, ба таснифоти функсионалии шаклҳои ҳамзистӣ, тақсими ҳуқуқии вазифаву салоҳиятҳо ва рушди ҷаҳонбиниҳои динию сиёсӣ асос гузошт. Мардуми минтақа ботинан тавассути меъёри динӣ ва зоҳиран тавассути ҳаёти ташаккулёфтаи иҷтимоии худ дарк ва ҳазм намуданд, ки идораи соҳаҳои иҷтимоӣ дар шакли идораи сиёсӣ ва динӣ бояд ҳатман аз ҳам ҷудо

бошанд. Ин ҳолат таъсири минбаъдаи худро аввал ба таснифоти паҳнои идораи сиёсию ҳарбӣ дар аҳди Ҳахоманишиён расонида, сипас, то давлатдориҳои ҳавзаи тамаддуни исломии Мовароуннаҳру Хуросон, дар фазои ҳуқуқӣ доман афрохт.

Сарчашмаҳои таърихӣ–ҳуқуқӣ гувоҳи онанд, ки Ҳахоманишиён, ин нахустин сулолаи давлатдории қадимаи дар сатҳи ҷаҳонӣ сабтшудаю эътирофгардидаи ниёгони мардуми тоҷику форс низоми идораи давлатро алорағми зиёд аз нахустдавлаҳои салтанатии олам, амиқан ҷудоии ҳокимияти дуняviро аз ҳокимияти ҳарбӣ медонистааст. Сарчашмаҳои таърихӣ аснои ишорат ба мансабҳо ва сохтори низоми идораи Ҳахоманишиён ишораи асосиро ба миёнаи салтанати ин дудмон, оғоз аз давраи ислоҳоти Дориюш замони расман ҷудо шудани қудрати ҳокимони ҳарбӣ аз дунявӣ кардаанд. Ин ҳолат аз назари таҷрибаи анъанавии давлатдории бостон, ки дар Мисру Бобулистон ва Чину Ҳинд намунаи омехтаи худро дар шакли ҳокимияти истибдодӣ доимӣ доро будаанд, аз бисёр ҷиҳат ибратомӯз ва намуна арзёбӣ мегардад. Тибқи сарчашмаҳои дақиқи таърихӣ, дар аҳди Ҳахоманишиён роҳбарии кишварҳои маъмурии сатрапияро сатрапҳо, ки пештар хшатрапаванд «ҳомии шоҳигарӣ» ном доштанд, ваколатдор буданд, ки онҳо аз ҳисоби маъмурон ва ҳокимони маҳаллӣ интихоб ва таъин мешуданд. Аммо, шоҳаншоҳони Ҳахоманишӣ Куруш ва Доро вазъи иҷтимоию сиёсиро ба инобат гирифта, хшатрапавандро қатъиян аз ҳисоби мардуми форсҳо таъин менамуданд [27, с. 53–111.].

Дар аҳди Куруш ва Камбиз ҳокимияти шаҳрвандӣ ва ҳарбӣ то ҷое, тибқи баъзе иттилоот омехта буд. Ба андешаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «Куруши бузург ва Дорои 1 хуб эҳсос мекарданд, ки дар чунин як салтанати бузург (беш аз 20 сатрапияҳо дошт – Х.И.) дар сатрапияҳо дар дасти як шахс мондани қудрати сиёсӣ ва ҳарбӣ омили афзоиш ёфтани ҳаракатҳои сепаративӣ буда, таҳдид ба амнияти империяро

дорад. Маҳз ба ҳамин хотир Дорои 1 ислоҳоти идоракунии давлатиро ҷорӣ карда, низоми идоракунии дунявиро аз ҳарбӣ тақсим намуд» [85, с. 142]. Доро дар ислоҳоти худ ин ду қудратро аз ҳам ҷудо намуда, ваколатҳои дунявиро аз ҳарбии қумандонон ҷудо намуд. Дар натиҷа хшатрапавандҳо чун сардорони сиёсӣ чунин ваколатҳоро доштанд: ҳокими дунявӣ ҳамчун сарвари ҳукумати кишвар ваколатҳои судиро иҷро менамуд, фаъолияти хоҷагӣ ва қабули андозро дар мулк назорат менамуд, таъмини бехатарии мулк, ҳокимони маҳаллиро назорат мекард. Онҳо ҳуқуқи сикка задани тангаҳои мисин ва нуқрагиро доштанд, дар ҳолатҳои оромӣ шумораи муайянкунандаи ҳимоякунандагони худро соҳиб буданд.

Артиш пурра тобеи сарлашкарон буда, тамоми ваколатҳои ҳарбиро бар души онҳо вогузошта буд. Қумандонҳои ҳарбии сатрапияҳо танҳо тобеи шоҳони Ҳахоманишиён буданд. Баъд аз Дорои I ислоҳоти ӯ дар соҳаи идоракунии давлатӣ чун тақсими ваколатҳои ҳарбӣ ва дунявӣ тибқи иттилои баъзе аз сарчашмаҳо то сатҳе вайрон мешавад. Як қатор хшатрапаванҳо тобеи қумандонҳо буданд, дар баъзе аз мулкҳо ҳарду вазифаро як сатрап иҷро мекард. Яъне, дар шароити ноором̣ӣ афзоиши нуфузи ҳарбиён дар мамлакат эҳсос мегардад. Чун шароити таснифоти комили ваколатҳо дар давлатҳои дунявии бостон вуҷуд надошт, вазъият ва ҳудуди васеи салтанат ҷиҳати ҳалли оҷилии масъалаҳои амниятӣ ва ҳарбӣ нуфузи командирони ҳарбиро, ки дар итоаташон лашкар доштанд, бо мурури замон васеъ ва ҳалкунанда кард. Мо як равиши гузариши ҳокимияти дунявиро ба итоати ҳокимияти ҳарбӣ мушоҳида мекунем, ки ба ташаккули ибтидоии монархияи ҳарбии минтақавӣ дар шакли феодализми бармаҳали ҳарбӣ мушоҳида шудааст.

Албатта, ин дур рафтанҳо аз принсипҳои идораи давлати Ҳахоманишиён дар ниҳояти кор ба заъфи давлатдории онҳо оварда расонд.

Ин равиши табдилёбии табиати қудрат бо омезиши функсионалӣ дар аҳди Ҳахоманишиён дар вобастагӣ ба мавзуи таҳқиқоти мо гӯёи он аст, ки ҷудоии устувори шаклҳои идораи ҷомеа, дар кадом шакле набошад, танҳо дар сурати таснифоти дурусти ҳуқуқу ваколатҳо ва мувофиқ омадани таъиноти онҳо ба шароити замону макон ва мафкураи ҷомеа, имкон дорад натиҷаҳои мусбат ба бор орад. Бинобар он, бо вуҷуди он ки дар самти ташаккули мафкураи ҷомеа сарчашмаҳои динӣ ва таърихӣ роҷеъ ба тақсимоти амиқи шаклҳои ҷаҳонбинӣ ва таснифоти қудрати он зиёд гуфтаанд, вале рафти такмили он дар паҳнои қудрати сиёсӣ аз ҳарбӣ, дар шакли дунявӣ аз идораи ҳарбӣ дар масири таърих ба мушкилиҳои муайян дучор гардид. Баъдан, мо мебинем, ки ин навъи ҷудоии қудратро дар самти идораи дунявӣ ва ҳарбӣ нахустдавлати мутаммаркази тоҷикон Сомониён низ кӯшиши амалӣ кардан мекунад. Мутаассифона, бинобар дигар авомилхои дохилию хориҷӣ ва шиддат гирифтани нооромиҳои аз дудмони қабоили кӯчманчии минтақа сарзананда, ҳукумати ҳарбии кӯчиён соҳибқудрати низоми дунявӣ гардид, ки ин ба сарнагун сохтани давлатдории тоҷикон муосидат кард. Вале ин оқибатҳои нобоби даврони муайяни таърихӣ низ ҳикмат ва нуктаҳои мусбати ин кӯшиши таснифнамоии қудрати дунявиро аз қудрати ҳарбӣ ва ё динӣ дар масири таърих кам намекунад. Зеро принсипи ҷудо будани ҳокимияти давлатӣ аз фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ ва таснифи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, ки дар моддаи 8 ва 9 Конститутсияи мо омадааст гувоҳи он аст, ки ин иқдоми таърихии ниёгони миллати мо дар остонаи таърих, қадами сиёсие ба пеш, ба муҳлати ҳазорсолаҳо партофтан буд.

Ҳамин тавр гузариши босуръати сабақомӯз аз таҷрибаи давлатдории ниёгонамон то давраи тамаддуни исломӣ бозгӯйи он аст, ки ниёгони мо назаран ва амалан дар паҳнои рушди мафкураи ҷомеа ва муносибатҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҷудо будани ҳокимияти дунявиро аз

хоқимияти динӣ сахт эҳсос карда, роҳҳои ҳуқуқии таснифи ҳокимияти дунявиро аз динӣ дар таҷрибаи сиёсии худ замина гузошта буданд. Онҳо ин роҳи ҷудошавиро ҳамчун оини дурусти ҷомеасозӣ ва давлатсозӣ қабул намуда, барои наслҳои оянда ба мерос дода буданд.

Оид ба пайдоиши ҳокимияти давлатӣ. Муҳаққиқ Чунакова О.М. чунин иброз менамояд: «Аз лиҳози назариявӣ, пайдоиши ҳокимият, тибқи дастуроти авастоӣ, вобаста ба баромади қудрати сиёсӣ масъалаи сирф динӣ аст» [135, с. 15].

Чунон ки аз мазмуни готҳо ва яштҳои қадим – фарвардҳои Замёд, Меҳр ва гимни Аҳуро Маздо бармеояд, сарчашмаи азалии қудрат ва ҳокимият худи Аҳуро Маздо аст. Ба саволи Зардушт – кӣ ҳокими тавонои ин ҷаҳон аст? Аҳуро Маздо чунин посух медиҳад: «Манам, Сарпараст, Офаридгор, Нигаҳбону Доно…, Номи ман Аҳуро аст, Маздо низ ман ном дорам, Одил ҳам номи ман аст, Номи дигарам Қодир аст..., Нозир низ номи ман аст, Таъқибкунанда ва Муҳофиз низ номи ман аст» [10, с. 15–16].

Тарзе мушоҳида мешавад, дар ҳамин номҳо сифатҳои зотии Аҳуро Маздо ишорат мешаванд, ки ифодагари бахшандаи қудрати ибтидоӣ ҳастанд.

Ҳамин тавр, ҳокимият дар авлод, ҷомеа ва давлат аз қудрати илоҳии Аҳуро Маздо маншаъ мегирад ва маҳз ҳамин қудрати илоҳӣ хусусияти номаҳдуд, мутлақ ва ҳамафарогиранда дорад. Қудрати Аҳуро Маздо дар замин тавассути паёмбар Зардушт ва шоҳҳо густариш меёбад. Аниқтараш, то Зардушт қудрати Аҳуро Маздо тавассути шоҳҳо густариш меёфт. Нахустин шоҳ, ки ҳокимияти дунявиро мутобиқи усулҳо ва муқаррароти зардуштия татбиқ намуд ва ҳокимияти ӯро Аҳуро Маздо қонунӣ гардонид, тавре ишора гардид, шоҳ Йима (Ҷамшед) аз дудмони Пешдодиён буд.

Тавре зикр гардид, Авасто ба шахсияти ҳокимон, бахусус шоҳон ҳамчун ҳокимони дунявӣ таваҷҷуҳи кофӣ додааст, ки дар заминаи он баъдтар дар замони Сосониён дар ҳуқуқ – салоҳият ва вазифаҳои ҳокимон ташаккул ёфтаанд. Тибқи ин принсипҳо, подшоҳон ва роҳбарони сатҳи аввали давлатӣ бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: 1. Ақли солим. 2. Қобилияти бахшидан ва худдорӣ аз ҳар гуна таҳқир. 3. Рафтори нек. 4. Муҳаббат ба мардум. 5. Шодмонӣ. 6. Саховатмандӣ. 7. Дур будан ва парҳез кардан аз ҳасад. 8. Такрор кардани он, ки дунё гузаранда аст (ба таври доимӣ).

Ҳоким, инчунин, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зеринро дошт: 1. Иҷрои вазифаҳои шоҳӣ дар доираи таълимоти дини зардуштӣ. 2. Фароҳам овардани шароит барои ҳаёти муътадили одамон. 3. Ҳавасмандгардонии доимии қобилону лаёқатмандон. 4. Ҷазо додани ноқобилон ва вайронкунандагони талабот. 5. Муносибати нек ба раҳбарони кишвар. 6. Дастурҳои одилона содир кардан. 7. Нигоҳ доштани анъанаҳои мақбули умум. 8. Ҳифз, оромӣ ва фазои иҷтимоии холӣ аз тарсу ҳарос. 9. Машғулият бо илмҳои дунявӣ. 10. Назорат аз болои таъйинот ба мансабҳои давлатӣ. Итоат ба Худои тавоно [62, с. 186].

Авасто таҷрибаи зиёда аз 2500–солаи инкишофи ҳуқуқӣ–давлатии халқҳои Осиёи Миёна ва Эронро маҳфуз доштааст. Он аз ҳазораи II пеш аз милод оғоз меёбад, то замони Сосониён ва баъдтар то пайдоиши давлатҳои Бохтар, Хоразм, Суғд, Тахористон идома меёбад, ки дар ин ҷо пайдоиши тадриҷии ниҳодҳои давлатӣ аз ниҳодҳои ҷамъиятии сохти қабилавӣ ба таври равшану возеҳ мушоҳида мешавад. Қудрати ҳокимият аз худои Аҳуро Маздо зуҳур мекунад ва тадриҷан дар зинаҳои поёнӣ ба сарони хонадон, авлод, қабила ва давлат мегузарад.

Нуктаи муҳимтарине, ки дар талабот нисбат ва соҳибони фармон омадааст, ин талаботи банди 9 аст, ки ҳар ҳокимро вазифадор кардааст, ки ба корҳои илмии дунявӣ машғул шаванд. Яъне, ҳоким аслан бояд ба

масъалаҳои дунявӣ таваҷҷуҳ намояд, зеро вай ҳокими дунявии давлат аст.

Ҳамин тавр, ин навъ фаҳмиши ташкили қудрат, ки афзалияту бартарии сиёсии шакли идораи дунявиро аз ҳукумати дину оинҳо таъкид менамояд, минбаъд мавҷудияти худро дар ҳавзаи кишварҳои минтақа идома дод.

Идомаи консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷудоии низоми идораи дунявӣ аз динӣ дар асрҳои миёна. Ин ҷо аввал як нуктаро равшан таъкид кардан зарур аст, ки «ҷудоии низоми идораи дунявӣ аз динӣ» дар Шарқи мусулмонӣ маънои муқобилгузории дунявият ба дин ва диёнатро надорад, баръакс дар ҷомеаҳои анъанавии шарқӣ то ҷое махлут кардани арзишҳои ин ду ҷаҳонбинӣ бештар эҳсос мешавад. Дар ин росто, Абдуллоҳи Раҳнамо чунин зикр менамояд: «Ҳарчанде ки «дар тайи солҳои охир муқобилгузории тарҳҳои «исломӣ» ва «дунявӣ» яке аз иллатҳо ва пояҳои сар задани буҳронҳои сиёсию ғоявӣ ва мунокишаҳои зиёде дар ҷомеаҳои мусулмонишин аз қабили Туркия, Тунис, Покистон, Миср ва ғайраҳо гаштаанд», вале дунявият ва унсурҳои аслии онро дар шаклҳои гуногун ҳамеша дар фарҳанги исломӣ мушоҳида намудан мумкин буд. Унсурҳои дунявияти идорӣ, дунявияти маъмурӣ, дунявияти муқаррарӣ, интихобӣ ва интисобӣ дар олами ислом ҳамеша вуҷуд доштаанд» [4, с. 114]. Зеро низоми динии даъвои идораи ҷомеа намуда, бидуни унсурҳои дунявӣ табиатан кори идораи давлатро роҳандозӣ карда наметавонад. Бинобар он, фаҳмиши низоми дунявият ва ташаккули муносибати дину давлат дар ҷомеаҳои шарқӣ вижагиҳои худро дорад. Фаҳмиши «дунявият» ҳамчун зуҳуроти зиддидинӣ аслан дар фарҳанги ғарбии масеҳӣ ҷой дошт. Барои он ки он ҷо давлати дунявӣ дар муқобили салтанати мутлақи калисои насронӣ, ки дар асрҳои миёна дар симои Рими католикӣ ҳукмронӣ дошта, ҳамаи соҳаҳои ҳаёт, махсусан низоми давлатиро дар қисмати Аврупо зери назорати қатъӣ

гузошта буд, рӯйи кор омадааст. Аммо барои фарҳанги исломӣ, чунончи қайд намудем, ин тамоюл начандон муовфиқ буд. Агар дар Рими католикӣ ва Аврупои католикӣ аслан низоми идораи теократӣ–клерикалӣ унсурҳои ягонаи низоми идораро ҷорӣ карда бошад, дар шарқ ҳанӯз аз ибтидои Хилофат мазҳабу равияҳои мухталиф дар гӯшаю канори он дар омезиш бо урфу одати анъанаҳои халқҳои тасхиршуда ва маҳаллӣ, ба ислом тобиши фарҳангӣ медоданд. Дар ин тобиш нақши унсурҳои сиёсии анъанавии халқу қавмиятҳои тасхиршуда, урфу одат ва ҳуқуқҳои халқҳои маҳаллӣ тавассути усулҳои мазҳабӣ бузург буд. Дар ин самт нақши мазҳаби ақлгароёнаи ҳанафӣ, ҷараёнҳои динии фотимия, исмоилия, зайдия, ақидаҳои динии муътазилиён, каломиҳо, таҷрибаи идораи шоҳони сосонӣ ва ҳуқуқи рушдкардаи оилавии низоми ҳуқуқии зардуштия ба таври худ таъсиррасон буданд. Ҳамин тавр, бо мурури тавсеаи сарҳади сиёсӣ ва эътиқодии олами ислом навъи ҳокимият сирф динӣ – теократӣ набуда, он ҷанбаҳои сиёсӣ–дунявиро дар сарзаминҳои нав касб мекард. Таъсири ин тамоюл ба ташаккул ва рушди Халифат низ бузург буд. Махсусан, нақши сулолаи Бармакиён дар дунявикунонии низоми хилофати Аббосиён бузург буд. Аслан, интиқоли ҳукумат дар олами ислом дар давру замонҳои мухталифи асрҳои миёна гоҳо аз тариқи интихобӣ ва ё созишӣ, ба монанди даврони аввали зуҳури ислом, ки хусусияти демократӣ дошт, сурат мегирифт. Дар асли таълимоти исломӣ рад ва маҳкум шудани узлатнишинӣ, гӯшанишинӣ ва охиратпарастӣ ин гуфтаҳоро тасдиқ менамояд. Ҳадиси маъмули «ло раҳбония фи–д–дин», (дар дин гӯшанишинӣ нест) аз ҳамин андеша берун омадааст.

Дар фаҳмиши истилоҳӣ ва маъниофаринии исломии мардуми тоҷик бошад, махсусан дар адабиёти классикӣ мафҳумҳои «диниву дунявӣ», «дунёву охират», «фанову бақо» ва ғайраҳо фақат дар ифодаи маҷозиву эсхатологӣ аз ҳам ҷудо омадаанд, вале масъалаҳои ҳаёту

охират сирф аз ҳам ҷудо ва ҳаргиз муқобили ҳам нестанд. Онҳо дар ислом низ идома ва давоми қонуниву мантиқии ҳамдигаранд.

Ё дар андешаи фалсафиву ҷаҳонфаҳмии гузаштагон, гарчи офаридагори олам берун аз замону макон қарор дошта бошад ҳам, дар тасвири пантеистӣ фақат дар ягонагӣ бо ҳарду олам, ҳам улвӣ ва ҳам дунёй, ҳам моддӣ ва ҳам маънавӣ мундариҷаву муҳтаво пайдо мекунад. Ҳастии моддӣ ва дунёӣ аз доираи вуҷуди он берун нест.

Фаҳмишҳои «дин»–у «дунё», роҳу воситаи ба ҳақ расидан дар тафаккури пайравони ирфону тасаввуф боз ҳам наздиктару қаринтар ба чашм мехӯранд. Умумияти солику маслук, обиду маъбуд ва дунёву охират дар тасаввуф хеле аён аст.

Ба андешаи Ю. Қарзовӣ «дунявият ҳамчун унсури идории иҷтимоӣ бошад, дар ҷомеаи мусулмонӣ аз бомдоди он роиҷ аст. Дар замони халифаҳои рошидин, ҳарчанд онҳо пешвоёни дин маҳсуб меёфтанд, вале дар пайи корҳои идорӣ ва ҷомеадорӣ аносири дунявиро на камтар аз бардоштҳои динӣ ба назар мегирифтанд. Унсурҳои дунявияти маъмурӣ, интихобӣ ва амалӣ ҳамеша дар он ҷомеаҳо дар тафовут бар аносири динӣ зиёдтар ба назар мерасиданд. Дар замонҳои баъдина бошад, дар давлатдории ҷомеаҳои исломӣ тавозуни дунявият ва динbackup қариб ҳамеша баробар арзи ҳастӣ менамуд. Ҳамин тариқ, чунончи мушоҳида мешавад, дар масъалаи давлатдорӣ низоми ислом сирф низоми теократӣ набуд, вай дар асл ба масъалаҳои дунявӣ пайваст буда, ифодагари талаботи худи ҷомеа аст, ки ба роҳбари дунявӣ эҳтиёҷ дорад. Ва чун манфиатҳо ба ҳам омехта мешуданд, онҳо динро низ дар кори он истифода карданд. Ин аст, ки олимони шинохтаи замони муосири исломӣ аз ин ҳақиқат дур нашуда, онро ба таври худ шарҳ додаанд: «Ҳоким ва раҳбар ва халифа аз назари ислом намояндаи мардум аст, на намояндаи Худованд. Мардум ӯро интихоб мекунанд ва корҳои ӯро зери назар доранд ва ӯро мавриди муҳосиба ва бозпурсӣ қарор медиҳанд ва

ҳар гоҳ зарурат эҷод кунад, метавонанд ӯро барканор намоянд» [51, с. 98].

Дар мавриди ҷудоии низоми идораи дунявӣ аз динӣ дар Шарқи асримиёнагии мусулмонӣ, мо намунаи чунин модели тақсимшавии низоми идораи дуняввиро аз динӣ дар табиати идораи давлатҳои Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён мушоҳида карда метавонем. Низоми идоракунии давлатҳои Саффориён ва Тоҳириён аз назари мазмунӣ бештар хосияти ҳарбӣ–феодалиро дошта, рукнҳои идораи дунявӣ низ дар онҳо ташаккул ёфта буданд. Аммо табиати низоми идораи давлатдории Сомониён, ҳамчун нахустин давлати мутамаркази феодалии тоҷикон, аз назари моҳияти сиёсӣ ва таъиноти иҷтимоияш комилан дунявӣ буд. Сарчашмаҳои илмӣ ва тадқиқоти таърихӣ ҳуқуқӣ ин масъаларо комилан собит кардаанд [12; 73; 90]. Сомониён нахустин давлати мутамаркази дар ҳудуди хилофат пайдошуда буд, ки моҷарои дину давлатдории дар паҳнои сиёсати хилофат пайдошударо комилан ба манфиати рукнҳои дунявии давлат ҳаллу фасл намудааст. Дуруст аст, ки рукнҳои ҷудошавии унсурҳои дунявии давлатдории арабҳо аз аломатҳои динии он барвақттар, ҳанӯз аз даврони зиндагии паёмбари ислом, эҳсос шуда буд. Худи ҳадиси машҳури он, ки пас аз чанд даҳсола баъд аз марги паёмбари ислом даврони подшоҳӣ сар мешавад [102, с. 70–80], гӯёи эътирофи шакли нави далватҳои дунявӣ дар паҳнои хилофат буд.

Баъзе аз муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши исломи классикӣ машғуланд андеша доранд, ки ҳатто дар замони солҳои аввали густариши ислом, паёмбари ислом дастуру супоришҳое дода буданд, ки ногузирии ҷудоии умури дунёиро аз корҳои динӣ мефаҳмониданд. Академик Олимов К. аз муҳаққиқи араб Ҷурҷӣ Зайдон матне овардаанд: «Вале аз соли ҳаштуми ҳиҷрӣ ҳазрати Расул мақоми динӣ ва сиёсиро аз ҳам ҷудо сохт ва Абу Зайди Ансорӣ ва Амр ибни Осро маъмури таблиғ намуда, фармуд: «Биравед мардумро ба ислом даъват кунед ва ҳамин, ки қавме ислом

овард, Амр ибни Ос фармондори онон бошад ва Абу Зайд имоми ҷамоат бишавад ва мардумро одоби дин ва Қуръон биомӯзад» [75, с. 37].

Профессор, А.Ғ. Холиқзода ин далели овардаи академик К. Олимовро идома дода менависад: «Тарзе мебинем, ибтидои масъалаи назарӣ ва амалии ҷудо намудани идораи дунявӣ ва динӣ дар ин амри паёмбари ислом дида мешавад… Воқеияти таърихӣ ҳам чи дар даврони хилофат ва чи баъди он дар кишварҳои мусулмоннишин баёнгари он аст, ки ҳокимияти дунявӣ, новобаста аз таъсири бузурги ислом, ҳамчун дини давлатӣ, мустақил ва соҳибихтиёр амал мекард. Ҳатто дар амали халифаҳои Аббосӣ мо аз имомату тоату ибодат дида, иҷрои умури дунявӣ, ҳалли қарорҳои сиёсиро бештар мушоҳида мекунем. Низоми идораи халифаҳоро ҳарчанд иддае аз муҳаққиқон, низоми теократии истибдодӣ номанд ҳам, воқеият асосҳои баҳскунандаро зиёд доро аст. Зеро дар умури корҳои динӣ, дунявӣ ва ҳарбӣ ҳанӯз аз даврони хулафои рошидин тақсими вазифаҳо ба назар мерасид. Ин ҷудоии умури идораи дину корҳои дунявӣ ва сиёсати давлатӣ дар фарҳанги исломӣ баъдан, дар низоми идораи халқу қавмиятҳои таърихи қадима доштаи Хуросону Мовароуннаҳр хубтару пурҷилотар эҳсос мешавад» [103, с. 121–123].

Ҳамзамон, дар дунявикунонии режими хилофат вазирони хилофати Аббосӣ Бармакиён нақши муассир доранд. Онҳо, ки аз таҷрибаи мардуми тоҷику форс дар кори идораи давлат огоҳӣ доштанд, дар ин самт ҷиҳати боло бурдани қудрати дунявии халифаҳои аббосӣ ва то зинаи давлатмадори сиёсии хилофати бузург расонидани онҳо, нақши бориз доштанд. Дар кори идораи давлати дунявӣ дар ҳама давру замонҳо нақши муассирро ташкили низоми мақомоти давлатии функсионалии касбии амаликунандаи вазифаҳои сиёсӣ ва дунявии давлат иҷро менамояд.

Низоми идораи Аббосиён тавассути Бармакиён таҷрибаи идораи форсҳоро дар шакли даргоҳ ва девонҳо [5, с. 116–118] қабул намуд. Вале

нуктаи ибтидоии ин таснифоти низоми идораи давлатро ба шохаи дунявияту диният дар минтақаи Ховари Миёна дар аҳди тамаддуни исломӣ нахуст давлатдориҳои нимаҳарбии Саффориёну Тоҳириён гузошта, сипас, давлатдории Сомониён онро то зинаи муайяни умумиэътирофшудаи амалию сиёсӣ расонид.

Ҳақ ба ҷониби онҳоест, ки ба вижа, дар низоми идораи ниёгони мо Саффориён, Тоҳириҳо ва Сомониён, ки мансабҳои олии идораи динӣ, сиёсӣ ва ҳарбӣ аз ҳам сароҳатан ҷудо шуда буданд, табиати давлати дунявиро равшан дарк мекарданд. Девонсолории Сомониён, бо вуҷуди нақши муҳимму фарогири фарҳанг ва аҳкоми диниро дар худ таҷассум карданаш, масъалаҳои маъмурии идораи давлат ва динро комилан ба манфиати иттиҳоди сиёсии соҳибқудрат ҳал карда буд. Подшоҳ, амир, баъдан султонҳо сарвари асосии давлат дар Мовароуннаҳру Хуросон буданд. Маҳз ҳамин дунявият ва ҷудо будани корҳои давлатӣ аз идораи динӣ то аҳди сулолаҳои тоҷикӣ, махсусан, дар замони Сомониён, ба рушди илму маърифат ва ҳамзистии адёни мухталиф мусоидат кард [103, с. 122].

Сомониён ҳамчун идомадиҳандагони анъанаи салтанати Сосониён ҳам ба далоили ҷуғрофӣ ва ҳам хунӣ табиати давлати худро дар шакли таснифоти қудрати сиёсӣ ба дарбори давлатӣ бо мансабдорони амир, ҳоҷиби бузург, амири хароса ва ғ ба ниҳояти комил расонида, системаи марказонидашудаи давлатиро тимсоли девонсолории Сосониён ташкил карданд.

Сомониён низоми девонсолориро таъсис дода, низоми ҳукумати иҷроияро бо таъсиси 10 девон бо роҳбарии Девони вазирон аз ҳокимияти давлатӣ ҷудо ва мустақил таъсис доданд. Чунончи профессор А.Ғ. Холиқзода таъкид мекунад: «хусусияти хоси инкишофи давлатдорӣ дар аҳди Сомониён дар он ифода меёбад, ки Сомониён таҷрибаи давлатдории салтанатҳои наву қадимаи форсро аз нав эҳё намуда, аз

падидаҳои нави сиёсӣ–динӣ истифода карда, давлати тозаю мустақилеро таъсис доданд, ки аз имрӯзу дирӯзи таҷрибаи пешқадам истифода менамуд. Низоми идоракунии Сомониён хеле тараққикарда буд. Ҳокимияти давлатӣ ба зинаи олӣ ва маҳаллӣ ҷудо мешуд. Ҳокимияти давлатӣ дар зинаи олӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешуд: 1. Ҳокимияти дарборӣ. 2. Девонсолорӣ» [106, с. 163–164].

Академик К. Олимов чунин меҳисобад: «Сулолаҳои бумӣ ба мисли Тоҳириҳо, Саффориҳо ва Сомониҳо давлатҳое эҷод карданд ва бахусус Сомониён, дар пешрафти илму фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми бузург гузоштанд. Ва дар ин давра олимоне аз марказҳои тамаддуни ин давра по ба арсаи эҷод ниҳоданд, ки осорашон дастоварди муҳимтарин дар соҳаҳои илм ва дин дар он замон буда, таъсирашон дар асрҳои баъдӣ ба фарҳанги ҷаҳонӣ хеле зиёд буд. Дар ин давлатҳо усули давлатдорӣ аз хилофати араб хеле фарқ дошт. Зимоми давлат дар ихтиёри дину мазҳабҳо набуда, подшоҳон сарварони сиёсӣ ва низомӣ буданд» [75, с. 30–31].

Доир ба он, ки давлатҳои ҳавзаи тамаддуни исломии Ховари Миёна дар асрҳои миёна, давлатҳои теократӣ набуда, хусусияту аломатҳои табиати дунявиро доштанд, муҳаққиқони дигар низ сароҳатан изҳори назар намудаанд [127; 128].

Муҳимтарин нуктаи рушди низоми дунявии давлатдории Сомониён ва меросбарони сиёсии онҳо дар Мовроуннаҳру Хуросон дар он ифода меёфт, ки онҳо дарбори амириро ба ду шохаи ҳокимияти давлатӣ – ҳокимияти амирӣ ва девони вазирон ҳамчун ҳукумат тасниф намуданд.

Дуруст аст, ки миёни олимони таърихшинос ва исломшиноси чи ғарбию чи шарқӣ муаллифони зиёде ҳастанд, ки сулолаҳои асрҳои миёнаи исломиро ба сифати «салтанатҳои мусулмонӣ» ё «исломӣ» ҳамчун давлати теократӣ ном мебаранд. Вале аз чӣ бошад, ки ба

андешаи дурусти таҳлилгарон, аксари онҳо дар шинохти хилофат аломати миллӣ–этникии онро мадди назар карда, ин давлатҳоро одатан чун «Хилофати араб» ё ба нишони сулолавии он такя карда, давлати онҳоро бо номи «Хилофати Аббосиён» ва ё «Хилофати Уммавиён» ном мебаранд.

Ба андешаи дурусти А.Ғ. Холиқзода: «Хилофат дар асл аз назари табиати шакли идора сулолавӣ – монархиявӣ буда, аз дидгоҳи таркиби этникӣ арабӣ–қавмӣ баромад карда, аз лиҳозӣ фарҳангӣ ба унсурҳои оини исломӣ ҳамчун ҷаҳонбинии динӣ такя мекард. Барои мардуми ориёӣ, бавижа мо – тоҷикон, ки шоҳрохи таърихии бо таҷрибаи ғании сиёсӣ оросташударо дошта, мафкураи сиёсии халқамон дар коди генетикиаш хотираи қавии низоми идораи дунявиро ҳанӯз то фарҳанги исломӣ доро буд, ин навъ анъанаи идоракунии махлутшудаи дину сиёсат таърихан мувофиқ набуд» [103, с. 123].

Аз ин хотир, таснифнамоии минбаъдаи ҳокимияти давлатӣ ва рушду такомули он вобаста аз замону макон аз ҷониби ниёгони мо дар асрҳои IX–X дар фазои хилофати арабӣ, як шоҳроҳи нисбатан озоди ташкили қудрати сиёсии нимаҳарбӣ ва нимасиёсиро дар шакли давлатдориҳои табиати дунявидошта рӯйи кор овард. Маҳз таснифнамоии ҳокимияти давлатии Сомониён ба қудрати низоми дунявии давлатҳои асримиёнагӣ шаҳомати тоза дода, нақш ва нуфузи ҳокимияти диниро дар дохили мақомоти иҷроия маҳдуд арзёбӣ намуд. Дар низоми идораи девонҳои Сомониён, баъзе аз масоили диниро се девон – қозӣ, мӯҳтасиб ва вақф бевосита ҳамчун мақомоти расмии давлатӣ ҳаллу фасл мекарданд. Ин ҳолат масъалаҳои аз табиати дин маншаъгирифтаро пурра тобеи низоми идораи давлат намуда, қонунан дасти ҳокимияти дунявиро ба паҳнои ҷаҳонбинии идораи динӣ ворид сохт. Ҳам қозиюлқузот, ҳам соҳиби девони муҳтасиб, ки назорати ахлоқ ва тартиботи ҷамъиятиро бар ухда доштанд ва ҳам девони вақф, ки

замину дороиҳои диниро назорат ва идора мекард, ҳамагӣ дар итоати соҳиби девони вақф қарор доштанд. Девонсолории Сомониён пурра ҳама паҳноҳои идорати давлатиро, чи дар шакли ҳукумати дунявӣ – девонҳо, чи динӣ ва чӣ судӣ дар дасти худ муттаҳид карда буд. Аҷиб он буд, ки ҳукумати Сомониён бо чунин гуногунӣ ва муттаҳидияш тобеи дарбори амирӣ буд, ки он ҷо амирони сомонӣ роҳбарӣ мекарданд. Ҳоҷиби бузург ба дарбор аз назари расмиётӣ роҳбарӣ карда, амири ҳароса амнияту бехатариро таъмин менамуд.

Чунин низоми мутамарказу аз назари касбӣ дуруст таснифшудаи ҳокимияти давлатӣ дар ниҳояти кор ба Сомониён имкон дод, ки дар паҳнои фарҳанги нави динӣ–сиёсии хилофати араб намои ҳукумати дунявии давлатро қонунан ба манфиати дунявият дар сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр ҳимоя намояд. Таъсири ин шакли идора на танҳо ба замони худи Сомониён ба хилофати араб расонида шуд, ки тадриҷан ҷудоии комили реҷаи дунявиятро аз диният амалӣ карданд, балки бештар аз он барои низомҳои ояндаи давлатдории мардуми минтақаи Ховари Миёна ҳамчун намунаи сиёсии эътирофшуда ба мерос дода шуд. Шакли идораи дунявии тасъсидодаи Сомониён то ба кишварҳои Аврупо ва сарзаминҳои рус тавсеа ёфт. Унсурҳои ҷудогонаи чунин шакли ташкили дарбор ва ҳукумат тавассути салчуқиён ва туркҳои усмонӣ то ба Аврупои замони нав расид.

Реҷаи дунявият ва аломатҳои афзалияти он дар кори идораи давлат дар сарзамини таърихии мо дар Аморати Бухорои қаблазинқилобӣ, дар минтақҳои шимолӣ пас аз ҳамроҳшавӣ ба Россияи подшоҳӣ (1864–1868) ва баъдан, пас аз инқилобҳои шуравӣ ва таъсиси Ҷумҳурии Автономии Тоҷикистон соли 1924 ва ҶШСТ соли 1929, то замони истиқлоли давлатӣ ҳифз карда шуд. Ин ҳолат табиати миллат ва халқи моро дар руҳияи афзалияти низоми идораи давлати дунявӣ ботинан дар масъалаи ташаккули фарҳанги сиёсӣ тақвият медод.

Бо вуҷуди ин ҳама, дар тамоми қарнҳои асрҳои миёна масъалаи мунокишаю хархашаи реҷаи diният бо реҷаи дунявият дар шаклҳои мухталиф ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ ягон ягон дар фазои мафкуравӣ сахт эҳсос мешуд. Ҳатто гоҳо ба кашмакашиҳои шадид табдил меёфт. Иддае аз соҳибмақомони дунявӣ низ аз меъёрҳои динӣ сӯйиистифода мекарданд, зеро бо омадани фарҳанги исломӣ ба сарзамини тоҷикон, зери таълимоти мухталифи тундрав ҷараёни сиёсикунонии ислом дар минтақа низ таърихан сахт эҳсос мешуд.

Ин масъаларо дар масири таърих бузургони илми мазҳаб Имоми Аъзам, Абумансури Мотуридӣ, Абуҳакими Самарқандӣ ва дигарон ба манфиати қудрати дунявӣ аз назари эътиқодот ҳам дар пояи шариат ва ҳам ақида ҳаллу фасл карда буданд. Вале андешаю назари мазҳабҳои дигари тундрав дар ин ҷода пайрави сиёсикунонии ислом буда, ба реҷаи давлати динӣ такя мекарданд. Бинобар он, дар марказҳои илмии Самарқанду Бухоро ин масъала ягон – ягон бо тобишҳои наву ҷонибдорони ҷадид ба маърази муборизаҳои сиёсӣ кашида мешуд.

Авлавияти сиёсати ҳизбии шуроҳо, агарчанде ин навъ кашмакшиҳои байни дунявият ва диниятро бо ташкили қудрати сиёсии диктатураи пролетариат ва синфи меҳнаткашон то нимаи дуюми асри XX, як қадар хомӯш карда бошад ҳам, пас аз касби истиқлол солҳои навади асри гузашта, бо ҷараёни демократикунонии бесарҳаду резиши озодиҳои аз ҳад васеи сиёсӣ дар минтақа бо дастгирии аҷнабиён, боз ҳамон васвасаи деринаи таъсиси ҳукумати динӣ ва афзалияти меъёрҳои динӣ дар кори идораи давлат нисбат ба меъёрҳои дунявиро ба майдони сиёсат кашид. Тоҷикистони ҷавон пешоруйи интихоби таърихӣ истод: роҳ ба сӯйи давлати дунявӣ ва ё роҳ ба сӯи давлати динӣ. Беморию иллати сиёсӣ бо хости бегонагону гумроҳии муосирон боз ба рӯзномаи давлатдории мо бароварда шуд.

Хушбахтона, дар партави қарорҳои Иҷлосияи XVI ва консепсияи давлатсозии Пешвои миллат, дар асоси таҳлили дурусти раванди ҳодисоти таърихӣ, вижагии менталитети сиёсии халқ ва талаботи асли мардуми Тоҷикистон, роҳи дурусти сиёсӣ ва бебозгашти миллати соҳибистиқлол ба самти давлати демократӣ ва дунявӣ муқаррар гардид. Маҳз ба хотири пешгирӣ аз ҳамин иллатҳои таърихӣ ва муноқишаҳои сахти фикрӣ ба Тоҷикистони азиз зарур шуд, ки дар Конститутсияи худ низоми давлати дунявиро ҳамчун рукни тағйирнопазир барои наслҳои оянда муайян намояд.

## 1.2. Демократия ҳамчун омили сиёсию ҳуқуқии интихоби усули дунявият

Ҳукумати ҷумҳурӣ аз лаҳзаи ташаккул ва пойдор гардидани давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба масъалаи таҳкими равандҳои демократизатсия дар кишвар таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намуда, дар ин самт тадбирҳои мушаххас андешидааст. Дар ҳамин замина, таҳлили раванди демократикунонии ҷомеа ва таъсири он ба таҳким ва рушди давлати демократии халқи тоҷик аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад.

Пеш аз гузаштан ба таҳқиқи асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ–сиёсӣ ва иқтисодии таҳкими дунявияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба назари мо, зарур аст мафҳуми «демократия» ба таври мухтасар ва илмӣ шарҳ дода шавад. Мафҳуми демократия аз забони юнонӣ сарчашма гирифта, аз калимаҳои demos (халқ) ва kratos (ҳокимият) иборат буда, маънои «ҳокимияти халқ» [49, с. 137]–ро ифода менамояд.

Дар ин ҷода М.С. Ҳакимов чунин закр менамояд: «Дар воқеияти сиёсӣ демократия наметавонад ба маънои аслии худ, ҳокимияти мустақими тамоми халқ, пурра амалӣ гардад, зеро иҷрои вазифаҳои ҳокимияти сиёсӣ аз ҷониби тамоми мардум ғайриимкон аст» [173, с. 154]. Дар илми ҳуқуқшиносӣ демократия ҳамчун шакли идоракунии давлатӣ фаҳмида мешавад, ки бо эътирофи халқ ҳамчун манбаи олии ҳокимият, баробарҳуқуқии шаҳрвандон, итоати ақаллият ба аксарият ҳангоми қабули қарорҳо, эҳтиром ва ҳифзи манфиатҳо ва андешаҳои ақаллият, интихобӣ будани мақомоти асосии ҳокимияти давлатӣ ва дигар аломатҳои хос тавсиф мегардад. Яке аз нишонаҳои асосии демократия риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, ки ҳамчун арзиши олӣ дар давлати ҳуқуқбунёд эътироф мешавад

Эътирофи ҳокимияти олӣ ба халқ ва эътирофи баробарии ҳама қишрҳои ҷомеа ҳамчун моҳияти вуҷуди ғояи муосири миллӣ дар як маврид принсипҳои асосии зуҳури демократия баромад менамояд. Пас

дар заминаи ҳувият ва эҳсоси худшиносии миллӣ, демократия тавлид мешавад яъне вуҷуди худогоҳии миллати сиёсӣ будани халқи муайян. Ин ҳолат решаҳои демократия ва миллатдӯстиро дар масири таърих ботинан ба ҳам васл намудааст ва онҳоро, ки ҷудо аз ҳамдигар дарк ва фаҳм намудан мумкин нест. Заминаҳои миллатдӯстӣ, халқгароӣ ин ҳамон қолаби ибтидоиест, ки дар ҷомеаҳои аввалияи сиёсӣ нахустин маротиба асосҳои идораи мардумсолориро (демократия) ба олам муаррифӣ кард. Яъне, демократия ба қавли муҳаққиқони нозукбаён, чун парвонае буд, ки аз дохили ғояи миллат, ки мисли пилла ӯро дар ниҳодаш парварида буд, якбора берун ҷаст.

Дар ибтидо қавмдӯстӣ ва баъдан миллатдӯстӣ чун рукни таркибии демократия рушд карда, то ба миллати шаҳрвандӣ расиданд. Вале, чун баъдан, миллатгароӣ (фашизм) дар қолаби миллатдӯстӣ рӯ зада, такяи асосӣ бар миллати этникӣ намуда, нақш ва мақоми халқ ва миллати сиёсиро ҳамчун шаҳрвандии ягона як сӯ гузошт, айнияти ибтидоии миллатдӯстӣ ва демократия коста гашт. Ин фикр муҳаққиқ Лия Гринфелдро ба хулоса меорад, ки «демократияро мумкин нест, ки бидуни мавҷуд будани шарту шароити муайян иҷборан интиқол дод» [29, с. 14]. Зеро васли табиӣ ва иҷтимоӣ дар ибтидои зуҳури аломатҳои демократия ва миллатдӯстӣ дар як қатор халқиятҳо дар масири таърих ҳифз гашт, вале дар дигар халқу миллатҳо зери таъсири шароитҳо ва омилҳои мухталиф ба дигар самти эътирофи шоистасолорӣ ва нухбапарварӣ ҳаракат кард. Аввалиҳо ҳамчун миллатҳои демократӣ ташаккул ёфта, тандеми демократия ва миллатдӯстиро бо ҳам рушд дода, ба ташаккули ҷомеаҳои шаҳрвандӣ асос гузоштанд. Аммо дар дигар халқу миллатҳо ташаккули ҳокимияти сиёсӣ бо эътирофи дигар шаклҳои қудрати сиёсӣ ва муттаҳидии халқ атрофи дигар арзишҳои яккароҳбарӣ рушд кард.

Пайдоиши ғояи миллии бо мустақилияти ҳокимияти халқ тавъам – набуда худ дар оянда вижагии миллатро тахия менамояд, ки вай дар масири таърих ташаккул ва аз як шакл ба шакли дигар мегузарад ва намояндагӣ аз ҳокимияти миллатро монарх ва ё шахсони интихобгардидаи дигар намоянагӣ менамоянд. Дар он ҳолатҳое, ки як нафар ин ҳокимияти олии халқро намояндагӣ мекард ба қавли Гринфелд, усули миллатгароие, ки дар ин замина таҳия шуд, хосияти миллатгароии фардиро гирифт. Дар ҳокимияти нафарони ҷудогона халқ овози худро ба он нафари интихобшуда дода онро ҳамчун намояндаи миллати мустақил эълон кард. Аммо дар ҳолати дигар, назаран ҳокимияти мустақили халқ аз махсусияти ҳамон халқ маншаъ гирифта, хосияти коллегиалиро касб менамояд. Навъи коллегиалии охирӣ хосияти авторитариро касб менамояд, шакли фардикунониаш бошад, бо ифодаи иродаи озод хосияти либералиро мегирад. Ҳамчунин Гринфелд миллатгароиро вобаста ба мансубияти шаҳрвандӣ ва вобаста ба мансубияти этникӣ – забонӣ шарҳ медиҳад: «аввалӣ озоду васеъшаванда, охирӣ тағйирнаёбанда ва табиӣ аст» [29, с. 14–15].

Ба ақидаи М.С. Ҳакимов: «Раванди демократикунонӣ ҳамчун роҳи ташаккул ва инкишофи ҷомеаи демократӣ маънидод шуда, он раванди дарк ва татбиқи амалии моҳият ва принсипҳои демократия, ҳамчунин механизмҳои амалигардонии онҳоро дар доираи муайяни замон ва макон дар бар мегирад. Ин раванд, ҳамзамон ҳамкории озод, қонуниятнок ва созишкоронаи қувваҳои гуногуни сиёсиро талаб мекунад, ки бо роҳҳои фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ барои бунёд ва рушди асосҳои демократии ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ дар ҷомеа ва давлат талош меварзанд» [173].

А.Ғ. Холиқзода ба мафкураи ҷомеаи имрӯза назар намуда, қайд менамояд: «Мушкил он аст, ки неруҳои мухталифи муосири дохилию хориҷӣ, ки халқу миллатҳоро ба гирдоби чунин ҳодисаҳои нохуш

гирифтор кардаанд, ба конститутсияҳои худ муносибати яктарафа намуда, озодиро дида, сарҳади онро гум кардаанд, ҳуқуқро қабул карда, вазифаро аз хотир баровардаанд, имконияту афзалиятҳои фардиро эҳсос карда, дар ҳолати сархушии эҳсосотӣ масъулиятро назди бародарони худ, ҷомеа, миллат ва дирӯзу фардои миллаташон ба сони ҳикояти Мавлонои Балхӣ якеро дидаю дигарро аз ёд баровардаанд» [104, с. 114–116]. Пас маълум мешавад, ки вуҷуди сарҳади озодӣ аз табиати ҳастии инсони солим манша мегирад. Онро инкор намудан ба табиати биологӣ ва маънавии инсони солим ва ҷомеаи саодатманди он созгор нест. Аҷиб он аст, ки маҳз мутлақияти баробарии эътирофи онҳо барои расидан ба ҳадафҳои меҳварии инсони биологӣ мусоидат менамояд. Зеро саодатмандии инсон ҳамчун арзиши меҳварӣ ва ҳадафи ниҳоӣ эҳтиёҷ ба ин ду ҳолат ҳам озодӣ ва ҳам интизомро доро аст. Инкор ва бартарии якҷонибаи беасоси онҳо ба адли умум мусоидат намекунад. Албатта, вобаста ба шароитҳои таърихӣ ва воқеияти зинаи рушди ҷомеа, имкон дорад, ки реҷаи интизом афзалиятҳои нисбӣ касб намояд.

Демократҳо ва мардумсолорони имрӯз аксаран то ҳанӯз демократияро ҳамчун шакли идора ва режими сиёсӣ шунидаанду ба мазмуни он диққат надодаанд, ки муҳимтарин рукни ин тарзи ташкили идора итоат намудан ба қарори аксар аст. Зеро ҳукумати мардумӣ дар асл бо фисади комил дар он шакле, ки бисёриҳо тасаввур менамоянд, имконнопазир аст. Дар ин бора аз дидгоҳи ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ҳама нуктадонони асрори мардумсолорӣ аз Афлотуну Суқрот то Монтескёю Канту Гегелу Соловёв [52] изҳори назар намудаанд ва ҳатто, иддаашон аз демократия дида, аристократия ва монархияро дар кори ташкили мусбати идора дар баъзе мавридҳо афзал донистаанд. Беҳуда қурбоншудаи либиёӣ Муаммари Қаззофӣ «Ғояи сеюми ҷаҳонӣ»–ро дар «Китоби сабз» ҳамчун мардумсолории комил кӯшиши пешниҳод намуданро накард. Аммо имрӯз навлибералҳо демократияро ҳамчун

шакли идораи халқӣ ва мардумсолорӣ, тантанаи озодиҳо қабул кардаанду нозукиҳои онро фаҳмидан намехоҳанд. Демократҳои имрӯз ва озодихоҳони муосир дар аксар давлатҳои миллӣ, мисли Жан Жак Руссо ба демократия такя мезананд, вале сарҳади озодиро чун Руссо [87, с. 65] дидан намехоҳанд, думболи ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ, монанди инқилобгарон ҳарф мезананд, аммо реҷаи қонуниятро нодида гирифта, панди Имоми Аъзам, Мотуридии Самарқандӣ, Абуҳакими Самарқандиро роҷеъ ба афзалияти тобеият ба қонун ва қудратро дарк кардан намехоҳанд ва қудсияти озодиро дар тарозуи хирад, он тавре ки Кант масъалагузорӣ менамояд, гузоштан намехоҳанд [44, с. 131]. Онҳо, дар воқеъ, озодиро дӯст медоранд, онро мехоҳанд, вале аз ҳусну ҷамолаш он қадар мафтунанд, ки ба қавли сӯфиёни роҳи ҳақ «худро гум кардаанд ва атрофро фаромӯш». Ин тариқати сӯфиён барои ошиқони роҳи озодӣ марговар аст. Дар чунин шароити бархурди андешаҳои манфиатхоҳона «ҳамон давлатҳое манфиатҳои миллии худро дифоъ карда метавонанд, ки андешаи дунявиятро дар амал намудани демократия дуруст истифода бурда тавонанд» [104, с. 114–116].

Таркиббандии манфиатхоҳонаи раванди ҷаҳонишавӣ, сиёсати ҷуғрофии ҷаҳонӣ, рушди ҳуқуқи инсон ва интиқоли озодиҳо бар паҳнои кишварҳои дигар, бидуни эътирофи табиати ҳуқуқии халқу миллатҳо, тавсеаи иҷбории демократияи ғарбӣ дар минтақаҳои шарқӣ ва осиёӣ, афзоиши муноқишаи тамаддунҳо зери таъсири манфиатҳои кишварҳои бузург, ба андешаи муҳаққиқон, ногузирии тавлиди мафкураи солиму муҳофизро барои кишварҳои олам масъалагузорӣ менамояд. Зеро раванди саҳнаи ҷаҳонии сиёсати иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, ки аз он манфиатҳои кишварҳои кӯчаку рӯ ба рушди олам зарар мебинанд, ҷараёни номуназзами табиӣ набуда, зери мафкураи муайяни ақлгароёна таҳия шуда истодааст. Истодагарӣ бо чунин ғояи мафкураи фасодовар таҳияи мафкураи солими муҳофизро тақозо менамояд [104]. Ин аст, ки

дар шароити кунунии вазъи ҷаҳонӣ, идеология ба сифати барномаи маънавӣ ва сиёсии ҷомеасозӣ ва давлатсозии муосир аҳаммияти рӯзмарраро касб карда истодааст. Махсусан, масъалаи дарёфти санги таҳдобии мафкураи миллӣ – манфиатҳои миллии давлат, мубрам шудааст.

Дар ин замина, демократия ва дунявият ҳамчун унсурҳои ҷудонопазири давлати муосири ҳуқуқбунёд баромад намуда, қабули ҳокимияти халқро ҳамчун заминаи қонуният ва легитимияти низоми давлатӣ таъмин менамоянд. Нуктаи муҳим он аст, ки дар ибтидои пайдоиши ғояи демократия сифат ва вижагиҳои он дар шинохти демократяи асил нақши ҳалкунанда дошт. Демократ дар он замон «на ҳар шахсро мегуфтанд, ки пас аз эътироф шудани ҳокимияти халқӣ дар низоми идора кӯшиши иштирок намудан дар кори идораи давлатро дорад. Демократ гуфта, нафареро мешинохтанд, ки дар шароитҳои ногувори идораи давлат, ба хотири мардум ва давлат ҷони худро ба хатар мегузошт [137, с. 68]

Тибқи таҷрибаи таърихӣ, дар шароите ки сатҳи фарҳанги сиёсӣ, ҷаҳонбинии устувор, шуури сиёсӣ, ҳисси шаҳрвандӣ ба қадри кофӣ ташаккул наёфта, демократия ҳанӯз ба марҳилаи камол, дар сатҳи тафаккури омма нарасидааст, институтҳои давлатӣ ба таҳкими минбаъда ниёз доранд. Ин воқеиятро бояд ҳамаи онҳое дарк намоянд, ки манфиатҳои Ватан барои онҳо арзиши олӣ маҳсуб меёбад. Дар баробари ин, бояд равшан фаҳмида шавад, ки ҳар гуна ҳаракат ё равандҳои тамоюли ифротгароёна доштае, ки аз дин сӯйиистифода мекунанд, пояҳои давлатдорӣ ва асосҳои сохтори конститутсиониро заиф мегардонанд.

Бешубҳа, танқид ва озодии баён унсурҳои муҳимми ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравaнд, аммо онҳо набояд аз доираи қонун ва меъёрҳои сохтори конститутсионии ҷомеа берун раванд. Танҳо дар

заминаи қонуният ва эҳтироми Конститутсия мумкин аст тавозуни байни озодии сиёсӣ ва суботи давлатдорӣ таъмин гардад.

Барои таҳкими раванди қонунии бунёд ва рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мавҷудияти пояҳои устувори иҷтимоӣ–сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ зарур мебошад. Бе такя ба чунин заминаҳо ташаккули давлатдории муосир ва пойдор имконнопазир аст.

Р.Г. Ғуломов чунин таъкид менамояд: «Яке аз омилҳои муҳимтарини таҳкими давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муносибатҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Таҳлили моҳият ва хусусиятҳои асосии муносибатҳои сиёсӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибихтиёр нишон медиҳад, ки ин масъала то ҳол ба таври кофӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор нагирифтааст. Пеш аз ҳама, бояд таъкид намуд, ки муносибатҳои сиёсӣ дар баробари муносибатҳои иқтисодӣ нақши асосӣ ва муайянкунанда дошта, сифат ва самти рушди ҳамаи дигар навъҳои муносибатҳои ҷамъиятиро муайян месозанд» [163].

Муносибатҳои сиёсӣ на танҳо зарурат, балки ниёзи объективии ҷомеа мебошанд, зеро онҳо на танҳо гуногунрангии амалҳои инсонро муайян менамоянд, балки ҳамчун механизми маҳдудкунанда ва танзимкунандаи ин амалҳо низ баромад мекунанд. Ба ибораи дигар, муносибатҳои сиёсӣ танзимгари фаъолияти ҳаётии инсон буда, соҳаи онҳо маҷмуи фаъолияти муштараки субъектҳо ва объектҳои сиёсиро дар бар мегирад.

Ҳамзамон, Р.Г. Ғуломов таъкид менамояд: «Таҳлили таркиб ва сохтори муносибатҳои сиёсии ҷомеа нишон медиҳад, ки заминаи методологии муайян намудани омилҳои низомсоз, пеш аз ҳама, дар шарҳи моҳияти сиёсати давлатӣ ва табиати амалии он ифода меёбад. Аз як ҷониб, сиёсат ба иҷрои вазифаҳои умумие равона мегардад, ки аз табиати фаъолияти ҷомеа бармеоянд; аз ҷониби дигар, ба ҳамоҳангсозии манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии

низоъҳо, инчунин ба даст овардани созиш ва ризоият дар асоси мувофиқаҳои имконпазир ва воқеӣ нигаронда шудааст» [163].

Дар солҳои охир таҳлили муносибатҳои иҷтимоӣ–сиёсии ҷомеа дар асарҳои як қатор олимон, аз ҷумла Н.И. Азоров [124], С.С. Андреев [14], В.Л. Алтухов [125], М. Вебер [18], А.А. Дяггерев [131], Н.С. Федоркин [152] ва дигарон инъикос ёфтааст. Дар ин тадқиқот муносибатҳои байни субъектҳо ва объектҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа мавриди баррасӣ қарор гирифта, мафҳум ва таърифҳои гуногуни муносибатҳои ҳуқуқӣ пешниҳод шудаанд.

Ба назари В.А. Малтсев «Меъёри асосии низомсозандаи муносибатҳои сиёсӣ ташаккул ва таҷдиди минбаъдаи чунин муносибатҳои иҷтимоӣ–синфӣ мебошад, ки барои рушди истисмор ва бегонашавӣ фазои васеъ фароҳам меоранд» [58, с. 211].

Бо такя ба андешаи болозикр метавон хулоса кард, ки дар шароити имрӯза омили муҳимми сиёсӣ, пеш аз ҳама, динамикаи рушди ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, махсусан фаъолияти баланди иҷтимоии иқтисодии қишрҳои меҳнаткаш, гуманизм, интернатсионализм, ҳамчунин рафъи руҳияи бепарвоӣ ва ноумедӣ мебошад.

Таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки рушди мутамаддин ва демократии муносибатҳои сиёсӣ раванди мураккаб ва зиддиятнок буда, таъсири мутақобили ду тамоюлро дар бар мегирад: аз як тараф, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳамаи шохаҳо ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ; аз ҷониби дигар, васеъ намудани мустақилияти институтҳои демократӣ ва ҳамаи субъектҳои муносибатҳои сиёсӣ, ҳамчунин гузариш додани қисми муайяни корҳои давлатӣ ба доираи фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ, оила, коллективҳои меҳнатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар сохторҳои иҷтимоӣ.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба таҳкими давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва

дунявӣ дуруст чунин қайд намудаанд: «Масъалаҳои асосҳои иҷтимоӣ–сиёсии таҳкими давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии Тоҷикистон ҳамчунин дар корҳои илмии муҳаққиқони ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар солҳои охир як қатор асарҳои илмӣ ва ҷамъиятӣ–сиёсии роҳбарони давлат, олимон ва мутахассисон ба табъ расидаанд, ки ба равандҳои демократизатсияи ҷомеа ва таъсири онҳо ба таҳкими давлатдории демократӣ дар Тоҷикистон бахшида шудаанд» [3; 13; 41; 65; 66; 83; 85]. Дар ин тадқиқот, бо такя ба маводи мушаххас ва далелҳои воқеӣ, шароити мураккаб ва вазъияти душвори равандҳои сиёсӣ дар марҳилаи ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ таҳлил мегарданд.

Муаллифони ин асарҳо диққати худро асосан ба мураккабии муносибатҳои сиёсӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибихтиёр равона месозанд, аммо хусусиятҳои зоҳиршавӣ ва механизмҳои дохилии вазъияти сиёсии он давра ба таври комил ошкор карда намешаванд. Омӯзиш ва таҳлили вазъияти иҷтимоӣ–сиёсии Тоҷикистон, инчунин таҷрибаи амалии давлатдорӣ моро водор месозанд, ки хусусиятҳои хоси раванди ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро дар кишвар нишон диҳем.

Пеш аз ҳама, бояд таъкид намуд, ки солҳои 1990–1992, ҳамон тавре ки барои ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, барои Тоҷикистон низ давраи коҳиши шадиди сатҳи зиндагии аҳолӣ, бахусус сокинони деҳот, маҳсуб меёфтанд. Дар бисёр ҳолатҳо маҳз ҳамин омил боиси шиддат гирифтани танишҳои иҷтимоӣ гардида, он бо ларзишҳои пайдарпайи сохторҳои ҳокимияти сиёсӣ ҳамроҳ шуд. Ҳамзамон, на раванди ислоҳот, балки заъфи маънавӣ ва фурӯпошии сохторҳои кӯҳнаи сиёсӣ ва давлатӣ ба амал омад.

Таҳқиқи ҷойгоҳ ва нақши демократикунонии ҷомеа ва асосҳои сиёсӣ дар таҳкими давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ имкон

медиҳад, ки як қатор хусусиятҳои хоси ин раванд дар шароити Тоҷикистон муайян карда шаванд.

«Яке аз муаммоҳои ҷиддӣ он аст, ки бархе гурӯҳҳои сиёсӣ ва қисме аз ҷавонони ҷумҳурӣ дар тӯли ҷанги шаҳрвандӣ абзори дасти душманони дохилӣ ва хориҷии миллат қарор доштанд. Аз ин рӯ, имрӯз вазифаи муҳимтарини ҷавонон омӯзиши ҳамаҷонибаи сабақҳои истиқлоли, шиносоӣ бо ҷараёнҳои солим ва носолими сиёсати муосир, баррасии саҳифаҳои таърихи гузашта ва имрӯзаи халқи тоҷик ва ташаккули эҳсоси ифтихор аз Ватан, миллат, забон ва фарҳанг мебошад» [168; 173].

Бо рушди ҷомеаи демократӣ доираи вазифаҳои институтҳои сиёсӣ низ васеъ мегарданд. Аз ин рӯ, институтҳои муосири сиёсӣ тадриҷан хусусияти бештар ихтисосёфтаро касб мекунанд. Онҳо арзишҳо, меъёрҳо ва дастовардҳоеро таҷассум менамоянд, ки ба интернатсионализатсияи чунин арзишҳо, аз қабили салоҳияти сиёсӣ, мустақилият, масъулияти шахсӣ ва ратсионализм мусоидат менамоянд. Бе мавҷудияти ин унсурҳо дар сохтори ангезавии шахсият фаъолияти муназзами институтҳои муосири сиёсӣ ғайриимкон мебошад.

Хусусияти фарқкунандаи институтҳои муосири сиёсӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо нисбат ба низоми дастурҳои ахлоқӣ мустақилияти нисбатан бештар доранд. Институти сиёсӣ дар шароити рушди соҳибихтиёрии Тоҷикистон ба объекти интихоби нисбатан озоди ахлоқӣ ва эҳсосии фард табдил меёбад, ки ин раванд бо болоравии сатҳи шуури сиёсӣ ва фарҳанги шаҳрвандии ҷомеа зич алоқаманд мебошад.

Тавре ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст, аз лиҳози сохтори иҷтимоӣ–сиёсӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Раванди демократикунонии Тоҷикистони соҳибихтиёр дар марҳилаи нави рушди худ амалӣ гардида истодааст, ки муҳтавои асосии он

гузаронидани ислоҳоти бунёдии иқтисодӣ ва идомаи демократизатсияи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро дар бар мегирад. Бе муболиға метавон гуфт, ки ҳалли муваффақонаи ҳар ду вазифа, бахусус демократизатсияи ҷомеа, бевосита ба сатҳи фаъолнокии шаҳрвандон вобаста буда, ин омил, дар навбати худ, ба дараҷаи шуури сиёсӣ ва фарҳанги сиёсии онҳо таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Дар миёни институтҳои сиёсӣ мақоми махсус ба институти интихоботи демократӣ тааллуқ дорад, ки вазифаи асосии он таъмини қонуният (легитимият)–и ҳокимият ва пайдарпайии муносибатҳои ҳокимиятӣ мебошад. Раванди падидаи интихобот дар Тоҷикистон дар доираи раванди демократикунонии давлати дунявӣ сурат гирифта, ҳам ҷанбаҳои мазмунӣ ва ҳам сохториро фаро мегирад.

Пешрафти Тоҷикистон дар роҳи бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва дунявӣ бо рушди тадриҷии демократия ҳамбастагии ногусастанӣ дорад. Дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ васеъшавӣ ва такмили демократия ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян гардидааст. Тамоюлҳои асосии рушди демократия аз афзоиши пайвастаи иштироки оммаи мардум дар идоракунии корҳои давлат, густариши ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва такмили минбаъдаи давлатдории демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ иборатанд.

Рушди демократия дар Тоҷикистон инъикоси равшани худро дар таркиб ва фаъолияти мақомоти давлатӣ меёбад, ки воқеан ҳамчун мақомоти намояндагии тамоми халқ баромад мекунанд. Тибқи омор, 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ оид ба қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 535 435 нафар шаҳрвандон фаъолона иштирок намуданд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ нишон доданд, ки 94,4 фоизи интихобкунандагон Конститутсияро ҷонибдорӣ намуда, 87,6 фоиз ба ҷонибдории Президенти ҷумҳурӣ овоз додаанд [83, с. 40]. Дар

интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ 2 413 722 нафар иштирок намуда, 91,7 фоизи онҳо ба ҷонибдории мақоми олии қонунгузор овоз доданд [83, с. 42].

Илова бар ин, дар муҳокимаи лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 1 миллиону 200 ҳазор шаҳрванд иштирок намуда, ба Комиссияи конститутсионӣ тақрибан 8 ҳазор пешниҳод ворид гардид, ки ин аз сатҳи баланди иштироки шаҳрвандон дар равандҳои сиёсӣ шаҳодат медиҳад [83, с. 131].

Таҳлили ҳаёти сиёсии ҷомеа дар солҳои охир нишон медиҳад, ки ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба равандҳои ҳамгирой ва интернатсионалӣ майл дорад. Дар натиҷаи ин тамоюл ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва эҷодӣ, муассисаҳои илмӣ, таълимӣ ва истеҳсолӣ сиёсати сулҳпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати кишварро дар самти иҷрои вазифаи стратегии таҳкими сулҳ, бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва таҳкими соҳибихтиёрии миллӣ ҳамаҷониба дастгирӣ менамоянд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пояҳои гуногунандешии сиёсӣ ва идеологиро дар ҷомеаи демократӣ ба таври комил муайян намудааст. Принсипҳои демократӣ, ки дар ҷомеа таҳким ёфтаанд, ба таъсиси зиёда аз 300 ҳизб ва ташкилотҳои гуногун мусоидат намудаанд. Ба онҳо ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, иттиҳодияҳои миллӣ–фарҳангӣ, касбӣ ва дигар шаклҳои ташкилотӣ дохил мешаванд, ки ҳамаи онҳо дар асоси принсипҳои конститутсионӣ фаъолият намуда, дар доираи ҳуқуқии муқаррарнамудаи қонун амал мекунанд.

Худи ниёзи ҷомеа ба давлат, пеш аз ҳама, бо зарурати амалӣ намудани вазифаҳои идоракунии равандҳои демократие, ки дар дохили он ҷараён доранд, муайян карда мешавад. Ин вазифаҳо, аз ҷумла, ташаккули қоидаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии рафтори иштирокчиёни ин равандҳоро дар бар мегиранд, ки муносибатҳои онҳоро бо ҳамдигар

танзим намуда, худсарӣ ва бархӯрдҳои ғайриқонуниро истисно месозанд. Ин қоидаҳо тавассути фаъолияти ҳокимияти қонунгузор қабул мегарданд; дар амал татбиқ шудани онҳо дар муносибатҳои воқеии ҷамъиятӣ ба ваколати ҳокимияти иҷроия тааллуқ дорад; ҳалли баҳсҳо ва ихтилофҳо вобаста ба татбиқи ин қоидаҳо бошад, тавассути ҳокимияти судӣ амалӣ мегардад.

Маҷмуи ҳамин хусусиятҳо нишонаҳои фарққунандаи давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро ташкил медиҳанд, яъне чунин низоми нисбатан мутамаддини ҳуқуқиро, ки дар он идоракунӣ ва адолати судӣ бар асоси қонунҳо, меъёрҳои умумии ҳуқуқие, ки аз ҷониби намояндагони интихобшудаи халқ дар парлумон бо иштироки роҳбари давлат ё бидуни иштироки ӯ қабул мегарданд, амалӣ карда мешаванд. Дар чунин давлат аъзои ҳукумат барои амалҳои худ масъул мебошанд, судҳо мустақилият доранд ва ҳамзамон кафолати як қатор озодиҳои шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама, озодии виҷдон, озодии эътиқоди динӣ ва озодии сухан таъмин карда мешавад.

Аз ин лиҳоз, фаъолияти мақомоти давлатӣ дар доираи қатъии ҳуқуқӣ, дар асоси салоҳият ва доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи қонун аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Мазмуни институтсионалӣ ва функсионалии тақсимоти ҳокимият, инчунин заминаҳои асосии татбиқи он, пеш аз ҳама, ба мавҷудияти расмиёти демократии қонунэҷодкунӣ, фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатӣ дар асос ва доираи қонун, ҳамчунин ба мавҷудияти тартиботи ҳуқуқии ҳаллу фасли баҳсҳо вобаста мебошад.

Воситаи дигари муҳимми раванди демократикунони ҷомеа таҳким, рушд ва ба низом даровардани мақоми ҳуқуқии мақомоти давлатӣ ва дигар институтҳои низоми сиёсӣ, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилот ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, инчунин мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ба ҳисоб меравад. Ҳалли ин вазифа хусусияти доимӣ дорад, зеро он бо

зарурати мушаххас намудани ваколатҳо ва ҳуқуқҳои иштирокчиёни гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ, инчунин такмил ва рушди робитаҳои мутақобилаи онҳо зич алоқаманд мебошад.

Дар ин замина бояд таъкид намуд, ки аз замони қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои мушаххас андешида шуда, назорат бар таҳкими фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилот ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ роҳандозӣ гардидааст ва фаъолияти онҳо қатъиян ба доираи қонун равона карда мешавад. Ин ва дигар равандҳои демократӣ дар маҷмуъ ба рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар Тоҷикистон мусоидат намуданд.

Дар Тоҷикистон айни ҳол раванди таҳкими ҷомеа ва ташаккули институтҳои сиёсӣ ва идоракунии давлат он дар амалияи парлумонӣ ҷараён дорад. Ин раванд дорои хусусияти мураккаб буда, на танҳо рушди фарҳанги парлумонӣ, сифатҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ–технологӣ ва ахлоқию равонии онро дар бар мегирад, балки ҳамзамон ба ташаккули тафаккур ва менталитети сиёсии халқи тоҷик дар маҷмуъ таъсир мерасонад. Фарҳанги парлумонӣ худ аз худ ва ба таври стихиявӣ ташаккул намеёбад, балки ниёз ба таҳлилу интихоби таҷрибаи сиёсӣ, парвариши ҳадафмандона ва пайгиронаи беҳтарин намунаҳои парламентаризм дорад.

Бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии тамаддуни муосир, Парлумони Тоҷикистон ба таври оқилона ва мақсаднок тадбирҳо меандешад, ки ба таҳким ва рушди соҳибихтиёрии халқи тоҷик равона гардидаанд.

Бо такя ба таҷрибаи амалии босифати давлатҳои дунявии тамаддуни муосир дар самти раванди демократикунонии институтҳои сиёсии ҷомеа ва бо дарназардошти хусусиятҳои хоси бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар Тоҷикистон, зарур аст, ки як қатор

принсипҳои асосии демократизатсия ба инобат гирифта шаванд, аз ҷумла:

– аввалан, яке аз принсипҳои поягузори демократизатсияи институтҳои сиёсии ҷомеа принсипи аксарият мебошад. Дар демократия, дар ҷараёни ифодаи озоди иродаи халқ нисбат ба пешниҳодҳо ва қарорҳои муайян, аксарияти интихобкунандагон муайян мегардад, ки ҳокимият наметавонад мавқеи онҳоро нодида гирад;

– дуюм, нақши калидӣ дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ ба институтҳои демократияи намояндагӣ тааллуқ дорад ва пеш аз ҳама, ба парлумон. Маҳз ба парлумон, ки ҳайати он тавассути интихоботи умумӣ интихоб мегардад, шаҳрвандон дар ҷомеаи демократӣ ваколати амалӣ намудани функсияи олии қонунгузории давлатро вогузор менамоянд;

– сеюм, ҳуқуқу озодиҳое, ки тибқи Конститутсия ба шаҳрвандон муқаррар гардидаанд, арзишҳои асосии демократия ба ҳисоб мераванд. Баробарҳуқуқии шаҳрвандон танҳо дар шароити мавҷудияти давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ имконпазир мебошад. Маҳз чунин давлат қодир аст ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро кафолат дода, шахсиятро аз худсарӣ ва беқонунии эҳтимолии мақомоти давлатӣ ҳифз намояд;

– чорум, атрибути муҳимми демократия принсипи тақсимоти ҳокимият дар низоми давлатдорӣ мебошад. Мувофиқи ин принсип, ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ аз ҳам ҷудо буда, мустақилияти нисбӣ доранд, вале ҳамзамон дар ҷараёни таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ бо ҳам робитаи мутақобила доранд;

– панҷум, шарти ҳатмии демократия шаффофият ва ошкорбаёнӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошад. Пеш аз ҳама, дастрасии бемонеаи воситаҳои ахбори умум ва ҷомеа ба иттилоот дар бораи фаъолияти мақоми олии қонунгузори кишвар бояд таъмин гардад. Дар баробари ин, ҳукумат

уҳдадор аст парлумонро дар бораи фаъолияти ҳамаи муассисаҳои давлатӣ, инчунин дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ сари вақт огоҳ намояд;

– шашум, нақши фаъолтаринро дар таъмини шаффофият ва раванди демократикунони ҷомеа воситаҳои ахбори оммаи аз сензураи давлатӣ озод иҷро менамоянд. Мустақилияти матбуот, телевизион, радио ва дигар ВАО нишонаи ҷудонопазири ҷомеаи демократӣ мебошад. Ҳамзамон, онҳо барои дурустӣ ва саҳеҳии иттилооти пешниҳодшуда масъулияти пурра дошта, дар ҳолати таҳрифи иттилоот, паҳн намудани маълумоти бардурӯғ, ифшои сирри давлатӣ ё туҳмат нисбат ба шахсони мансабдор ва шаҳрвандони одӣ, метавонанд ба ҷавобгарии судӣ кашида шаванд;

– ҳафтум, барои шакли демократии идоракунӣ мавҷудияти низоми бисёрҳизбӣ хос мебошад. Ин ҳолат монополияи як ҳизби алоҳидаро бар ҳокимият истисно менамояд. Муҳим он аст, ки ҳамаи ҳизбҳо дар мубориза барои овози интихобкунандагон ва намояндагӣ дар мақомоти давлатӣ дар шароити баробари ҳуқуқӣ қарор дошта бошанд;

– ҳаштум, дар ҷомеаи демократӣ ба мақомоти худидоракунии маҳаллӣ нақши муҳим дода мешавад. Маҳз ҳокимияти маҳаллӣ ба мардум наздиктар буда, аз фаъолияти он, пеш аз ҳама, ҳаёти ҳаррӯзаи шаҳрвандон вобаста аст;

– нӯҳум, новобаста аз шиддат ва тезутундие, ки рақобати сиёсӣ дар шароити плюрализм метавонад касб намояд, муҳим он аст, ки ин рақобат танҳо тавассути шаклҳо ва усулҳои демократии муборизаи сиёсӣ сурат гирад. Аз ин рӯ, ҳифзи ҷомеаи демократӣ ва шаҳрвандони он аз ифротгароӣ ва зӯроварӣ ногузир мавҷудияти ҳокимияти давлатии қавӣ ва қонуниятнокро тақозо менамояд.

Ба андешаи мо, риоя ва татбиқи пурраи принсипҳои зикршуда дар рушди соҳибихтиёрии халқи тоҷик, таҳкими давлатдории миллӣ ва

устувор гардидани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии Тоҷикистон аҳаммияти калидӣ дорад.

Таҳлили раванди таҳкими давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ин раванд натиҷаи таъсири маҷмуии ҳамаи қувваҳои дохилии ҷомеа мебошад. Дар ин замина фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва қишрҳои гуногуни иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон нақши муайянкунанда бозидаанд. Маҳз ҳамгироии ин неруҳо барои устувор гардидани давлатдорӣ, барқарорсозии сулҳ ва ташаккули низоми нави сиёсӣ заминаи воқеӣ фароҳам овард.

Дар таҳкими давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ҳаракати умумиҷамъиятии «Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» мақоми хоса касб намуд. Ҳадаф ва фаъолияти ин ҳаракат, ки дар муроҷиати Маҷлиси муассисии он аз 20 июни соли 1997 ба таври возеҳ баён гардидааст, аз ибтидо ба таъмини сулҳ, таҳкими якпорчагии давлат, ваҳдати миллӣ, эҳёи соҳибихтиёрӣ ва бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ равона шуда буд. Фаъол гардидани шуроҳо ва ташкилотҳои ибтидоии ин ҳаракат дар шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти кишвар нишон дод, ки ҷомеаи Тоҷикистон тадриҷан ба зарурати ҳамбастагӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ барои пойдории давлатдорӣ мерасад.

Муносибати халқи Тоҷикистон ба давлати дунявӣ на ба таври стихиявӣ, балки дар натиҷаи таҷрибаи таърихӣ, дарки оқибатҳои низоъҳои сиёсӣ ва арзёбии воқеии манфиатҳои миллӣ ташаккул ёфт. Солҳои аввали истиқлолият, ки бо бӯҳрони амиқи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ҳамроҳ буданд, ҷомеаро ба хулосаи муҳим оварданд: бидуни сулҳ, ваҳдати миллӣ ва давлати дунявии қонунмеҳвар ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва рушди устувор ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, давлати дунявӣ, ҳамчун шакли идоракунӣ на ҳамчун инкори арзишҳои маънавӣ ё

динӣ, балки ҳамчун кафили сулҳи шаҳрвандӣ, баробарии ҳуқуқӣ ва ҳамзистии осоиштаи қишрҳои гуногуни ҷомеа қабул гардид.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва воқеияти сиёсӣ нишон доданд, ки устувории давлатдорӣ асоси зиндагии шоистаи шаҳрвандон мебошад. Халқи Тоҷикистон тадриҷан ба дарки он расид, ки плюрализми андешаҳо, озодии сиёсӣ ва гуногунандешӣ танҳо дар доираи қонун ва сохтори конститутсионӣ метавонанд ба рушди ҷомеа мусоидат намоянд. Аз ин рӯ, қабули давлати дунявӣ ҳамзамон қабули волоияти қонун, тақсимоти ҳокимият ва масъулияти шаҳрвандиро низ дар бар гирифт.

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ, ҷомеа ва давлат ба зарурати мутобиқ сохтани ислоҳоти иқтисодӣ бо хусусиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии миллат рӯ ба рӯ шуданд. Халқи Тоҷикистон, бо назардошти таҷрибаи таърихии худ, аз муносибатҳои тӯлонии феодалӣ то гузариши мустақим ба сотсиализм ва сипас истиқлолият, ба хулосае омад, ки ҳар гуна модели рушди иқтисодӣ ва сиёсӣ бояд бо анъанаҳо, ҷаҳонбинӣ ва сатҳи рушди иҷтимоии ҷомеа мутобиқ карда шавад. Ин дарк ба таҳкими муносибати воқеъбинона ба давлати дунявӣ мусоидат намуд.

Дар суханрониҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид шудааст, ки истиқлоли сиёсӣ бе истиқлоли иқтисодӣ маънои комил пайдо карда наметавонад. Ин андеша дар шуури ҷамъиятӣ тадриҷан ҷой гирифта, ҷомеаро ба ҷонибдории ислоҳоти иқтисодӣ, таҳкими давлатдорӣ ва рушди низоми дунявии идоракунӣ раҳнамоӣ намуд. Қабули Конститутсия, ташаккули ниҳодҳои давлатӣ ва оғози ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ далели он аст, ки халқи Тоҷикистон роҳи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро ҳамчун роҳи стратегӣ интихоб кардааст.

Хулоса, дар маҷмуъ, метавон қайд намуд, ки қабули давлати дунявӣ аз ҷониби халқи Тоҷикистон натиҷаи раванди тӯлонии таърихӣ, таҷрибаи талхи низоъҳо, эҳтиёҷ ба сулҳ ва дарки манфиатҳои олии миллӣ мебошад. Имрӯз давлати дунявӣ дар шуури ҷамъиятӣ ҳамчун кафили сулҳ, ваҳдат, адолати иҷтимоӣ ва рушди устувори ҷомеа пазируфта шуда, ҳамчун пояи асосии таҳкими соҳибихтиёрии миллӣ ва давлатдории муосири Тоҷикистон баромад мекунад.

# БОБИ 2. МАХСУСИЯТ ВА ДУРНАМОИ МОДЕЛИ ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ ВА МИЛЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Давлати дунявӣ: фаҳмиши муосир ва асосҳои назариявии он

Таҳлили дар боби гузашта анҷомдодашудаи омилҳои таърихӣ–фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии пайдоиш ва равандҳои асосии ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд нишон медиҳад, ки онҳо дар назария ва амалияи давлатдорӣ бо ҳам зич алоқаманд мебошанд. Аз ин лиҳоз, қабл аз таҳлили алоқаи байни хусусиятҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва нақши онҳо дар низоми сиёсӣ, зарур аст, ки аввал мафҳуми давлат ба таври мушаххас баррасӣ гардад.

Таърихи муносибатҳои байни давлат ва дин пур аз рӯйдодҳои фоҷиабор, мисли рақобат, муқовимати ошкоро, кӯшишҳои мақомоти динӣ барои тобеъ кардани қудрати давлатӣ ва баръакс, муборизаи давлат барои раҳоӣ аз таъсири дин ва назорати он мебошад.

Муносибатҳои байни мақомоти дунявӣ ва динӣ ҳамчун хатти сурх дар тӯли таърихи бисёр кишварҳо ба назар мерасад. Ин ғоя асоси рушди назарияҳои гуногуни фалсафӣ ва тағйирот дар фаҳмиши ҷомеа аз нақши иҷтимоии идеологияи динӣ гардидааст.

Дар ин хусус Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле ба маврид қайд намудаанд: «Дар вазъияти мураккаби ҷаҳони муосир мо вазифадорем, ки ба хотири ҳифзи истиқлолу озодӣ ва амнияти давлату ҷомеа дар баробари риояи талаботи қонунҳои давлати дунявӣ ба арзишҳои динӣ оқилона муносибат намуда, ҳам арзишҳои созандаи дини исломро ҳифз намоем ва ҳам пеши роҳи паҳншавии тафриқаандозиву ифротгароиро гирем. Ман чунин мешуморам, ки нисбат ба ин масъала бетарафӣ ё муросокорӣ кардан баробар ба ин аст, ки саодати худ ва фарзандони хешро барҳам занем» [179].

Дар солҳои охир таъсири дин, мазҳабгароӣ ва меъёрҳо ва арзишҳои динӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ дар кишварҳои пасошуравӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Коршиносон бар ин назаранд, ки ин вазъият дар натиҷаи тағйироти куллӣ дар шароити зиндагии мардум ва муносибати нав ба дин ҳамчун неруи муттаҳидкунанда ва омили эҳёи маънавӣ ва ахлоқии миллат ба вуҷуд омадааст.

Ба андешаи Е.А. Муравская «олимони муосири рус айни замон роҳҳои нави танзими ҳуқуқии муносибатҳои байни давлат ва динро меҷӯянд. Дар марҳилаи кунунӣ мафҳумҳои калидӣ аз нав муайян карда мешаванд: "озодии виҷдон" дигар танҳо ҳамчун "озодӣ аз дин" фаҳмида намешавад, балки инчунин омезиши озодии дин ва ҳуқуқ ба атеизмро дар бар мегирад. Дар айни замон, нақши дин ҳамчун пояи эҳёи ахлоқӣ аз нав арзёбӣ мешавад» [167, с. 11].

Масъалаҳои калидии дар ин раванд ба миён гузошташуда ба муколамаи созанда байни давлат, иттиҳодияҳои гуногуни динӣ, шаҳрвандони эътиқодманд, бедин ва мақоми ҳуқуқии ташкилотҳои динӣ дахл доранд.

Яке аз хусусиятҳои асосии рушди муосири муносибатҳои байни дин ва давлат дар он аст, ки созмонҳои динӣ ҳоло ҳамчун шахсони ҳуқуқии мустақил фаъолият мекунанд, талаботи сиёсиро пешниҳод мекунанд, бо давлат ҳамкорӣ мекунанд ва барои ворид шудан ба соҳаҳое, ки қаблан барояшон дастнорас буданд, талош мекунанд. Дар ин робита, Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеаи кишвар фармуда буданд: «Таҷрибаи бисёр кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон як нуқтаро собит менамояд: маҳз дунявият шароит фароҳам меорад, ки фарҳанги миллӣ бо арзишҳои динӣ вобаста ба ниёзҳои ҷомеа рушду такомул ёбанд ва мардум расму оинҳоро озодона риоя карда, ниёзҳои эътиқодии худро қонеъ созанд» [179].

Дар илми ҳуқуқшиносӣ як қатор мафҳумҳои марбут ба мазмуни ҳуқуқии дунявият камтар таҳқиқ шудаанд. Аммо дунявият яке аз принсипҳои асосии давлатдории муосири демократӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, бе дарки амиқи моҳияти дунявии сохторҳои давлатӣ ва иҷтимоӣ, иҷрои талаботи моддаи 1 ва 8–и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусияти дунявии давлатро муқаррар мекунанд, номумкин аст.

Дар ин ҷо мо зарур мешуморем, ки аввал мазмуни фалсафию сиёсии мафҳуми дунявият ва нақши иҷтимоии онро бо истифода аз адабиёти муосири илмӣ мухтасар шарҳу тавзеҳ дода, сипас ба таҳлили мундариҷаи ҳуқуқии он шуруъ кунем.

Т.Б. Длугач чунин зикр менамояд: «Мафҳуми "дунявият", ғояи ҷудо кардани соҳаҳои салоҳияти давлатӣ ва динӣ дар Ғарб, ҳамзамон бо пайдоишу густариши таълимоти зерини дини масеҳият: "Он чиро, ки аз они Худост, ба Худо ва он чиро, ки аз они Қайсар аст, ба Қайсар диҳед» пайдо шудааст (Инҷили Матто, боби 22, ояти 21)» [180]. Баъдтар, дар асрҳои миёна, ақидаҳои монанд дар чаҳорчӯбаи таълимоти гуногуне инкишоф ёфтанд, ки дар онҳо имконнопазирии доштани қудрати дунявии калисо ва уҳдадор кардани тобеони худ ба риояи қоидаҳои динӣ таъкид карда мешуд [32, с. 28]. Баъдан, масъалаи тақсими соҳаҳои таъсир байни давлат ва калисо мавзуи баҳси васеъ дар байни файласуфони равшанфикр, бахусус Волтер, Ҷон Локк ва дигарон гардид [33, с. 34]. Принсипи ҷудо кардани соҳаҳои салоҳияти байни корҳои "маънавӣ ва дунявӣ" дар замони муосир аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муқаррар карда шуд [176]. Принсипи дунявият бори аввал дар моддаи 10–уми Эъломияи Фаронса оид ба ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд аз соли 1789 муқаррар карда шуд [176].

Ҳамин тариқ, давлат як соҳаи нави ҳаёти инсон, як соҳаи ғайридинии татбиқи қобилиятҳои табиии инсонро эътироф кард (ё эҷод

кард), ки дар он инсон на аз рӯйи қонунҳои динӣ, балки танҳо аз рӯйи ақли худ ва меъёрҳои қонун роҳнамоӣ мешуд. Гуногунии эътиқодҳо эътироф карда шуд: «инсон ҳанӯз берун аз дин тасаввурнопазир буд, аммо акнун ӯ метавонист онро интихоб кунад. Худи мафҳуми «дунявият» на танҳо маънои «ғайридинӣ», балки «ақлонӣ»–ро низ дошт» [160, с. 303–325].

Дар пайомади ин дигаргуниҳо, дар тӯли чанд асри гузашта дин нақши муҳимми худро дар ҷомеа тадриҷан аз даст дод, аммо муносибати он бо давлати муосири демократӣ яке аз масъалаҳои асосии фалсафаи сиёсӣ боқӣ мемонад.

Дунявият одатан бо истилоҳи «ҷудо кардани калисо ва давлат» тавсиф мешавад, аммо ғояи ҷудо кардани давлат аз дин як падидаи хеле мураккабтар аз он аст, ки ин истилоҳ нишон медиҳад. Давлати дунявӣ бояд муносибати байни дин ва муассисаҳои давлатиро ба тарзе «идора» кунад, ки дин ҳамзамон ба маҳдудиятҳои муайян дучор шавад ва барои табобати махсус ҷудо карда шавад. Дунявияти муосир якчанд зуҳуроти гуногун дорад: дунявияти сиёсӣ, дунявияти иқтисодӣ, дунявияти таълимӣ, дунявияти ахлоқӣ, дунявияти илмӣ ва танқиди динӣ, ки ҳамаи онҳо шаклҳои гуногуни дунявият мебошанд. Дунявияти сиёсӣ шакли калидӣ дар байни онҳост, зеро он шарти пешакии рушди шаклҳои дигар аст.

Дунявияти сиёсӣ се унсури муҳим дорад: сиёсат, дин ва ҷудоии ин ду. Дар натиҷа, консепсияҳои гуногуни дунявият вобаста ба он ки чӣ гуна сиёсат, дин ва ҷудоиро муайян мекунанд, ақидаҳои гуногун ва рақобатпазири мафҳуми асосӣ – дунявияти сиёсиро пешниҳод мекунанд. Дунявият метавонад бо сатҳҳои гуногуни давлат алоқаманд бошад: ҳадафҳои он (теократия, дар ин маврид, комилан баръакси давлати дунявӣ аст); ниҳодҳои он (пайвастшавӣ/ҷудошавии ниҳодҳои давлатӣ бо ниҳодҳои динӣ); қонунҳо/сиёсатҳои он (танзими давлатии дин ва

фаъолияти динӣ); манбаи қонунияти он (манбаи ниҳоии қонунияти давлат чист); асосноккунии сиёсатҳо/қонунҳои он (ба қонунҳо/сиёсатҳои давлатӣ чӣ асос дода мешавад); сатҳи салоҳият (оё давлат ягона ҳоким бар қаламрави он аст ё соҳибихтиёрӣ бо дин муштарак аст); ва андозаи рамзии он (оё давлат рамзан ягон гурӯҳҳои диниро дастгирӣ мекунад).

Вазифаи дунявияти сиёсӣ пешгирӣ аз ҳадди ақал чор намуди гуногуни мушкилот аст: он бояд озодии динии муъминонро дар қаламрави худ ҳифз кунад, дин бояд аз сиёсат ҳифз карда шавад ва давлат низ бояд аз дин ҳифз карда шавад. Ғайр аз ин, дар сатҳи рамзӣ мушкилоти эҳтимолӣ вуҷуд дорад, ки бо тасдиқи расмии дин аз ҷониби давлат алоқаманд аст. Дунявияти сиёсӣ, инчунин бояд ба принсипҳои муҳимми меъёрӣ ҷавобгӯ бошад. Муҳимтарин аз инҳо озодии виҷдон ва принсипи бетарафии давлат мебошанд. Дар ниҳоят, давлати дунявӣ бо таъсиси пурраи муассисаҳои динӣ ё ҷудоии куллии дин ва давлат номувофиқ хоҳад буд – низомҳое, ки дунявияти сиёсиро қонеъ мекунанд, дар ҷое байни ин ду ифрот вуҷуд хоҳанд дошт.

Ҳамин тавр, тафсири фалсафӣ ва сиёсии давлати дунявӣ ба ҷудоии дин аз қудрат, принсипи баробарӣ аз ҳама динҳо, кафолати озодии виҷдон ва плюрализми идеологияҳо бармегардад, ки дар он маъмурияти давлатӣ ба ҷои меъёрҳои динӣ бар асоси шаҳрвандӣ, баробарҳуқуқии ҳамаи шаҳрвандонро новобаста аз эътиқодашон, таъмин мекунад ва набудани дини давлатиро эътироф мекунад, чунон ки дар моделҳои классикии Фаронса, Русия ва Иёлоти Муттаҳида дида мешавад, бар хилофи низомҳои теократӣ.

Асосҳои фалсафии принсипи дунявият ғояҳои зерин маҳсуб мешаванд:

– ҷудокунии қудратҳо: принсипи «Ҷудо кардани он чизе ки аз они Худост, аз он чизе, ки аз они қайсар аст», ки бори аввал аз ҷониби

Августин дар таълимоти ӯ оид ба «шаҳри заминӣ» (дунявӣ) ва "шаҳри илоҳӣ" (руҳонӣ) баён гардидааст;

– плюрализми идеологӣ: эътирофи гуногунии назарҳо ва арзишҳо, рад кардани монополияи як идеология ё дин дар шуури ҷамъиятӣ;

– озодии виҷдон: давлат на танҳо нисбат ба эътиқодҳои гуногун таҳаммулпазир аст, балки ҳуқуқи ҳар як шаҳрвандро барои пайравӣ аз ягон дин ё пайравӣ накардан ба ҳеҷ дин фаъолона ҳимоя мекунад.

Асосҳои сиёсии принсипи дунявият аз инҳо иборатанд:

– набудани дини расмӣ/давлатӣ: ҳеҷ дин мақоми расмӣ надорад ё ҳатмӣ нест;

– дахолат накардан: Давлат ба корҳои созмонҳои динӣ дахолат намекунад ва баръакс, онҳо низ ба идоракунии давлат дахолат намекунанд;

– ҳуқуқҳои баробари динҳо: ҳамаи иттиҳодияҳои динӣ дар назди қонун баробаранд ва аз дастгирии баробар (ё набудани он, вобаста ба модел) бархурдоранд;

– ҳуқуқи дунявӣ: Низоми ҳуқуқӣ бо манбаъҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ, на динӣ, асос ёфтааст (моддаи 14 Конститутсия).

Моделҳои асосии дунявият инҳо мебошанд:

– навъи классикӣ: ҷудошавии фаъол, аммо ҳамкории имконпазир, ба монанди чаҳорчӯбаи лайсизми Фаронса;

– навъи бетараф: дахолат накардан ва ҷудошавии пурра, ки дар он давлат динро нодида мегирад (ИМА);

– навъи имтиёзнок: эътирофи нақши махсуси баъзе динҳо бо нигоҳ доштани хусусияти умумии дунявӣ (Олмон, Испания).

Хулоса, аз дидгоҳи фалсафаи сиёсат, давлати дунявӣ давлати зиддидинӣ нест, балки давлатест, ки на бо догма, балки бо принсипҳои ақл ва қонун идора карда мешавад, то ҳамзистии осоиштаи ҳамаи шаҳрвандонро таъмин кунад.

Ба андешаи С.А. Бурянов: «дуруст қайд мекунад, дар давлати муосир принсипи дунявият кафолати амнияти миллӣ аст. Аммо, муҳаққиқи рус К.А. Писенко дуруст қайд мекунад: «Ҷудо кардани низоми маорифи давлатӣ аз маорифи динӣ бо таълими фанҳои динӣ дар муассисаҳои таълимии дунявӣ мухолифат намекунад, ки рушди ҳам зеҳнӣ ва ҳам маънавии шахсро таъмин мекунад» [129, с. 25–38; 130, с. 58–77]. Инро таҷрибаи мусбати Олмон, Британияи Кабир, Фаронса, Испания ва як қатор кишварҳои пешрафтаи дигар нишон медиҳад.

Ба ақидаи К.А. Писенко: «Динҳо аз ҷумлаи ҳомилону ноқилони асосии фарҳанги маънавӣ мебошанд» [147, с. 210–224]. Аз ин рӯ, фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои мавҷудияти иттиҳодияҳои гуногуни динӣ (албатта, ба истисноии онҳое, ки амалҳои онҳо боиси паст задани шахсият мешаванд) ба баланд бардоштани сатҳи маънавию рушди ҷомеа мусоидат мекунад. Мавҷудияти принсипи дунявият набояд ба ҳеҷ ваҷҳ давлатро аз ҳифз ва рушди анъанаҳои фарҳангии мардуми худ, аз ҷумла анъанаҳои динӣ, боздорад. Баръакс, давлат бояд нигоҳдории фарҳанги ҷомеаи худро ҳамчун манбаи асосӣ, муҳит ва воситаи худшиносии одамон, огоҳии онҳо аз ғояи миллӣ ва руҳияи миллии худ фаъолона таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, давлати дунявиро метавон ҳамчун усули ташкили ҳокимияти давлатӣ (сиёсӣ) тавсиф кард, ки дар он давлат ва иттиҳодияҳои динӣ ҷудо ҳастанд ва дар айни замон бо ҳамдигар ҳамкорӣ мекунанд, дини давлатӣ ё расмӣ вуҷуд надорад, баробарии иттиҳодияҳои динӣ, озодии виҷдон ва ҳуқуқҳои баробари шаҳрвандон, новобаста аз муносибати онҳо ба дин, барои ноил шудан ба тавозуни манфиатҳо байни шахс, давлат ва ташкилотҳои динӣ дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа таъмин карда мешаванд [166, с. 9].

Тавре ки таҳлили мундариҷа ва асосҳои фалсафию сиёсии падидаи дунявият нишон медиҳад, давлати дунявӣ – ин давлатест, ки қонунияти

мавҷудияташ аз манбаъҳои динӣ ё идеологӣ вобастагӣ надорад. Ҳокимияти давлат дорои соҳибихтиёрии комил мебошад ва ягон сохти динӣ ё идеологӣ ҳамчун тартиботи олӣ ва муқаддам бар он эътироф намешавад. Дар чунин давлат ҳеҷ гуна дин ё идеология ҳамчун ҳатмӣ ва умумиҷамъиятӣ пазируфта намешавад. Давлат озод аст аз дахолат ё фишори гурӯҳҳои динӣ ва идеологӣ, аз ҷумла аз тобеъшавии фаъолияти мақомоти давлатӣ ба ташкилотҳои мазҳабӣ ва ё гурӯҳҳое, ки ба паҳн кардани идеология машғуланд [134, с. 53–61].

Аз дидгоҳи фалсафӣ–ҳуқуқӣ, дунявият – хусусияти ҳуқуқии конститутсиониест, ки мустақилияти иҷтимоӣ ва расмии давлатро аз манбаъҳои динӣ ва идеологӣ нишон медиҳад. Дунявият инро низ дар бар мегирад: рад кардани тартиботи болотар ё пештар аз сохти давлатӣ, вуҷуд надоштани идеология ё дини ҳатмӣ, озодии давлат аз фишори дин ва идеология ва дахолати ташкилотҳои мазҳабӣ ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, сохторҳо ва муассисаҳои он, инчунин ба низоми ҳуқуқӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ.

С.В. Фомина чунин андеша менамояд: «Мафҳуми дунявияти давлат системаи ғояҳоеро ифода мекунад, ки бо хусусиятҳои давлат, сохтори ҳуқуқии он, анъанаҳои миллӣ ва фарҳангӣ ва тақсимоти ҳувиятҳои миллӣ, фарҳангӣ ва динӣ дар дохили ҷомеа муайян карда мешаванд. Ин низом мундариҷаи дунявии давлатиро муайян мекунад ва маҳдудиятҳоеро, ки он ба муносибатҳои байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ татбиқ мекунад, муқаррар мекунад» [153, с. 39–44].

Ҳар як модели муносибатҳои байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ ба фаҳмиши мушаххаси дунявият ҳамчун як категория ва хусусиятҳои хоси он мувофиқат мекунад. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дунявият ҳамчун «дунявияти бетараф» ё «дунявияти бетарафи фаъол» амалӣ мегардад. Дар Иттиҳоди Шуравӣ, дунявият бо атеизм яксон дониста мешуд. Дар кишварҳои муосири Аврупо, аз ҷумла Фаронса,

Олмон, Британияи Кабир ва дигарон, дунявият ҳамчун «дунявияти созанда» ё «дунявияти фаҳмонанда» шарҳ дода мешавад.

Бояд таъкид намуд, ки ташаккули дидгоҳи дунявият дар ҷомеаҳои аврупоӣ, бахусус дар Фаронса, реша дар афкори файласуфони қадим, аз қабили Эпикур ва Марк Аврелий, осори мутафаккирони исломии асрҳои миёна ва файласуфони аврупоӣ, аз ҷумла Ибни Рушд ва Марсилий Падуанский, инчунин намояндагони давраи маорифпарварӣ, монанди Дидро, Волтер ва Ҷефферсон дорад. Масалан, файласуфи барҷастаи олмонӣ Иммануил Кант яке аз вазифаҳои асосии давлатро «мусоидат барои расидан ба саодати маънавии инсон медонист» [174]. Ба андешаи мо, маънии ин назар дар он ифода меёбад, ки роҳҳои дарёфти саодати маънавӣ аз ҷониби андешамандон аз даврони атиқӣ то замони муосир мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар ин раванд садҳо таълимот, ғоя ва дидгоҳҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд.

Дар низоми давлатдории Фаронса мафҳуми дунявият пеш аз ҳама, ҷудо будани давлат аз динро ифода мекунад. Ба ибораи дигар, давлат нисбат ба фаъолияти динҳои мухталифе, ки дар қаламрави кишвар амал мекунанд, мавқеи бетарафро ишғол менамояд. Аз ин рӯ, дунявият ҳамчун як принсипи конститутсионӣ баррасӣ шуда, ҷудоии давлат аз ниҳодҳои динӣ маънидод мегардад. В.Е. Чиркин давлати дунявиро чунин маънидод менамояд: «Давлати дунявӣ ҷудо будани иттиҳодияҳои динӣ аз ҳокимияти давлатӣ ва баробарии онҳоро дар назди қонун пешбинӣ менамояд» [114, с. 312].

Қобили зикр аст, ки ғояи дунявият дар Фаронса таърихи беш аз ду асрро дар бар мегирад. Аммо, нахустин бор ин мафҳум расман дар қонунҳои Жюл Ферри соли 1882 зикр гардида буд, ки тибқи онҳо таҳсилот ҳатмӣ, ройгон ва дунявӣ эълон мешуд. Истилоҳи «секуляризм» ё «дунявият» дар луғатҳои фаронсавии «Larousse» ва «Littre» дар оғози солҳои 1870 пайдо шуда, асосан ба соҳаи маориф иртибот дошт. Заминаи

ҳуқуқии ин раванд бошад, принсипи ҷудо будани калисо аз давлат маҳсуб меёфт, ки он 9 декабри соли 1905 шакли қонунӣ касб намуд.

Агар ба вазъи дин дар Фаронса назар афканем, мебинем, ки динҳои густурдатарин дар ин кишвар католитсизм (масеҳият) ва ислом ба шумор мераванд. Пас аз Инқилоби соли 1798 дин бо ҳадафи ҳифзи руҳияи инқилобӣ таҳти назорати давлат қарор гирифт. Мубориза барои ташаккули ҳокимияти дунявӣ дар Фаронса аз асри XVIII, дар ҷараёни муқовимат бо бартарияти калисои католикӣ оғоз ёфт. Аз охири ҳамин аср таълими дин дар мактабҳои ибтидоӣ манъ гардид. Дар ибтидои асри XXI бошад, дар муассисаҳои давлатӣ, аз ҷумла мактабҳо, истифодаи рамзҳои динӣ, ба монанди салибҳои бузург ва рӯймолҳои исломӣ, мамнуъ эълон шуд.

Тавре ки Г.Н. Зокиров дуруст қайд мекунад: «Таназзули муносибатҳои асримиёнагӣ ва ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоӣ ба пайдоиш ва таҳкими ҷаҳонбинии дунявӣ, аз ҷумла ба назарияҳои сиёсие, ки заминаи ташаккули давлатҳои дунявиро фароҳам оварданд, такони ҷиддӣ бахшид. Сатҳи рушди муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии давраи Эҳё имкон фароҳам сохт, ки сиёсат низ дар шакли мукаммалтар зуҳур намояд. Тағйироти куллӣ дар фарҳанги ин давра пеш аз ҳама, дар шикастани ҳукмронии маънавии калисо зоҳир мегардид» [40, с. 158].

Мафкураи навташаккули ҷомеаи сармоядорӣ барои рушду инкишофи назарияи сиёсии комилан дунявӣ шароити мусоид фароҳам овард. Ғояи ташкили давлати неруманду мустақил аз таъсири дин ва калисо матраҳ гардид. Дар ҳамин замина, таълимоти ҳуқуқи табиӣ низ ба марҳилаи авҷи худ расид. «Ҳаракатҳо ва эътирозҳои иҷтимоӣ–сиёсӣ, аз қабили лютеранӣ, калвинизм ва дигар ҷараёнҳо, дар рушди давлатҳои дунявӣ нақши муҳим бозиданд» [170].

Илова бар ин, вазъи вазнини оммаи заҳматкаш ва ба амал омадани шуришу ҳаракатҳои мардумӣ ба ташаккули андешаҳо дар бораи таъсиси шакли нави давлатдорӣ таъсири ҷиддӣ расониданд. Давраи Эҳё бо хусусиятҳои хосе фарқ мекард, ки онро аз дигар марҳилаҳои таърихӣ ҷудо месохт. Аз ҷумла: буҳрони муносибатҳои феодалӣ, ташаккули тадриҷии муносибатҳои ибтидоии сармоядорӣ, пайдоиши синфи сармоядорон ва муайян гардидани ҷойгоҳи онҳо дар ҷомеа, муносибати интиқодӣ ба сохтори калисо ва принсипҳои динӣ, рад гардидани ҳокимияти Папаи Рим дар баъзе кишварҳо, махсусан Англия, коҳиши нақши калисо дар ҳаёти ҷамъиятӣ, шаклгирии фаҳмиши нав дар бораи ғояҳои сиёсӣ ва таваҷҷуҳи бештар ба арзишҳои шахсияти инсон.

Дар воқеъ, марҳилаи ибтидоии ташаккули давлатҳои дунявӣ бо гуногунрангии хусусиятҳо фарқ мекунад. Он дар замони буҳрони калисои католикӣ ва таназзули умумии дин ба вуҷуд омад. Дар ин давра тафаккури ғайридинӣ ташаккул ёфта, ҷаҳонбинӣ, фарҳанг ва санъати гуманистӣ инсонро ҳамчун арзиши марказӣ матраҳ намуд.

Давраи Реформатсия низ, ки заминасози давлатҳои дунявӣ гардид, хусусиятҳои хоси худро дошт. Мубориза барои ислоҳ ва демократикунонии калисои католикӣ шиддат гирифт ва ҳаракатҳои динӣ берун аз нуфузи калисо ташаккул ёфтанд. Ҷараёнҳои реформатсионӣ дорои самтҳои гуногун буданд ва се самти асосии онҳо – муътадил, плебейӣ ва мобайнӣ – аҳаммияти махсус пайдо карданд.

Намояндагони ҷараёни муътадил асосан манфиатҳои шаҳрнишинони камбизоат ва ашрофи қашшоқро ҳимоя намуда, барои ба даст овардани истиқлол аз калисо ва истифодаи сарватҳои он талош мекарданд. Идеологи асосии ин ҷараён Мартин Лютер (1483–1546) маҳсуб мешавад, ки дар рисолаи худ «Дар бораи ҳокимияти дунявӣ» (1523) ғояҳои асосии доктринаашро баён кардааст. Ин ғояҳо аз озодии ботинии инсон, баробарии ҳамаи табақаҳо дар назди Худо, тавсифи

ҳоким ҳамчун хизматгори халқ ва зарурати итоати мардум ба ҳоким иборат буданд. «Назарияи сиёсии Лютер ба тақвияти мутлақият ва раҳой аз тобеияти калисо мусоидат намуд, аммо сохтори иҷтимоиро куллан тағйир дода натавонист. Дар баробари ин, ҷараёни плебейии реформатсия манфиатҳои табақаҳои поёнии шаҳр ва деҳқононро ифода намуда, ба таҷдиди низоми мавҷудаи давлатӣ даъват мекард. Намояндаи барҷастаи ин ҷараён Томас Мюнсер (1490–1526) ба шумор мерафт» [40, с. 160].

Дар Аврупо, вақте ки протестантҳо ва католикҳо гурӯҳҳои сиёсиро ташкил медоданд, онҳо чунон ба сиёсат ва фитнаҳои сиёсӣ печида буданд, ки сарвати Аврупоро дар ҷангҳои динӣ месӯзонданд ва нобуд мекарданд. Манбаъҳои таърихӣ ва таҳлили илмӣ ба таври возеҳ нишон медиҳанд, ки сарфи назар аз решаҳои илмӣ ва сиёсии пухтаи Ренессанс, ҷаҳони қадимро аз асорати дини Папаи Рим на танҳо қудрати сиёсӣ ва овози пурҳаяҷони сиёсатмадорони шаҳире, монанди Марсиллий Падуанский, Николас Макиавелли, Сервантес ва дигарон, балки инчунин, ҳамовозии бедорию ҳушёрии олимони динӣ, ки рушди омили диниро дар озод кардани дин аз сиёсат дарк мекарданд ва бо «қувваҳои ҳаракатдиҳандаи даврони Эҳёи Аврупо бузургтарин олимон, хирадмандон, суханварон, донишмандон, рассомон, меъморон, муборизон, фидоиёни ватан ва миллати худ» [158, с. 3] барои мубориза баҳри ҷудо кардани дин аз сиёсат муттаҳид шуданд, наҷот дод.

Тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, ғояҳои Никколо Макиавелли (1469–1527) дар ташаккули ғояҳое, ки заминаи пайдоиши давлатҳои дунявиро гузоштанд, нақши муҳим бозидаанд. Макиавелли бо ду ҷанбаи кори худ машҳур аст:

1. Равиши нави илмии ӯ, ки пайдоиши илоҳии давлат ва рӯйдодҳо ва равандҳои рушди онро, ки табиатан объективӣ мебошанд, аз тасаввуроти инсонӣ вобаста нестанд, инкор мекунад;

2. Таълимоти ахлоқии мақсадноки ӯ, ки дар пешорӯйи мафҳуми "макиавеллизм" қарор дорад, пайдоиши илоҳии давлат ва сиёсатро рад мекунад ва ғояи зарурати таърихӣ ва қонунияти объективиеро, ки онро тақдир меномад, пеш мебарад. Аммо, на ҳама рафтор ва амалҳои инсонӣ аз тақдир вобастаанд. Аз ин рӯ, илова бар тақдир, ки иродаи озод ва дигар амалҳоро кафолат медиҳад, неруйи шахсӣ низ асоси сиёсат аст.

Олими ватанӣ С.С. Ятимов чунин таъкид менамояд: «Бузургтарин намояндаи ин равия руҳонии машҳури немис Мартин Лютер (1483–1546) буд. Ӯ ба мардуми худ, ба ибодаткунандагон эълон дошт: «Оғоз аз ин лаҳза баромадан аз султаи бегонагон, Папаи Рим, вазифаи ҷонии ҳар як немис аст!» [158, с. 2].

Дар даврае, ки Рим ба сиёсисозии дин шуруъ кард, фаъолияти давлат, маъмурияти давлатӣ ва адлияи давлатӣ дар асрҳои миёна комилан ба фасоди густурдаи молиявӣ ва ахлоқӣ дучор мешуд. Садои Макиавелли, Исаак Бруно, Томас Ҳоббс ва Фрэнсис Бэкон, ки барои наҷоти давлатҳои аврупоӣ даъват мекарданд, ба гӯши попҳо пурра нарасид ва ба эҳёи худшиносии миллатҳои аврупоӣ мусоидат накард. Аммо, эътирозиислоҳотхоҳонаи илоҳиётшиносони масеҳӣ (протестантҳо ва калвинистҳо) Мартин Лютер (31 октябри соли 1517 ӯ "95 тезис"–ро дар назди дари калисои Виттенберг навишт), Улрих Свингли ва Ҷон Калвин сохтори вайроншудаи давлат, дин ва Римро дар Аврупо аз дарун комилан такон дод ва инквизитсия, лашкаркашиҳои ордендорони манфиатхоҳ ва дигар рафтори нохуши дингароёни мансабталабро фош кард. Мартин Лютер, яке аз идеологҳои пешбари ислоҳотгарони калисо, ба ҳамаи мақомоти дунявӣ – императорҳо, шоҳзодаҳо, ашрофон муроҷиат кард ва масъалаи ногузирии ислоҳоти калисоро ба миён гузошт. Ӯ қайд кард, ки «калисо чунон дар гуноҳ ғарқ шудааст, ки наметавонад худро наҷот диҳад ва ба наҷот ниёз дорад. Ба андешаи ӯ, гунаҳкорро бо индулгенсия (бахшишпурсии бандаи

муқаддас) аз гуноҳ пок кардан ё наҷот додан мумкин нест. Ҳимояи Исо дар рӯзи қиёмат ба ифодаи имон табдил меёбад ва корҳои неки инсон нишонаи имон ва муҳаббат ба наздиконаш мебошанд. Ба Папаи Рим умед бастан барои наҷот бефоида аст, «ӯ ба кирме табдил ёфтааст, ки токзори Худоро ғорат мекунад» [28, с. 304]. Дар соли 1530, вақте ки Рейхстаг дар Шпайер аз номи император ва Папаи Рим таҳдид кард, ки фармони Вормсро бар зидди бидъаткороне, ки аз дохили дин бар зидди калисо меҷангиданд, татбиқ мекунад, князҳое, ки 14 шаҳрро намояндагӣ мекарданд, бар зидди чунин чора эътироз карданд ва эъломия навиштанд. Ҳамин тариқ, ҷунбиши ба ном Ислоҳоти масеҳӣ номи ҳаракати Ислоҳоти протестантиро гирифт, ки дар ниҳоят қудрати сиёсии Папаи Римро дар Аврупо то ҳадди зарурӣ маҳдуд кард. Ин бедории сиёсӣ ва динии ҷаҳони қадим, албатта, таҳти таъсири омилҳое, ба монанди рушди илм, худшиносии сиёсии миллатҳои аврупоӣ, коҳиши ҳукмронии феодалӣ ва пайдоиши иқтисоди капиталистӣ, таъсиси давлатҳои миллӣ ва ҳаракатҳои озодихоҳии мардумӣ низ қарор дошт. Ф. Фукуяма дуруст таъкид мекунад: «Дар Аврупо, бар хилофи Шарқ, «либерализми англисӣ» ҳамчун вокуниши мустақим ба фанатизми динии давраи ҷанги шаҳрвандии Англия ба вуҷуд омад» [99, с. 408].

Дунявияти давлатӣ, ҳатто агар дар сатҳи конститутсионӣ сабт шуда бошад ҳам, худ ба худ меъёрҳои ҳуқуқии мушаххас эҷод намекунад. Он, пеш аз ҳама, як категорияи арзишшиносӣ (аксиологӣ), назариявӣ ва методологӣ ба шумор меравад, ки ба рушди давлатҳои пасошуравӣ самти муайян медиҳад ва ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи динро муайян месозад.

Аз ин рӯ, фаҳмиши илмӣ ва асосноки мазмун ва принсипҳои давлати дунявӣ бояд ҳамчун пояи консепсия ва идеологияи қонунгузорӣ дар бораи дин ва иттиҳодияҳои динӣ хизмат кунад. Ин фаҳмиш бояд ба

тамоми муҳтавои Конститутсия ва қонунҳои зерқонунӣ ворид карда шавад ва дар онҳо инъикос ёбад.

Дар давраи шуравӣ, таҳлили воқеъбинонаи дунявияти давлат ба сабаби маҳдудиятҳои идеологӣ душвор буд. Ҳуқуқшинос Г.Р. Голст бар ин назар буд, ки «танзими озодии виҷдон дар Иттиҳоди Шуравӣ на танҳо бо вазифаҳои таблиғи илмии атеистӣ мухолифат надошт, балки, баръакс, шароити заруриро барои иҷрои он шароити заруриро фароҳам меовард. Хусусияти дунявии давлат, тибқи дидгоҳи ҳукмрон, ба шакли табъиз нисбати иттиҳодияҳои динӣ ифода меёфт» [26, с. 7]. Ба андешаи В.В. Клочков, «принсипи ҷудоии калисо аз давлат дар амал ба маҳдуд кардани фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ ба як вазифа – қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти мазҳабии шаҳрвандон оварда расонд ва ҳамаи дигар вазифаҳои онҳо, на танҳо давлатӣ, балки ҳатто ҷамъиятиро аз онҳо гирифта буданд» [45, с. 245].

Дунявият як навъи озодии эътиқод буда, ҳеҷ гоҳ даъвои идеологияи динӣ ё бединиро дар ҷомеа накардааст. Аммо, дар шароити имрӯза, бархӯрди андешаҳои мухталиф дар ҷомеаи шаҳрвандӣ байни қишрҳои гуногун вуҷуд дорад. Ғайр аз ин дунявият маънои бединиро надорад, баръакс дар ҷомеаи шаҳрвандӣ имкон медиҳад, ки намояндагони тамоми адён байни ҳам созиш намоянд, то ҳеҷ гуна низоъҳо ба вуҷуд наоянд.

Дар ин хусус А. Г. Холиқзода дуруст таъкид мекунад: «дунявият атеизм нест, балки фароҳам овардани шароити мусоид ва озод барои муъминон аст. Дунявият таблиғи яктарафа ва қатъии дин ва эътиқод ва ё таҳмили маҷбурии дин нест. Балки он шароити мусоид ва озод барои пешрафти арзишҳои динӣ, қонеъ кардани ниёзҳои динии шаҳрвандон ва кафолати озодии виҷдон аст. Дунявият на танҳо нигоҳ доштани шаҳрвандон дар доираи эътиқоди динии худ, балки фароҳам овардани имконияти озодона интихоб кардани дин ё даст кашидан аз дин, инчунин интихоби озоди имон ва виҷдон аст. Дунявият хидмати яктарафа ба дин

ва муъминон, ё бединон нест, балки муҳити озод барои ҳаёти муъминон ва беимонон аст, ки дар он таҳмили маҷбурии дин ва эътиқод манъ аст ва таблиғи озодона ва арзишманди ҷанбаҳои мусбат ва ҳадафҳои наҷиби динҳо, ақидаҳо ва андешаҳо иҷозат дода мешавад» [104, с. 384–385]. Дар асл, чунин муносибат ба табиати аслии дин низ мухолифат надорад, зеро ислом таъкид менамояд: «Дар дин ҳеҷ иҷборе нест», дар ояти 256–уми Сураи «Бақара» ва ё ҷойи дигар омадааст: «Ва бигӯ: «Ин сухани рост аз Парвардигори шумо омадааст. Пас, ҳар ки хоҳад имон оварад ва ҳар кӣ хоҳад кофир шавад» [50]. А.Ғ. Холиқзода дар давом иброз менамояд: «Давлат имрӯз ҳамаҷониба кӯшиши ҳимояи арзишҳои динӣ намуда истодааст, фазои давлати дунявӣ чунин шароитро низ фароҳам овардааст, ки динҳо озод фаъолият намоянд. Вале агар худи аҳли диндорон манбаи эътиқоди худро аз ин офатҳои ботинӣ тоза нанамоянд, давлат дар шароити дунявият ва тавсеаи озодиҳо на ҳамеша дахолатро бар ҳарими ҳарами эътиқодмандон имконпазир медонад. Албатта, дар ҳолати вайрон шудани талаботи қонун, таҳдид ба ҳуқуқҳои дигарон, амнияту субот, таҳдид ба ахлоқи ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ ва якпорчагии кишвар дар асоси қисми 3 моддаи 14 Конститутсия давлат муваззаф аст, ки садди роҳи ин бетартибиҳо шуда, маҳдудиятҳои иҷбориро бар зуҳури дин ва эътиқод ҷорӣ намояд. Аммо корро то ба ин сатҳ бурдан лоиқи даврони муосир, миллати хирадманди тоҷик ва лоиқи симати меросбарони асили Имоми Аъзам буда наметавонад» [104, с. 384–385].

Яке аз мушкилиҳои фазои андешаи динию миллӣ ва интихоби арзишҳои мансуби онҳо ин тағйирпазирии мақсад ва ҳадафи соҳибони андешаанд. Дар ниҳояти кор озодӣ аз воситаи мавҷудият ва саодатмандӣ ба ҳадафи асосии гурӯҳӣ ва инфиродӣ табдил меёбад. Ҳадаф он дараҷа бартарии худро ҷавлон медиҳад, ки ҷилои он роҳҳо ва воситаҳои ба он расиданро беранг мегардонад, масали «ҳадаф эътимоднокии воситаро

собит менамояд» шиори асосии ин гурӯҳҳо мегардад. Тадриҷан тағйирот на ба мақсад, балки ба роҳи расидан ба он зарурат пайдо менамояд.

Мутобиқ ба анъанаи давлатшиносии юнониёни қадим шарти мавҷудияти давлат тартибот, озодӣ ва истиқлолият буд.

Давлат воситаи бамақсадрасӣ буд, на ҳадафи ҷомеа, мақсади аслӣ ва ҳадафи марказӣ низоми одилона, тартиботи адолатнок, некӣ ва накӯкорӣ ба мардум маҳсуб мешуд. Баъдан, андешаи аврупоӣ озодиро дар байни ҳадафҳои асосии низоми сиёсӣ ҷойгоҳи марказӣ дод ва онро ҳамчун ҳадафи асосӣ, на ҳамчун яке аз ҳама ҳадафҳо муаррифӣ кард [48, с. 12]. Яъне, ҳадаф таъмини озодии фардӣ ва коллективӣ, ки дар он аслан ғолибияти озодии фардӣ бештар мушоҳида мешуд. «Юнониёни қадим аз сиёсат некӣ ва саодатмандиро меҷустанд, вале аврупоиҳои дарбандбуда озодиро дар мадди аввал талаб доштанд. Барои охириҳо муҳим озод будан аст, на зиндагии некӯкорона, худи озодӣ, мегуфтанд онҳо, ба мо санъати некӯиро меомӯзонад. Фикр мантиқист, вале бо чӣ мусибатҳо ва қурбониҳо. Аммо аввалиҳо зиндагии некбинона ва хубро орзу намуда, барои онҳо роҳи ба он расидан муҳим набуд. Ҳамин тавр, таҳаввули назарияи давлат ҳадафи худро бо мурури замон дигар мекунад. Агар дар аввал мақсад ҳар воситаро ҳамчун усули баҳадафрасӣ қоим медонист, вале баъдан, восита бояд ба талабот ҷавоб дода, худ чун ҳадаф баромад мекард. Яъне, консепсияи саодатмандӣ тибқи назарияи нав танҳо бо роҳ ва усули хосса имконпазир гардиданаш ғолиб омад [104, с. 385]. Яъне, роҳу воситаи расидан ба ҳадаф, ҳадафи ибтидоӣ ва бунёдии давлатҳои нави миллӣ гардид. Таҳлили амиқи ин раванд дар мисоли кишварҳои муосир равшантар мегардад. Мисол, дар давлатҳои муосири миллӣ, ки таҳти таъсири неруҳои динӣ қарор доранд, раванди табдилёбии мақоми воситаҳои расидан ба ҳадафҳоро равшан дарк менамоем. Фазои ҳуқуқии давлатҳои демократӣ ва дунявии миллӣ дар чунин ҷомеаҳо зиндагии обод, таъмини шароити арзандаи зиндагӣ ва саодатмандии ҷомеаро ба

сифати мақсади асл, муайян кардааст. Фазои андешаи сиёсӣ ва неруҳои сиёсӣ дар ҷомеа низ чунин мақсадро дар ибтидо интихоб ва эълон менамоянд. Ва ин нукта ҳам аз навиштаҳои ҷонибдорони режими дунявияту демократӣ ва ҳам аз ҷониби неруҳои зиддиҳукуматӣ ва ҳатто динӣ дар матбуоти даврии чунин кишварҳо дар таърихи давлатҳо бисёр садо додааст ва ҳанӯз ҳам садо медиҳад. Ин ҳолат дар майдони муборизаи сиёсии чунин кишварҳо бо мурури замон ноаён тағйир меёбад. Воситаи расидан ба мақсад дар майдони мубориза байни қувваҳои сиёсӣ тадриҷан нуфуз пайдо мекунад. Маълум мешавад, ки ҳадафи аслии яке аз гурӯҳҳои сиёсӣ ҳимоят ва тарғиби роҳи расидан ба мақсад аст. Яъне, баҳс на атрофи мақсад ва ҳадафҳои аслӣ, балки атрофи роҳи расидан ба онҳо афзалият пайдо менамояд. Дар чунин маврид, агар барои ҷониби ҳукумати қонунӣ роҳи расидан ба мақсад бетағйир монаду мақсад, ки ободии ҷомеа аст, диққати асосиро ба худ ҷалб кунад, барои гурӯҳҳои дигари мухолиф (мисол, исломиёни ифротгаро дар охири қарни гузашта) баръакс, «роҳи расидан ҳадафи асосӣ мегардаду натиҷагирӣ аз он ба мақсади иловагӣ табдил меёбад» [104, с. 384]. Натиҷаи чунин табдилёбии воситаҳои сиёсӣ ногузир ҳукуматҳои давлатҳои миллиро маҷбур мекунад, ки дар роҳи расидан ба мақсадҳои аслиашон роҳу воситаҳои қонунии худро дифоъ намоянд. Ин ҳолат дар баъзе мавридҳо неруҳои сиёсиро дар маҷмуъ, аз ҳадафи аслӣ некӯии кул ва саодатмандии халқу миллатҳо дур намуда, диққати мардумро тавассути қувваҳои сиёсӣ ба мубориза барои ҳаққонияти андеша ва роҳи худ ҷалб менамояд. Оқибати чунин муборизаҳо, дар сурати нодуруст ҳазм шудани вазъият ҷанги шаҳрвандист.

А.Ғ. Холиқзода иброз менамояд: «Аврупо бо пайдоиши давлатҳои демократӣ ва дунявӣ, динро аз сиёсат ва ҳуқуқ ҷудо кард ва ин барои рушди илм, давлат ва ҷомеа, инчунин дин, маорифи динӣ ва илоҳиёт натиҷаҳои мусбат дод. Протестантизм ва православия шохаҳои динии

худро бар пояи демократия инкишоф доданд. Гарчанде ки таъсири сиёсии шахсиятҳои динӣ умуман коҳиш ёфтааст, дин, новобаста аз рушди илм дар ҳаёти шахсӣ, дар масъалаҳои эътиқодӣ ба муваффақият ноил гардида, таърихан таваҷҷуҳи сиёсатмадоронро ҳамчун манбаи қаноатмандии маънавӣ ҷалб кардааст, ба иҷрои вазифаҳои муҳимми давлатӣ дар соҳаи маънавӣ мусоидат кардааст ва дар ҳифзи ахлоқии муносибатҳои инсонӣ дар давраи муосир хидматҳои арзишманд расонидааст» [103, с. 114].

Ғайр аз ин, дар кишварҳои араб низ аз аввали асри XX ҷудоии дин аз сиёсат дар дараҷаҳои гуногун мушоҳида шудааст. Давлатҳои миллии арабӣ, дар ҳоле ки арзишҳои диниро қадр мекунанд, аммо дар масъалаҳои дифоъи миллӣ авлавиятро ба охирӣ медиҳанд. Ногуфта намонад, ки «кишварҳои арабӣ низоми қатъии шаҳрвандӣ ва садоқат ба давлатро, ки танҳо бар асоси хун ва замин асос ёфтааст, нигоҳ медоранд, ки ин хилофи принсипи шаръии "мӯъмин бародари мӯъмин" аст. Низомҳои ҳуқуқии аксари кишварҳои араб дар масъалаҳои марбут ба танзими ҳуқуқии масъалаҳои тиҷоратӣ, оилавӣ, шаҳрвандӣ, ҷиноӣ, судӣ ва конститутсионӣ то ҳадди муайян аз таҷрибаи оилаҳои ҳуқуқии руминӣ–олмонӣ ва англо–амрикоӣ истифода бурда, ҳамкориҳои самарабахшро ба роҳ мондаанд» [92, с. 147].

Ҷангу низоъҳое, ки дар Ховари Миёна идома доранд, бозгӯкунандаи онанд, ки то ҳол раванди дунявият дар ин кишварҳо пурра паҳн нагардидааст. Дунявият ҳам ифротгароии атеистӣ ва ҳам ифротгароии диниро қабул надорад. Ба ин хотир зарур меояд, ки ҳамоҳангӣ ва ҳамкории се омили асоси – давлати миллӣ, андешаи миллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ба роҳ монда шавад. Яке аз масълаҳои асосие, ки дар ин мавзуъ матраҳ мешавад, он аст, ки то ҳол аксари мардум дунявиятро бо сабаби таъсирпазирӣ аз афкори донишмандоне, ки низоми дунявиятро барои ислом комилан бегона арзёбӣ менамоянд,

ҳамчун раванди зидди динӣ эътироф мекунанд. Дар ин росто, донишмандоне аз худ дарак медиҳанд, ки низоми дунявиятро барои ислом комилан бегона арзёбӣ менамоянд. Тибқи андешаи онҳо, дунявият маҳсули тафаккури Ғарб буда, ҳеҷ робитае ба воқеияти исломӣ надорад [146, с. 425]. Барои пешгирии густариши чунин фикрҳои беасос ва иштибоҳӣзарур аст, ки ба аҳли ҷомеа моҳияти дунявият, ба ҳеҷ ваҷҳ зидди дин набудани дунявият, балки кафолатдиҳандаи шароити мусоид барои амалӣ гардониҳои боварии динӣ будани он дуруст фаҳмонида дода шавад, зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки чи дар Аврупо ва ё Осиё динро ба сиёсат аз андозаи имконпазир бештар то махлутшавӣ ҳамроҳ сохтанд, ва аз ин ҳам давлат зарар дидаасту ҳам дин. Дини мо, имони мо, манбаи покӣ ва ташаккули руҳ ва ақли солим барои миллати мост, ки мо дар тӯли таърих дар ташаккули тафаккури аҷдодии худ бо анъанаҳои беназири динӣ, фарҳангӣ ва адабӣ ба даст овардаем. Ислом дини мост, он бояд бо ташаккули руҳи миллати мо дар покӣ ва рушди шахсияти шахси воқеӣ – муъмини комил ва зуҳуроти ҳаёти дастаҷамъии мардуми мо ҷомеа ва давлати мо хидмат кунад. Онҳое, ки исломро ба абзори мубориза барои қудрат табдил медиҳанд ва дар сарзамини мардуми хирадманди тоҷик ҳукмронии исломиро талаб мекунанд, намефаҳманд, ки дар пайгирии адолат онҳо ҷавҳари касби адолат имон, эътиқод ва виҷдони шахсиро бо ғаризаҳо омехта мекунанд ва манбаи тарбияи инсони комилро аз даст медиҳанд. Ҳадафи аслии дини ислом на сохтмони давлати исломӣ, балки ташаккули шахси ростқавл, хайрхоҳ, парҳезгор, босавод, диндор ва умуман ҷомеаи одилона аст. Аз ин рӯ, Ислом адолат ва инсофро аз ҳама аъмоли имонӣ бартар медонад ва дар даҳҳо оят ва ҳадисҳо ба ростӣ ва бартарии адолат бар ибодат таъкид мекунад ва инчунин, хислатҳоеро ба монанди ростқавлӣ, меҳрубонӣ, хоксорӣ, ватанпарастӣ ва сабр, ҳамчун хусусиятҳои асосии имондорӣ ва мусулмонӣ муаррифӣ мекунад [103, с. 115]. Ҳадиси машҳури «давлат бо

кофири одил поянда аст, вале бо мусулмони золим не» гувоҳи ин гуфтаҳост. Дигар ин ки, инсон ба нияти нек офарида шудааст ва табиати ӯ ҳамеша барои хеш некӣ мехоҳад. Офаридгорро низ инсони хирадманд берун аз рисолати накӯкирдорӣ ва адлпарастӣ тасаввур карда наметавонад. Вале бо вуҷуди ин, «иддае аз мусулмонон дидаю дониста зиндагии худро вазнин менамоянд. Ба хотири кадом як равишҳои ҷузъӣ асли равишҳои кулро эҳсос намекунанд, масъалаҳои асосиро аз ғайриасосӣ тамиз намекунанд. Тағйиру табдили замону маконро фаҳм, қонунияти диалектии тағйирпазирӣ ва ягонагию ба ҳам зидди ашёю ҳодисаҳои оламро дарк наменамоянд. Одитарин ва муҳимтарин рукни пешравии ҷомеа – ғояи «инкори инкорро», дар зиндагии фардии иҷтимоияшон ба инобат намегиранд. Онҳо арзишҳоро бо ғаризаҳо омехта мекунанд» [103, с. 115]. Дар давлате, ки озодии виҷдон пурра эҳтиром карда мешавад ва имон ва эътиқод озод аст, онҳо мехоҳанд исломро бе зарурат бо сиёсат омехта кунанд ва онро ба қалъаи муборизаи сиёсӣ табдил диҳанд. Аён аст, ки онҳо ангезаҳо ва ҳадафҳои мушаххас доранд. Барои онҳо на исломи ҳақиқӣ ва имони, балки манфиатҳои молӣ ва сиёсӣ муҳимтар ва арзишмандтаранд.

Давлати дунявӣ ягон дин ё системаи ҷаҳонбиниро ҳамчун идеологияи расмӣ эътироф намекунад. Баъзе муҳаққиқон, огоҳона ё беихтиёрона, мафҳумҳои "дунявият" (секуляризм) ва "дунявишавӣ"(секуляризатсия)–ро комилан якхела мешуморанд. Дунявишавӣ дуршавии дин аз ҷомеа, коҳиш ёфтани таъсири дин ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва аз даст додани аҳаммияти иҷтимоии онро ифода мекунад, дар ҳоле ки дунявият ҷудоии созмонҳои диниро аз давлат ва ба кори шахсӣ табдил ёфани динро ифода мекунад. Дар шароити секуляризм динҳо тадриҷан аз фарҳангҳои худ дур мешаванд: онҳо ғайриҳудудӣ гашта, ба объекти қарорҳои шахсӣ табдил меёбанд, дар натиҷа, одамон аз ҳама анъанаҳо дур шуда, заминаи фарҳанги анъанаҳои динии худро аз

даст медиҳанд [132, с. 47]. Давлати дунявӣ аз дин ҷудо нест, зидди дин нест, дин муҳимтарин зуҳуроти фарҳангии давлати дунявӣ мебошад, шаҳрвандони давлати дунявӣ пурра ба фаъолияти динӣ ва анҷом додани урфу маросимҳои динӣ машғул шуда метавонанд.

И.В. Понкин чунин зикр менамояд: «Дунявияти давлат ҳаммаънои атеизм ё зиддидинӣ будан нест» [79, с. 40].

Ба андешаи Н.Ф. Козирев давлати дунявӣ «Яке аз муҳимтарин фазилатҳои ҷамъиятӣ, маҳсули худшиносии шаҳрвандӣ ва эҷодиёти ҷамъиятии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад» [47, с. 93].

Ҳадаф аз ҷудо намудани ташкилотҳои динӣ аз давлат, пеш аз ҳама, фароҳам овардани имконияти мавҷудияти озоди динҳо дар давлат ба ҳисоб мерафт, ки ҷомеашинос В.И. Гараджа, ин ҳолатро «на озод намудани инсон аз эътиқод, балки озод намудани дин аз таъсирҳои берунӣ» [20, с. 286] баҳо додааст.

Таҳқиқи мафҳуми дунявияти давлат аз омӯзиши гуногуншаклии навъҳои давлатҳои дунявӣ (ва ғайридунявӣ) иборат аст. Барои навъбандӣ (типологияӣ) давлатҳои дунявӣ, интихоби маҷмуи камтарин нишондиҳандаҳои фарққунанда (критерияҳо) ва инчунин, қабули як дараҷаи шартият дар сохтани моделҳои намунавӣ зарур мебошад. И.В. Понкин чор навъи давлатҳои дунявиятро пешниҳод мекунад: дунявияти преференсиалӣ (барои як дин шароити беҳтар фароҳам мекунад); эквипотенсиалӣ (ҳамаи динҳо шароити баробар доранд); контаминатсионӣ (омехта бо унсурҳои идеологӣ/динӣ); идентификатсионӣ (давлат бо арзишҳои динӣ ҳамнаво мешавад, аммо онҳоро ҳатмӣ намекунад). Ду навъи давлатҳои ғайридунявӣ: теократӣ (ҳокимият дар дасти роҳбарони динӣ); идеократӣ (давлат бар асоси як идеологияи ҳатмӣ амал мекунад – монанди режимҳои тоталитарӣ). Ба андешаи ӯ, «ду аломати муҳимми давлатҳои дунявӣ: мавҷуд набудани дин ё идеологияи ҳатмӣ; ҷудоии иттиҳодияҳои динӣ ва идеологӣ аз

давлат.Маҳз ҳамин ду меъёр имкон медиҳанд, ки давлатҳо ба дунявӣ ва ғайридунявӣ тақсим карда шаванд ва дар доираи давлатҳои ғайридунявӣтафриқаи минбаъда сурат гирад. Давлати дунявӣ, бар хилофи давлати теократӣ, бо он фарқ мекунад, ки дар давлатҳои теократӣ қудратро пешвоёни динӣ – як шахс ё гурӯҳ – ба уҳда доранд ва ниҳодҳои давлатӣ бо созмонҳои динӣ муттаҳид карда мешаванд. Дар чунин давлатҳо ҷудоии қудрати давлатӣ ва роҳбарияти динӣ вуҷуд надорад; фаъолиятҳои динӣ ва давлатӣ муттаҳид карда мешаванд ва иттиҳодияҳои динӣ метавонанд расман ба фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ таъсир расонанд» [78].

Ба гуфтаи Г.П. Лупарёв, «Дунявияти давлатро танҳо дар асоси муносибати давлат ба дин ва ҳамкории он бо созмонҳои динӣ муайян кардан мумкин аст» [140, с. 122–136].

И.В. Понкин бошад, таъкид менамояд, ки «Таъмини дунявияти давлат танҳо дар заминаи таҳқиқи муфассал ва низомманди нишонаҳо ва хусусиятҳои ин мафҳум имконпазир аст» [78, с. 32]. Дар ин робита, муносибатҳои сиёсӣ бо иттиҳодияҳои динӣ омили муҳимтарин ҳисобида мешаванд, дар ҳоле ки муносибат ба дин ҳамчун як эътиқод вазифаи иловагии тавзеҳӣ дорад.

Ба фикри Владимир Дал «Дунявият– баръакси дин ва эътиқод аст, яъне давлати дунявӣ он давлатест, ки дар он қудрат ба ниҳодҳои ғайридинӣ – шаҳрвандӣ тааллуқ дорад» [94, с. 158]. Дар луғати ҳуқуқӣ давлати дунявӣ чунин таъриф карда шудааст: «Давлате, ки аз таъсири ҳама гуна дин, эътиқодҳои догматикӣ ва расму оинҳои динӣ, инчунин аз таъсири ташкилотҳои динӣ ва намояндагони онҳо ба сохтор ва фаъолияти муассисаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, низоми маорифи давлатӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти давлатӣ озод аст» [118, с. 458]. Дар ин таъриф хусусиятҳои зерини давлати дунявӣ зикр гардидаанд:

– бетарафии давлат нисбат ба дин;

– озодии диндорӣ ва атеизм;

– баробарии шаҳрвандон новобаста ба муносибаташон ба дин.

Аммо, ин таърифро метавон то андозае нопурра ҳисобид, зеро инкори пурраи таъсири дин ба давлат ва ҳуқуқ ғайриимкон аст. Дар ин ҳолат, масъалаи муҳимтарин на мавҷудияти таъсир, балки хусусият ва шакли таъсири байни давлат ва дин аст.

Ҳуқуқшинос Н.В. Володина принсипи дунявии давлатиро дар маънои танг ҳамчун бетарафии давлат нисбат ба дин тавсиф мекунад. Ба андешаи ӯ, «Чунин бетарафӣ маънои манъ кардани кумаки молии давлат ба калисоро дар назар надорад, зеро давлат хизмати иҷтимоии калисо ва нақши таърихии онро дар ташаккул ва рушди миллат, инчунин саҳми диниро дар такомули ахлоқӣ ва фарҳангии ҷомеа, баҳои баланд медиҳад» [19, с. 76].

Қайд кардан бамаврид аст, дунявият ҳамчун принсипи ташкили ҳамкории байни давлат ва дин, дар рушди давлатдории муосир нақши калидӣ дорад. Дар ин хусус И.В. Поркин хело нишонрас иброз менамояд: «Муқобил гузоштани дину дунявият ба сиёсати давлатдории муосир мухолифат мекунад» [78, с. 14].

Дар давраҳои охир мафҳуми «давлати дунявӣ» ба як унсури муҳим дар таҳлилҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ табдил ёфтааст. Давлати дунявӣ маънои ҷудоии комили дин ва давлатро дорад, ки тибқи он ҳеҷ дин ва эътиқод дар сатҳи давлатӣ боло намеистад ва ҳукумати давлатӣ ба ҳамаи шаҳрвандон ба таври баробар муносибат мекунад, новобаста аз дину эътиқоди онҳо.

Ин принсипҳои дунявият, ки ифодаи воқеии ҷудоӣ ва озодии виҷдон ва озодии динро кафолат медиҳанд, дар Конститутсияҳои муосири кишварҳои ИДМ, азҷумла Тоҷикистон, таъкид ёфтаанд.

Ин ба маънои он аст, ки давлат ба дину эътиқод бетараф мебошад ва ҳеҷ дин ё иттиҳодияи динӣ дар раванди сиёсӣ ва давлатдорӣ хусусияти

давлатӣ надорад. Ин низоми муносибат байни дин ва давлат кафолат медиҳад, ки озодии виҷдон ва муқобилияти табъиз вуҷуд дорад.

Ба андешаи А.Ғ. Холиқзода: «Таҷрибаи гузаштагон хуб маълум аст, ки халқу миллатҳое, ки дар масири таърих ба арзишҳои динӣ дуруст ва мутобиқи мақсаду мароми ҷомеа арҷгузорӣ намудаанд, ба муваффақиятҳои бузургу нодир ноил шудаанд. Номи Куруши бузургу Анӯшервони одил ва дигар сиёсатмадорони шинохтаи гузаштаи мо гувоҳи ин гуфтаҳост. Бинобар он, қадр намудани арзишҳои динӣ ва арҷгузорӣ ба онҳо дар доираи талаботи давлати демократӣ ва дунявӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон буд ва хоҳад монд» [104 с. 88–90] .

Дар маҷмуъ, рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ҳамчун таҷрибаи таърихӣ ва сиёсӣ ба ҷомеа имконият медиҳад, ки:

– ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро дар асоси қонунҳои устувор таъмин намояд;

– низоми ҳокимиятро ба қонун ва назорати ҷамъият мутобиқ созад;

– сатҳи баробарӣ ва иштирок дар идораи давлатӣ ва сиёсиро зиёд кунад;

– субот ва ҳамбастагии иҷтимоӣ ва сиёсиро таъмин намояд.

Дар ҳоли ҳозир таҳқиқоти илмӣ дар самти давлати дунявӣ ва муносибаташ бо ҳуқуқ ва демократия рушд мекунад. Бо вуҷуди ин, маънои дақиқи мафҳуми «давлати дунявӣ» дар ҷомеаҳои муосир, бахусус дар минтақаҳои пасошуравӣ, ҳанӯз ба таҳқиқоти бештар ва таҳлили равшан эҳтиёҷ дорад.

Албатта, хусусияти дунявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар моддаи 1 ва моддаи 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими ҷашну маросимҳо», моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» [2] ва дигар санадҳо таъкид шудааст, ҷудоии давлат аз динро пешбинӣ

мекунад. Аммо, ҳамзамон, наметавон ҳамкориҳо ва муносибатҳои воқеии миёни давлат ва иттиҳодияҳои диниро нодида гирифт.

Пас, низоми ҷудоии дин аз давлат дар шароити дунявият, ҳамчун равонасозии ҳаёти ҷамъиятӣ ба арзишҳои дунявӣ ва ҳуқуқбунёд, хизмат мекунад.

Моҳияти давлати дунявиро тавассути ду принсип, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гаштааст, шарҳ доданаш ба мақсад мувофиқ аст, яъне манъи муайян кардани ҳар гуна меъёри эътиқоди дин ҳамчун расмӣ ё ҳатмӣ, ҷудоии иттиҳодияи динӣ аз давлат ва дахолат накардани тарафайн ба корҳои якдигар.

Дар ин хусус Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хело дақиқ иброз медоранд: «Мо борҳо гуфтаем ва боз мегӯем, ки мақсади мо сохтани давлати демократию дунявӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад». Дар ҷойи дигар ҳамчунин таъкид мекунанд: «Мо ҳаққу ҳуқуқи шаҳрвандонро дар риояи суннатҳои дини ислом заррае маҳдуд намекунем. Алҳамдуллилоҳ ҳамаи мо мусулмонем, фарзу суннатҳои исломро то қадри ҳол медонем ва риоя мекунем. Анъанаҳои гузаштаи халқ, фарҳангу адаби ҳазорсолаи ниёгон дар алоқамандӣ бо суннатҳои ислом густариш ёфтаанд» [84, с. 49].

Ба гуфтаи В.В. Лазарев: «Яке аз хусусиятҳои муҳимтарини давлати дунявӣ ин аст, ки низоми маориф ғайридинӣ ва ғайриидеологӣ аст. Ин маънои онро дорад, ки низоми маориф ба таълими ягон эътиқоди динӣ ниёз надорад ва сохтори таълимӣ аз ҷониби созмонҳои динӣ таъсир намегирад» [72, с. 90].

Ҳуқуқшинос К.Г. Каневский таъкид мекунад: «Дунявият – ин бетарафии давлатӣ нисбат ба дин мебошад» [165, с. 49].

Нишонаҳои асосии давлати дунявӣ инҳо мебошанд: истиқлолияти иҷтимоӣ ва расмии қонуният ва машруияти давлат аз манбаъҳои динӣ ё идеологӣ, маҳдудият ё рад кардани ҳар гуна сохти пешгузашта ё

тартиботи «болоӣ» нисбат ба ҳокимияти давлат, мавҷуд набудани дин ё идеологияи ҳатмӣ ҳамчун қисми таркибии сиёсати давлатӣ, ҷудоии иттиҳодияҳои динӣ ва идеологӣ аз сохтори давлат, инчунин манъи таъсири онҳо ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар институтҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва ҷамъиятӣ, набудани вобастагӣ ва таҳти фишор қарор гирифтани давлат аз ҷониби дини расмӣ ё ягон идеология; манъи дахолати ташкилотҳои динӣ ба танзими қонунгузории давлатӣ, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар сохторҳои давлатӣ.

Принсипи ҷудоии давлат аз иттиҳодияҳои динӣ яке аз унсурҳои муҳимми ташаккули муносибатҳои байни ҳокимияти дунявӣ ва дин аст, ки дар қонунгузории кишварҳои демократӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, таҷассум ёфтааст. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан дар моддаи 1 ва моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», ин принсип мустақиман пешбинӣ шудааст.

А.Ғ. Холиқзода зикр менамояд: «Назарияи давлати миллии демократӣ, ки бар асоси таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дастовардҳои илмӣ таҳия шудааст, на танҳо зуҳуроти мустақими намуди дохилӣ ва берунии давлати демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқӣ ва дунявӣ мебошад, балки муҳимтар аз ҳама, кафолати ҳифзи ин навъи давлати демократӣ ва дунявӣ аз таҳдидҳо ва хатарҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад. Демократия, ҳуқуқу озодиҳо ва арзишҳои дунявии давлат дар шароити ҷахонишавӣ васеъ суиистифода мегарданд. Унсурҳои давлати миллӣ ҳамчун модели ботинии ҳимояи манфиатҳои миллӣ бо аслҳои демократӣ ва хуқуқӣ аз дохил устувории давлати демократиро аз ин хатарҳо эмин медорад. Бавижа, нақши давлати миллии демократӣ дар ҳимоя аз сиёсисозии дин, таассуб, хурофот ва ифроти динӣ барои мардуми Шарқ бениҳоят муҳим ва тақдирсоз аст» [103, с. 49–50].

Ҷудо кардани иттиҳодияҳои динӣ ва дигар созмонҳое, ки фаъолияташон ба паҳн кардани идеология нигаронида шудааст, аз давлат яке аз хусусиятҳои муҳимми давлатдории дунявӣ мебошад. Он таҷассумгари истиқлолияти ҳуқуқии давлат ва муносибатҳои давлатии ҳуқуқӣ аз тахти фишор ё тахти таъсири дин ва идеология будан аст. Ин принсип, инчунин маънои онро дорад, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҳокимият, муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ аз дахолати иттиҳодияҳои динӣ озод мебошад. Чуноне ки А.Ғ. Холиқзода иброз менамоянд: «Таърих нишон медиҳад, ки ҳам дар сиёсати Шарқ ва ҳам дар Ғарб, муносибати байни давлат ва ҷомеа бо ҷаҳонбинии динӣ, дар баробари дигар омилҳои калидӣ, ки ба шароити зиндагии мардум таъсир мерасонанд, ҳамеша ба сифат ва мундариҷаи низоми идоракунии ҷомеа, хусусияти ҳаёти одамон ва мундариҷаи таъмин ё инкори ҳуқуқ ва озодиҳо таъсири назаррас расонидааст. Ин ҳақиқат гувоҳи он аст, ки падидаи дин ва давлат дар Шарқу Ғарб дар паҳлуи ҳам қарор гирифта, дар мазмунгирии шакли зиндагии иҷтимоӣ ҳамеша асаргузор будаанд» [103, с. 107]. Аз ин нуқтаи назар, фаҳми таъсири мутақобила ва ҳамзистии осоишта ва ҳадафмандонаи арзишҳои дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаҳои муваффақ эҳсос мегарданд.

Ҳуқуқшинос Ю. Розенбаум қайд мекунад: «Ҷудоии иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷузъи таркибии умумии принсипи давлатдории дунявӣ мебошад, ки мустақилияти сиёсӣ ва ҳуқуқии давлатро нисбат ба таъсири сохторҳои динӣ таъмин менамояд» [149, с. 52–55].

Новобастагӣ ва мустақилияти қарору амалҳои мақомоти давлатӣ аз назорати иттиҳодияҳои динӣ, ба истисной назорати ҷамъиятии шаҳрвандон тибқи қонун.

Манъи гузаронидани маросимҳои динӣ дар ҷараёни фаъолияти расмии мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои давлатӣ (масалан, дуо дар ҷаласаҳои расмӣ, маросимҳои динӣ дар идораҳои давлатӣ ва ғайра).

Набудани додгоҳҳои махсуси динӣ, ки салоҳият ва ҳуқуқи баррасии парвандаҳо нисбат ба ҳамаи шаҳрвандонро дошта бошанд, инчунин манъи иштироки давлат дар иҷрои қарорҳои чунин додгоҳҳо.

Дунявии низоми ҳуқуқӣ – яъне қонунгузорӣ наметавонад ба пуррагӣ ба ҳуқуқи динӣ такя кунад ва қонун бояд аз идеологияи динӣ озод бошад (монанди шариат, қонунҳо ва ғ.), ба истиснои ҳолатҳои махсуси танзимшудаи қонунӣ, мисли масъалаҳои никоҳу оила, ки дар баъзе кишварҳо иҷозат дода мешавад.

Дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъи молиягузории фаъолияти динӣ аз ҷониби давлат, ба истисноии ҳолатҳои:

– кӯмак ба фаъолияти иҷтимоӣ, маърифатӣ, фарҳангӣ ва хайриявии иттиҳодияҳои динӣ;

– ҳимоя ва таъмири осорхонаҳо ва ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, ки таҳти идораи иттиҳодияҳои динӣ ҳастанд;

– кӯмак дар таъмини таълими фанҳои умумидонишгоҳӣ дар муассисаҳои таълимии динӣ, ки мутобиқи қонун амал мекунанд.

Ин кӯмакҳо тибқи принсипи бетарафии давлатӣ амалӣ мешаванд ва новобаста аз мазҳаб ба ташкилотҳо пешниҳод мегарданд, зеро онҳо дар доираи фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии муҳим амал мекунанд, на фаъолияти сирф мазҳабӣ.

Таҳлили таҳаввули фаҳмиш ва шаклгирии назариявии принсипи дунявияти давлат нишон медиҳад, ки муносибатҳои миёни ҳокимияти давлатӣ ва иттиҳодияҳои динӣ дар тӯли таърих як ҷараёни мураккаб ва пуртанишро тай намудаанд. Давлати дунявӣ, дар моҳияти худ, шакле аз ташкил ва амалкардест, ки легитимият ва сохтори сиёсии он ба ягон идеология ё ақидаи динӣ такя намекунад ва ҳокимияти давлатиро аз нуфуз ва дахолати институтҳои мазҳабӣ мустақил нигоҳ медорад.

Муҳимтарин нишонаҳои давлатдории дунявӣ, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мустаҳкам шудаанд, иборатанд аз: ҷудо

будани давлат аз иттиҳодияҳои динӣ, набудани мазҳаби давлатӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии ҳамдигар, баробарии ҳамаи иттиҳодияҳои динӣ дар назди қонун, ва манъ кардани таъсири ақидаҳои динӣ ба қарорҳои сиёсӣ ва идораи давлатӣ. Ин меъёрҳо заминаи ҳуқуқиро барои ташаккули низоми муосири дунявият фароҳам меоранд.

А.Ғ.Холиқзода қайд мекунад: «Модели демократияи либералӣ ва дунявӣ дар Тоҷикистон, ки дар он манфиатҳои сиёсии аҳзоби сиёсии дунявӣ ва хусусияти динӣ дошта, дар фазои озодии сухан, гуногунандешӣ, озодии муборизаи сиёсӣ, кӯшиши ба ҳам омадан намуданд, аз дастовардҳои бузурги давлатҳои ҷавони мустақил дар даҳсолаҳои охир ба шумор мерафт. Таҷриба нишон дод, ки ба ин дастовард хатарҳои воқеӣ таҳдид доранд» [103, с. 191]. Дар воқеъ, шояд зоҳиран ба бисёриҳо чунин менамуд, ки мавҷудияти унсурҳои (аҳзоби) дунявӣ ва исломӣ дар фазои озоди муборизаи сиёсӣ падидаи муваққатӣ дар ҷамъият аст. Дарояндаи наздик нуқтаи ниҳоӣ бояд ба яке аз онҳо гузошта шавад. Ҳарчанд чунин тундравӣ ва инкорсозӣ ба манфиати ваҳдати миллии мо набуд, вале воқеият ногузирии онро собит сохт. Дунявият дар чоҳорчӯбаи Конститутсия, қонунҳои амалкунанда ва уҳдадориҳои байналмилалӣ рисолати созишии худро то охир дифоъ кард, вале мутаассифона, сиёсисозони ғаразноки исломӣ аҳдшиканона кӯшиши табаддулоти давлатӣ намуданд.

Ҳизби динӣ номумкин будани зуҳури худро дар паҳнои давлати дунявӣ бо рафторҳои зишту террористӣ амалан собит кард. Ин ҳолат бори дигар собит сохт, ки беҳтарин шакли давлат барои мо давлати дунявӣ ва демократию ҳуқуқбунёд аст, ки таъминкунандаи озодиҳои эътиқодии мо маҳсуб меёбад. Мо аз назари илми ҳуқуқ расман дар шохаи мустақили низоми ҳуқуқии римӣ қарор дорем, ки он аз таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои аврупоӣ тафовутҳо дорад. Неруҳои сиёсии дар майдони мубориза дар фазои давлати демократӣ муборизабаранда низ

бояд ин омилҳоро ба назар гирифта, аз ғалабаи комилу маҳви ҷониби дигар даст кашанд, зеро ҳуқуқи баёни андеша ва интихоби оину шакли зистро таърих ва анъанавият ба тарафи муқобил низ додааст. Аз ҳама муҳим бо такя ба таҷрибаи мазҳаби бобой аз сиёсисозӣ ва махлутгардонии эътиқод ва динамон бояд дар оянда эҳтиёт бошем, зеро шабаҳи он бо усулҳои мухталиф ҳанӯз аз димоғи наберагони туркони оғузию мардуми ба фиғон гирифтори ҳамсоя ба самтҳои мухталифи Ховари Миёна алвонҷ мехӯрад. Чунин раванди сиёсисозии дин, ба назари мо, дар ҳеҷ сурат ба фоидаи давлату миллату дин буда наметавонад. Барои саодати руҳии ҳар мусулмони комил тоату ибодат кардан, ба Худои худ озодона роз гуфтан, баландтар аст аз худнамоиҳои динию сиёсӣ ва зоҳирпарастии бемавқеву хурофотӣ. Чунин фазои озодро имрӯз танҳо давлати демократию дунявӣ ва ҳуқуқбунёд пешниҳод менамояд [103, с. 191]. Ғарбикунонии аз ҳад зиёди сиёсат ва ҳуқуқ, маҳдуд кардани ҳисси миллӣ ва динӣ низ ба монанди сиёсӣ намудани боварҳои динӣ бароиояндаи Тоҷикистон хатарноканд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз маърузаҳояшон хеле бамавқеъ гуфтанд, ки мо бояд аз таҷрибаи Эрони қабл аз исломию баъд аз исломӣ сабақи дуруст бардорем[179]. Дар ин ҳолат ҳимояи ҳуқуқи халқ ва эҳтироми ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ ва динӣ беҳтар аст. Албатта, шуури оммаро дар ҳолате, ки аз донишҳои лозимӣ ғанӣ нест, ба ҳар маҷро равон сохтан мумкин аст, вале чунин таҷриба ба он оварда мерасонад, ки иваз намудани хатти марказии инкишофи миллат ба ҳукми одат медароянд. Дар чунин сурат роҳи таърихии мо гирдгардон шуда, инкишоф ва пешравӣ дар он дида намешавад.

Ба ғайр аз ин, фаъолгардии дин ҳамчун падидаи сиёсӣ ва такяи он ба омилҳои беруна ва дар баъзе мавридҳо ифротгаро, барои татбиқи принсипҳои сохтори давлатие, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

пешбинӣ намудааст, мушкилиҳо эҷод менамояд. Фармони Президент дар масъалаи таъсиси Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба низоми таълимгоҳи давлатӣ ворид намудани мадрасаи исломӣ беҳтарин ва олитарин иқдомест дар пешгирии хатари мазкур. Имрӯз таҳдидҳое, ки ба фазои сиёсии мо аз самти муқобил ворид мешаванд, аксаран мафкуравӣ ва ғоявӣ мебошанд. Аз ин рӯ, мо низ ба онҳо бо мафкура ва ғояи солим бояд мубориза барем.

Мо бояд дар ёд дошта бошем, ки ҷаҳонишавии манфиатҳо моро ҳам аз Шарқ ва ҳам аз Ғарб таҳдид мекунад, зеро мо дар нуқтаи сарҳадии ду тамаддун – исломӣ ва ғарбӣ ва ду маданият қарор дорем. Ҳар амали сиёсӣ ва ҳуқуқии мо бояд усулҳои ҳимояи манфиатҳои миллиро аз ин ду хатар дошта бошад. Беҳтарин воситаи ҳимоя аз ин ду хатаре, ки на танҳо аз хориҷ ба мо нигаронида шудааст, инчунин бо таҷрибаи ҳуқуқӣ ва таърихии халқ иртибот дорад, дар садсолаҳои наздик ғизо додани ғояи андешаи давлати миллӣ ва бунёди давлати миллии тоҷикон аст. Давлате, ки тавонад бо усулҳои мутақобили ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ бо истифода аз компонентҳои ҷаҳонишавӣ манфиатҳои дохилии халқи Тоҷикистон, давлати соҳибихтиёр ва мустақили моро бо ҳифзи арзишҳои миллию эҳёи анъанахои таърихӣ ҳифз намояд. Ин давлатест, ки истифодаи таҷрибаи шарқию ғарбиро дар ҳадди муайян нигоҳ дошта, шаҳсутуни идора, сиёсат ва ҳуқуқи хешро дар таҳкурсии арзишҳои миллӣ, дар мувозинаи манофеи байналмилалии имрӯз ва фардо таҳким мебахшад. Ин давлатест, ки «бо ҳама гиромидошту эҳтироми ҷанбаҳои шарқию ғарбии инкишоф махсусияти худро ҳамчун давлати комилҳуқуқ бо арзишҳои миллӣ ва анъанавиаш нигоҳ медорад» [103, с. 191]. Бо боварии том метавон гуфт, ки дар даҳсолаҳои наздику дур компоненти муҳимми ин давлатро манфиати миллати Тоҷикистон ҳамчун халқи Тоҷикистон бо фарҳанги ягона, забони ягона, оини зиндагии умумиятдошта, ваҳдати умум ва муттаҳидӣ

атрофи ғояҳои Пешвои муаззами миллат, ҳамчун консепсияи рушди хосаи давлатдории миллӣ ташкил медиҳад.

Дар шароити Тоҷикистон, дар баробари муқаррар намудани принсипҳои умумии дунявият, масъалаи таъмини баробарӣ ва дастрасии ҳуқуқӣ барои ҳамаи иттиҳодияҳои динӣ, новобаста аз таъриху таъсиргузории онҳо, бояд бо эҳтиёт ва дар асоси адолати ҳуқуқӣ баррасӣ гардад. Ҷудоии ҳуқуқии дин аз давлат маънои ҷудошавии онҳо аз ҷомеаро надорад, балки фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамзистии осоишта, таҳаммулгароӣ ва пешгирии афзалиятдиҳии сиёсӣ ба ҳар як мазҳаб мебошад.

Аз ин лиҳоз, консепсияи дунявият бояд на танҳо ҳамчун пояи сохтори давлатӣ, балки ҳамчун падидаи муҳимми иҷтимоӣ – фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ, ки барои таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мусоидат мекунад, арзёбӣ гардад.

## 2.2. Принсипҳои ташаккули модели давлати дунявӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назарӣ ва татбиқи ҳуқуқӣ

Принсипи дунявият ҳамчун яке аз рукнҳои асосии сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ инъикос ёфтааст. Дар он зикр мегардад, ки Тоҷикистон «давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад» [1]. Ин меъёри конститутсионӣ баёнгари он аст, ки дунявият яке аз хусусиятҳои таркибии шакли ҳукумати давлатӣ мебошад ва на танҳо изҳори воқеият, балки низоми арзишии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад, ки самт ва муҳтавои сиёсати ҳуқуқии давлатро муайян месозад.

Дар асоси принсипи мазкур, давлат аз дин ҷудо аст, ягон дин наметавонад ҳамчун дин ё эътиқоди давлатӣ муқаррар шавад ва ҳеҷ гуна иттиҳодияи динӣ наметавонад ба фаъолияти мақомоти давлатӣ дахолат кунад. Баробарии ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз муносибаташон ба дин ва ё мазҳаб таъмин мегардад, чунки тибқи моддаи 26 Конститутсия, ҳар шахс ҳуқуқ ба озодии виҷдон, озодии пайравӣ кардан ба дин ё надоштани онро дорад. Ин меъёр дар робита бо моддаҳои 5, 14 ва 16 Конститутсия, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳамчун арзиши олӣ эътироф менамоянд, таҳким меёбад.

Принсипи дунявияти давлат дар санадҳои соҳавӣ низ рушд дода шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» (соли 2009, бо тағйиру иловаҳои минбаъда) татбиқи амалии ин принсипро таъмин намуда, муайян менамояд, ки фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ бояд аз фаъолияти мақомоти давлатӣ ҷудо бошад, онҳо вазифаҳои давлатро иҷро накунанд, дар фаъолияти сиёсӣ иштирок наварзида, дар ҳудуди қонун амал намоянд. Дар он зикр мегардад, ки таълим дар муассисаҳои давлатии таҳсилотӣ бояд характери дунявӣ дошта, мазмуни он аз таъсири ақидаҳои динӣ озод бошад.

Мафҳуми «давлати дунявӣ» дар қонунгузории Тоҷикистон ҳанӯз аз солҳои аввали истиқлолият, махсусан дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон» (соли 1994) ҷой дошт. Он қонун низ таълимоти дунявиро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ талаб мекард ва бетарафии давлатро дар муносибат ба дин ва дигар эътиқодҳо таъйид менамуд. Ҳарчанд дар он давра ибораи «дунявият» на ба таври густурда, балки ҳамчун маҷмуи меъёрҳои ҷудоӣ ва баробарӣ истифода мешуд, аммо заминаи ҳуқуқии ташаккули модели дунявии давлатро фароҳам овард.

Асосгузори мактаби дунявии Фаронса Жюл Феррӣ беш аз сад сол пеш сухане гуфта буд, ки дар ҷомеаи фаронсавӣ ба рамзи мазмуни мафҳуми «дунявият» («la laïcité») табдил ёфт: «Дунявият – ин поёни беғалатии ҳар гуна дин ва поёни беғалатии давлат аст» [76, с. 25], яъне, пеш аз ҳама, манъ кардани муқаррар кардани ягон дин ё идеологияи ғайридинӣ ҳамчун меъёри ҳатмии иҷтимоӣ.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мазмунан чунин меъёр ҷой дорад. Мувофиқи моддаи 1 ва моддаи 8 Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ мебошад; ягон дин ё идеология наметавонад ба сифати идиалогияи давлатӣ ё ҳатмӣ муқаррар гардад. Моҳияти ин меъёр дар он аст, ки давлат уҳдадор аст ҳар гуна маҷбуркунӣ барои пазируфтани ҷаҳонбинӣ, эътиқоди динӣ ё ғайридиниро манъ намуда, озодии интихоби инсонро дар соҳаи эътиқод ва виҷдон таъмин намояд. Доир ба ҳуқуқи конститутсионии ҳар як инсон будани озодии эътиқод С.А. Авакян чунин қайд менамояд: «Озодии эътиқод яке аз ҳуқуқҳои бунёдии конститутсионии инсон дар давлати демократӣ ва дунявӣ мебошад» [122, с. 5].

Принсипи дунявияти давлат яке аз пояҳои асосии сохт ва фаъолияти давлати ҳуқуқбунёди муосир ба шумор меравад. Ин ғоя, ки

садсолаҳо қабл пайдо шуда, пас аз даврони Эҳё дар Аврупо дар асарҳои файласуфони ғарбӣ дар асарҳои файласуфони Шарқ ва Ғарб, аз ҷумла дар андешаҳои Фома Аквинский, Мартин Лютер ва мутафаккирони рус ва аврупоӣ рушд ёфтааст, имрӯз асоси моделҳои гуногуни муносибати давлат ва иттиҳодияҳои диниро ташкил медиҳад.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» (2009, бо тағйиру иловаҳои минбаъда), Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ мебошад, ҳеҷ як дин ҳамчун давлатӣ эътироф намешавад ва иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо мебошанд. Ин меъёр асоси ҳуқуқии принсипи дунявиятро дар низоми ҳуқуқии миллӣ муқаррар менамояд.

Ба андешаи муҳаққиқ А.М. Диноршоев: «Принсипи давлати дунявӣ яке аз принсипҳои низомсози бунёди давлат ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад. Таъиноти асосии он ҷудо кардани ду институти муҳимтарин – дин, дар симои ташкилотҳои динӣ ва ҳокимият, дар симои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ин ду институт бояд мустақилона аз ҳамдигар фаъолият намуда, ба фаъолияти якдигар таъсир ва мудохила нанамоянд. Дар ин ҳол, бояд махсус қайд намуд, ки эътирофи принсипи дунявият маънои дар давлат инкор намудани динро надорад. Он танҳо ба имконнопазирии дахолат ба корҳои давлатӣ аз тарафи ташкилотҳои динӣ ишора менамояд. Дар навбати худ, давлат ба сифати кафили таъмини баамалбарории андешаҳои динии шаҳрвандони кишвари худ баромад менамояд, ки тавассути амалисозии озодии эътиқоди динӣ таъмин мегардад. Бо вуҷуди ин, принсипи дунявият бояд ба таври дақиқ дар Конститутсия ва қонунгузории амалкунандаи кишвар қайд карда шавад» [133, с. 25–33].

Х.Қ. Сафарализода иброз менамояд: «дар заминаи принсипи интихобшудаи дунявият, ҳеҷ дине рад карда намешавад ва ҳеҷ дине наметавонад афзалият дошта бошад. Дар чунин шароит пайравӣ кардан

ё пайравӣ накардан аз дин ё мазҳаб ҳамчун ҳуқуқи истисноии инсон муқаррар карда мешавад ва чунин озодӣ аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад. Дар маркази ин идеология шахс, шаъну шараф, ҳуқуқ ва озодиҳои истисноии ӯ қарор доранд. Ин навъи тафаккур натиҷаи таҳаввули афкори илмӣ, рушди тафаккури мантиқӣ ва болоравии ақлу хирад ба сатҳи баландтар аст» [88, с. 312–315].

Дар амал, мафҳуми «дунявият» нисбат ба давлат ва низоми маориф баъзан нодуруст ё бо маънои васеъ истифода мешавад, ки метавонад боиси нофаҳмии мафҳумҳои ҳуқуқӣ гардад. Барои муқоиса метавон ба таҷрибаи таърихии давлатҳои дигар назар намуд. Масалан, ба ақидаи В.Н. Садиков: «Дар Декрети Мексика оид ба милликунонии амволи калисо аз 12 июли соли 1859 мафҳуми «дунявии руҳониён» истифода шудааст, ки зери тасарруфи давлат гузаштани тамоми амволи калисо ва муассисаҳои диниро, новобаста аз шакли моликият ва мақсади истифодаи онҳо, пешбинӣ мекард» [111, с. 273].

Тибқи пажуҳиши доктор Ж. Боберо, «истилоҳи «дунявият» ҳамчун исм бори аввал дар «Луғати педагогӣ»–и Ф. Бюиссон (1887) истифода шудааст. Пеш аз ин, он бештар дар шакли сифати «мактаби дунявӣ», «ахлоқи дунявӣ» ё «давлати дунявӣ» ба кор мерафт» [176]. Муҳаққиқи дигар, Эмил Литтре, дар «Луғати забони фаронсавӣ» (1973) дунявиятро чунин муайян кардааст: «давлате, ки нисбат ба ҳамаи динҳо бетараф буда, аз рӯҳониён мустақил ва аз ҳар гуна мафҳуми теологӣ озод мебошад» [77, с. 26].

Дар асрҳои XVII–XVIII, «шахси дунявӣ» будан маънои аз назари иҷтимоӣ ва фикрӣ муқобил гузоштани худро ба калисо ва руҳониён дошт. Имрӯз бошад, ин мафҳум маънои бетарафии давлат, озодии виҷдон, ва истиқлоли сиёсат аз таъсири динро ифода мекунад, ки асоси муносибатҳои муосири давлат ва иттиҳодияҳои динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мебошад. Аммо, масъалаи илман собитшуда он аст, ки

на дар таърих ва на дар замони муосир иртиботи арзишҳои дунявӣ ва динӣ аз ҳам комилан гусаста ва мустақил набуданд. Онҳо дар ҳадди муайян ба якдигар ҳамеша эҳтиёҷ доштанд. Муҳаққиқи ватанӣ К. Абдухалилзода бо дифои рисолаи докторӣ дар фазои илми ватанӣ собит, сохт ки «дар ниҳоди ҳар дин, аз ҷумла, дар ислом, вуҷуди арзишҳои дунявӣ дар сатҳи муайян аз ибтидо ногузир буд» [7, с. 119]. Муаллиф ҳаллу фасли масъалаҳои мақоми дунё ва ҳаёти дунявӣ,мақоми мол ва зану фарзанд, масъалаи мундариҷаи амал, баҳраварӣ аз дунё, зиндагонии пурфараҳ ва лаззатбахш; накӯкорӣ, муносибат бо адёни дигар, сифати таҳммулпазирӣ дар Қуръонро [77, с. 123] аз зумраи нуктаҳои калидии вуҷуди дунявият дар ислом шарҳу тафсир кардааст. Ногуфта намонад, ки ин равиши эътирофи арзишҳои дунявӣ дар паҳнои дин, аз ҷумла дар ислом, дар сатҳи илми ҷаҳонӣ низ аз ҷониби олимони шинохта В.В. Бартольд, Ҷ. Зайдон, Г.Э. фон Грюнебаум, А. Зарринкуб, О.Г. Большаков ва дигарон илман асоснок шудааст. Л.Р. Сюкияйнен нисбати масъалаи зикргардида чунин назар баён намудааст: «Истифодаи дастовардҳои фарҳанги ҳуқуқии исломӣ дар шароити давлати дунявӣ низ имконпазир аст» [150, с. 3].

Имрӯз, нодида гирифтани ин воқеият ва таблиғи ғайриилмии мухолифати арзишҳои миллӣ ва динӣ на танҳо ба рушди дурусти илм мусоидат намекунад, балки бадтар аз ҳама, метавонад дониши моро ба самти нодуруст ва гумроҳкунанда равона кунад. Ин як роҳи бархӯрди манфиатҳои ягонаи мо аз роҳҳои гуногун буда, моро аз мақсади аслӣ, беҳбудии хонаи ягонаи тоҷикони мусулмон дур менамояд. «Ҷаҳони баъдазсекулярӣ, ки пас аз 11 сентябри соли 2001, ба қавли муҳаққиқи ғарбӣ (Ю. Хабермас) оғоз шуд, ҷанги илму дин, давлату иттиҳоди динӣ ва ақлу эътиқодро ба қафо партофта, пулҳои ҳамкории онҳоро масъалагузорӣ намуд. Мо бояд ин ду навъи ҷаҳонбинии худро дар доираи манфиатҳои миллӣ ва давлатиамон ба созиши оқилона орем,

онҳо якдигарро дуруст шунаванд ва донанд, зеро тобеияти динӣ ва миллии мо бояд барои якдигар хизмат намоянд. Муқобилгузории мо ба нафъи давлати тозаистиқлол нест» [104].

Бо гузашти вақт муносибат ба мафҳуми дунявият тадриҷан тағйир ёфта, мазмуни он дар тафаккури илмӣ ва сиёсӣ такмил ёфт.

Доктори илмҳои ҳуқуқ, П.Н. Дозорсев, қайд менамояд, ки: «Мақсад он аст, ки бифаҳмем, илми муосир зери истилоҳи «secular State» – «давлати дунявӣ» чиро дар назар дорад. Пеш аз ҳама, давлати дунявӣ – ин давлати ғайрикалисоӣ аст, ки муқобили давлати клерикалӣ ё теократӣ қарор мегирад, дар он ҳокимият дар дасти роҳбари руҳонӣ ё муассисаи динӣ аст» [34, с. 124].

Ин андеша шаҳодати он аст, ки давлати дунявӣ – ин шакли давлатдориест, ки дар он ҳокимият ва дин аз ҳам ҷудо буда, давлат дар умури динӣ бетараф мебошад.

Асосгузори давлати муосири Туркия Мустафо Камол Отатурк, ки яке аз парчамбардорони татбиқи принсипи дунявият дар ҷаҳони ислом ба шумор меравад, гуфта буд: «Бояд тавре амал кунем, ки дини муқаддаси мо – ислом, ки мо аз он ифтихор дорем, дигар абзори сиёсӣ набошад, тавре ки дар тӯли асрҳо будааст. Ин танҳо боиси болоравии мақоми он мегардад» [16, с. 325; 136, с.ю 10].

Ин суханон моҳияти принсипи дунявиятро ҳамчун таъмини покии дину сиёсати давлатӣ аз якдигар инъикос мекунанд.

Муҳаққиқи фаронсавӣ доктор Ж. Боберо дунявиятро ҳамчун сифати давлат, ки баробарии пурраи шаҳрвандонро дар масъалаҳои эътиқод ва озодии комили виҷдон таъмин менамояд, шарҳ медиҳад. Ба гуфтаи ӯ, «дунявият дар бар гирандаи инкори давлатдории атеистӣ ва радди эътирофи ягон дин ҳамчун дин ё идеологияи расмӣ ё ҳатмӣ мебошад» [175]. Ин шакли давладорӣ таъминкунандаи системаи таҳсилоти дунявӣ ва ҷудоии иттиҳодияҳои динӣ аз давлат аст.

Дар айни замон, доктор Боберо дунявиятро на танҳо ҳамчун мафҳуми ҳуқуқӣ, балки ҳамчун арзиши умумиинсонӣ ва унсури фарҳанг медонад: «Дунявият арзиши умумибашарист, аммо бо ду шарт:

Якум, он бояд барои баҳс ва гуногунандешӣ боз бошад, яъне на танҳо ягонагии арзишҳои ахлоқиро, балки гуногунии онҳоро низ эҳтиром намояд;

Дуюм, бояд қобили худтанқидӣ бошад, аз муқаддас гардонидани худ ва ҳар гуна шакли мутлақгароӣ худдорӣ намояд» [176].

Бо чунин дарк, дунявият воситаи татбиқи арзишҳои умумибашарӣ дар ҷомеа мебошад. Дар андешаи ӯ, дунявият на танҳо шакли давлатдорӣ, балки як фарҳанг, як идеали, озод аз клерикализм ва аз «порабандии фикр» ба ақидаҳои тағйирнопазир аст.

Аз ин рӯ, дунявият дар худ ду озодиро муттаҳид месозад: озодии эътиқод ва виҷдон, ки ҳуқуқи шахсро ба пайравӣ ё пайравӣ накардан ба дин ҳимоя мекунад, озодии андеша ва дониш, ки имкон медиҳад шахс ба ҳар гуна таълимоти догматикӣ бо назари интиқодӣ муносибат кунад.

Барои фаҳмидани муҳтавои ҳуқуқии принсипи дунявият, зарур аст, ки нишонаҳои хосаи он (differentia specifica) муайян гарданд. Ин имкон медиҳад, ки аз тафсирҳои нодуруст ва содакардашудаи мафҳум худдорӣ карда шавад

Тавре ки файласуфи бузург Бенедикт Спиноза гуфтааст: «Ignorantia non est argumentum» – «Ҷаҳл далел нест» [98, с. 557]. Яъне, танҳо бо рад кардани стереотипҳои фикрӣ ва таҳлили амиқи хусусиятҳои аслии дунявият метавон моҳияти воқеии онро ҳамчун принсипи ҳуқуқӣ ва арзишии ҷомеаи демократӣ дарк кард.

Дар заминаи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин принсип дар Конститутсия ва қонунгузории соҳаи озодии виҷдон мустаҳкам шуда, давлатро вазифадор месозад, ки баробарии тамоми шаҳрвандон,

новобаста аз дину мазҳаб ва эътиқод ва бетарафии мақомоти давлатӣ дар умури диниро таъмин намояд.

Дар ин хусус А.Ғ. Холиқзода иброз менамояд, ки «муқобилгузорӣ ва низои ҷаҳонбиниҳо наметавонанд рушди давлати миллӣ ва дунявии моро роҳнамоӣ кунанд. Риояи қатъии муқарраároти Конститутсия дар бораи ҷудоии ташкилотҳои динӣ аз давлат, ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ ва ягонагӣ байни неруҳои сиёсӣ дар атрофи арзишҳои конститутсионӣ, инчунин садоқат ба миллат, ватан ва сиёсати роҳбари давлат аз нигоҳи динӣ ва миллӣ калиди хушбахтӣ ва амнияти имрӯз ва фардои миллати мо мебошанд» [107, с. 107–110].

Беҳтарин ва баландтарин нуқтаи ҳамбастагии байни ҳувияти динӣ ва миллии мардум дар асоси озодиҳои дар конститутсия муқарраршуда, дастовардҳои илмӣ ва ҷаҳонбинии динии таҳаммулпазир имконпазир аст. Мактаби таърихии ҳанафии мо бо хусусияти ғайрисиёсӣ, тафаккури оқилона ва принсипҳои ахлоқии худ, як зуҳуроти муваффақонаи иҷтимоишавии дунявӣ дар таърих ва дар давраи муосир мебошад. Ҳанафия ва пайравони аршади ин мазҳаб мақом ва мартабаи илмро баландтар аз имон гузоштаанд [8, с. 94], ки худ ҳидоятгари мо ба сӯи илму дониш аст. Ҳамчунин, равияи исмоилия, ки дар Тоҷикистон пайравони худро дорад, мисли мазҳаби ҳанафия ба илм ва ақл мавқеи баланд ва афзалият аз дигар арзишҳоро додааст. Пайравони бузурги ин равия ақлро воситаи асли роҳати тану осоиши хирад донистаанд [113 с. 397]. Пас, хулосаи ин ҳидоятҳо он аст, ки барои кулли мардуми Тоҷикистон ҳамон арзиши олие, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ёдрас мешаванд, илму дониш ва маърифат кафили ҳалли ҳама мушкилот аст. Миллат бояд дар шоҳроҳи даватдории худ аз ин ҳидояти пешвояш сахт ва қатъӣ ҷонибдорӣ намуда, аз лиҳози

боварҳои ботинӣ ва кӯшишҳои ақлонӣ ба ин тамоюл устуворона қадам гузорад.

Дар доираи принсипи дунявият давлат вазифадор аст, ки аз як тараф, фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ ва эътиқодҳои гуногунро озодона эътироф намояд ва шароити ҳуқуқии мусоиди амалкарди онҳоро фароҳам созад, аз ҷониби дигар, кафолат диҳад, ки онҳо ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, таҳсилоти расмӣ ва сиёсат дахолат накунанд. Ин низом, ки ҳамзамон бар бунёди озодии виҷдон ва баробарии ҳуқуқӣ асос ёфтааст, дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966), ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онро эътироф кардааст, мустаҳкам гардидааст.

Набудани эътиқоди ҳатмӣ ва ё мазҳаби давлатӣ, кафолати баробарии ҳуқуқии динҳо ва набудани бартарӣ барои ягон иттиҳодияи динӣ, инчунин таъсис надодани сохторҳои динӣ дар низоми давлатӣ, аз ҷумла дар маориф, илм ва фарҳанг, намунаҳои амалӣ ва ҳуқуқии татбиқи принсипи дунявият мебошанд. Давлат ҳамзамон вазифадор аст, ки эҳтиром ба арзишҳои фарҳангии миллӣ, ки бо дин ҳаммарзанд, аммо хусусияти маҷбурӣ надоранд, нигоҳ дорад ва ҳамзистии мазҳабӣ ва таҳаммулпазириро ҳамчун рукни суботи ҷомеа таъмин намояд.

Бо назардошти он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёрмазҳабӣ мавҷуд аст, татбиқи принсипи дунявият аҳаммияти махсус касб мекунад, зеро танҳо дар шароити давлате, ки нисбат ба тамоми эътиқодҳо ва ҷаҳонбинӣ бетараф аст, метавон баробарии воқеии шаҳрвандон ва сулҳу ҳамдигарфаҳмиро дар ҷомеа таъмин кард. Дар чунин ҳолат дин ва давлат дар самтҳои гуногун амал мекунанд ва бо роҳи танзими ҳуқуқӣ ба якдигар монеъ намешаванд, балки ба ҳамдигар эҳтиром мегузоранд. Аммо принсипи ҷудо будани дин аз давлат ба ҳеҷ вақт маънои онро надорад, ки давлат ба корҳои динӣ дахолат карда наметавонад. Масалан, дар сурати аз ҷониби иттиҳодияҳои динӣ риоя нагардидани

меъёрҳои қонунгузории миллӣ, давлат бояд дар доираи қонун ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дахолат кунад.

Д.М. Муллоев зикр менамояд, ки: «Ҳуқуқ ба озодии виҷдон, ҳатто дар демократияи пешрафта, маънои озодии мутлақро надорад. Давлат, бо нигоҳ доштани фосилаи муайян, набояд нисбат ба вайрон кардани қонунҳо дар бораи озодии виҷдон аз ҷониби гурӯҳҳои миссионерии динӣ, ки мехоҳанд низоъро барангезанд, бетараф бошад» [171, с. 154].

Академик О. Е. Кутафин менависад, ки: «Дар давлати дунявӣ таъсири расму оин ва маросимҳои динӣ ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии худидоракунӣ набояд вуҷуд дошта бошад. Шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, дигар мақомот, ҳукуматҳои маҳаллӣ ва хизматчиёни ҳарбӣ, вобаста ба мавқеи худ, набояд ба ташаккули муносибат нисбат ба дини мушаххас мусоидат кунанд» [46, с. 195].

Принсипи дунявият дар робита бо дигар арзишҳои конститутсионӣ, аз ҷумла демократия, ҳуқуқбунёдӣ, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва гуногунандешии сиёсиву идеологӣ татбиқ мегардад. Мутобиқи моддаи 8 Конститутсия, дар Тоҷикистон ҳаёт ва фаъолияти ҷамъиятӣ бар асоси гуногунандешии сиёсӣ ва идеологӣ сурат мегирад ва ягон идеология наметавонад ҳамчун идеологияи давлатӣ эътироф шавад. Ин меъёр ба таври мантиқӣ идомадиҳандаи принсипи дунявият мебошад ва давлатро аз ҳар гуна мазмуни идеологӣ ва динӣ ҳамчун асоси сиёсати расмӣ ҷудо мекунад.

Инчунин, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият ва таъсиси ҳизбҳои динӣ ва ё бо таъкиди мазҳабӣ доштаҳоро манъ мекунад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» [191] (моддаи 4) зикр мегардад, ки таъсиси ҳизбҳои сиёсие, ки ба асосҳои динӣ ва ё нажодӣ такя мекунанд, манъ аст. Ин муқаррарот ба хотири ҳифзи

дунявият, суботи ҷамъиятӣ ва пешгирии радикализми динӣ роҳандозӣ шудааст.

Аз ин рӯ, принсипи дунявият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ҳамчун меъёри конститутсионӣ, балки ҳамчун воситаи сиёсати ҳуқуқии давлатӣ хизмат мекунад. Ин принсип муносибати давлатро бо дин, иттиҳодияҳои динӣ ва эътиқоди шаҳрвандон ба таври возеҳ муайян мекунад ва заминаи ҳуқуқиро барои баробарӣ ва таҳаммулпазирӣ дар ҷомеа фароҳам меорад. Маҳз тавассути риоя ва тақвияти ин принсип рушди устувори ҷомеаи шаҳрвандӣ, кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инфиродӣ ва суботи сиёсӣ ва динӣ дар кишвар таъмин карда мешавад. Мутобиқи таҳлили ҳуқуқии судҳои конститутсионӣ дар низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар таҷрибаи судии Федератсияи Русия, ки барои қиёс муфид аст, принсипи дунявият на танҳо ҷудо будани давлат аз динро ифода мекунад, балки инъикосгари системаи мутавозини масъулият ва озодиҳо дар муносибатҳои байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ мебошад. Давлат ва мақомоти он наметавонанд ба фаъолияти қонунии иттиҳодияҳои динӣ дахолат кунанд, бар зиммаи онҳо иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё сиёсиро вогузоранд ва ё онҳоро ба ҳайси ҷонибдорони ҳизбҳои сиёсӣ ба майдони сиёсӣ кашанд. Иттиҳодияҳои динӣ низ, мутаносибан, наметавонанд ба корҳои давлат ва идораҳои давлатӣ дахолат намоянд, фаъолияти сиёсӣ барангезанд ва ё дар маъракаҳои интихоботӣ иштирок кунанд. Бо вуҷуди ин, шаҳрвандони алоҳида, новобаста аз мансубияти диниашон, аз ҷумла руҳониён, метавонанд ба таври инфиродӣ ва баробар бо дигар шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ ширкат варзанд. Ин ҳуқуқ бар мабнои озодии сиёсӣ ва ҳуқуқи интихобот кафолат дода мешавад, вале амалан аз номи иттиҳодияи динӣ не, балки ҳамчун шахси воқеӣ, ҳамчун шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар шароити низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, новобаста аз мавҷудияти заминаҳои муайяни таърихӣ ва фарҳангии диниву дунявӣ, дар раванди татбиқи принсипи дунявият баъзан таҳлилу фаҳмишҳои иштибоҳӣ ҷой доранд. Яке аз чунин иштибоҳҳо баробар донистани дунявият бо зиддидиният (атеизм) ва ё секуляризми шадид мебошад. Дар ҳоле ки дунявият дар моҳияти худ ба маънои маҳдудсозии озодии динӣ нест, балки бештар ба таъмини бетарафии ҳуқуқии давлат нисбат ба ҳамаи эътиқодҳо дахл дорад.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ равобити байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ муайян гардидааст ва дар он таъкид мешавад, ки давлат муносибати эҳтиромона ва бетарафона нисбат ба дин ва дигар эътиқодҳо дошта, ҳуқуқи шахсро ба озодии виҷдон ва пайравӣ кардан ё накардан ба дин эътироф мекунад. Ин равиш на танҳо нишон медиҳад, ки давлат дар сиёсатҳои худ аз идеологияи динӣ даст мекашад, балки ба дин ҳамчун унсури фарҳангии ҷомеа имкон медиҳад, ки нақши худро дар баъзе соҳаҳо, аз қабили фарҳанг, ахлоқ, маориф ва муносибатҳои иҷтимоӣ, иҷро кунад, дар ҳоле ки маориф, сиёсат ва маъмурияти давлатӣ аз мундариҷа ва таъсири динӣ озод боқӣ мемонанд.

Принсипи дунявият наметавонад маънои «ғайриҳуқуқӣ кардани дин» ё ҷудокунии комили дин аз ҳаёти иҷтимоиро дошта бошад. Иттиҳодияҳои динӣ дар ҷомеа ҳамчун ниҳодҳои шаҳрвандӣ фаъолият мекунанд ва метавонанд дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳатто башардӯстона саҳм гузоранд. Аммо ин фаъолият бояд мутобиқ ба қонунҳои амалкунанда ва берун аз ҳудуди сиёсат ва давлатдорӣ анҷом дода шавад.

Бояд ёдовар шуд, ки байни давлати дунявӣ ва давлати атеистӣ фарқи назаррас мавҷуд аст. Давлати дунявӣ бетараф аст, дар ҳоле ки давлати атеистӣ метавонад муносибати идеологӣ ва радикалӣ нисбат ба дин дошта бошад. Давлати дунявӣ озодии виҷдон ва эътиқоди диниро

кафолат медиҳад, дар ҳоле ки дар низомҳои атеистӣ, ин ҳуқуқҳо метавонанд бо идеологияи давлатӣ маҳдуд шаванд. Аз ин рӯ, давлате, ки худро дунявӣ эълон медорад, вазифадор аст, ки на танҳо аз таъсири динӣ озод бошад, балки шароити ҳуқуқии баробар ва кафолатдоди озодиҳои динӣ ва виҷдонро барои ҳамаи шаҳрвандон таъмин намояд.

Илова бар ин, набояд принсипи дунявиятро бо маҷмуи кафолатҳои ҳуқуқӣ нисбати озодии виҷдон ва эътиқод омехта кард. Гарчанде ки принсипи дуняият барои амалӣ кардани озодиҳои динӣ шароити мусоидро фароҳам меорад, на ҳар давлате, ки худро дунявӣ эълон мекунад, дар амал ҳуқуқҳои динӣ ва озодии виҷдонро пурра таъмин менамояд.

Дар айни замон метавон давлатҳоеро низ мисол овард, ки дорои дини расмӣ ҳастанд, аммо баробарии озодиҳои динӣ, озодии виҷдон ва гуногунандешии мазҳабиро риоя мекунанд. Ҳамин тариқ, танҳо бо вуҷуди мавҷуд будани модели дунявии давлат наметавон ҳукм кард, ки дар он озодиҳои диниву виҷдон дар амал татбиқ мегарданд, ё баръакс.

Аз ин рӯ, принсипи дунявиятро бояд ҳамчун як қисми идеологияи конститутсионӣ ва воситаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ дар доираи ҳуқуқи конститутсионӣ арзёбӣ кард, ки ба ҷойи ҳар гуна идеологияи мазҳабӣ ё динӣ меояд. Ин принсип хосияти низоми ҳуқуқии муосири Тоҷикистонро муайян месозад ва давлатро вазифадор мекунад, ки ҳам дар сиёсати ҳуқуқӣ ва ҳам дар амалиёти давлатӣ, аз ҳар гуна тарафдорӣ ба дини муайян худдорӣ варзад ва ҳуқуқҳои шаҳрвандонро ба таври баробар, новобаста аз эътиқод, таъмин намояд.

Дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва таҷрибаи судии Аврупо, ба вижа дар қарорҳои Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, озодии виҷдон, эътиқод ва дин ҳамчун асоси муҳимтарини ҷомеаи демократӣ пазируфта шудааст. Дар асоси моддаи 9–и Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, кафолати ин озодиҳо на танҳо ҳамчун ҳуқуқи

шахсӣ, балки ҳамчун пояи плюралистӣ ва гуногунандешии ҷомеа, ки барои бунёди демократия зарур аст, шинохта шудааст [184]. Суди Аврупо борҳо таъкид кардааст, ки ин озодиҳо на танҳо барои шахсони диндор, балки барои афроди бедин, шубҳанок, бетараф ё мункир низ аҳаммияти баробар доранд. Аз ин рӯ, озодии виҷдон ва эътиқод яке аз заминаҳои норавшаннашавандаи шахсият, ҷаҳонбинӣ ва муносибати шахс бо ҷомеа мебошад, ки бояд аз тарафи давлат ва ҳуқуқи байналмилалӣ ҳимоя шавад.

Дар кишварҳои аврупоӣ, ки намунаи гуногунандешии динӣ ва ҳуқуқӣ ҳастанд, муносибати байни дин ва давлат хеле мутафовит аст. Бисёре аз кишварҳои аъзои Шурои Аврупо худро ҳамчун дунявӣ муаррифӣ намекунанд, вале ба ҳар ҳол, озодии виҷдон ва эътиқодро дар сатҳи конститутсионӣ эътироф ва ҳимоя мекунанд. Ҳатто дар он кишварҳое, ки дини расмӣ доранд, озодиҳои динӣ ба таври васеъ риоя мешаванд ва шаҳрвандон дар интихоби эътиқод, адои расму ойин ва иштирок дар ҳаёти мазҳабӣ озод ҳастанд. Аз ин ҷо метавон хулоса кард, ки мавҷудияти дин дар сохтори давлатӣ ва сиёсати ҳуқуқии кишвар ба омили зери шубҳа гузоштани дунявият нест, балки тарзи амалкарди давлат нисбат ба дин ва нигоҳдошти бетарафӣ ва мутавозини муайянкунандаи моҳияти дунявият аст.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бавижа дар моддаи 1 ва моддаи 8–и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»[2], дунявият ҳамчун яке аз асосҳои тартиботи конститутсионӣ эътироф шудааст. Дар ин замина, принсипи бетарафии динӣ ва манъи таъсири дин ба сиёсат ва маориф ҳамчун рукни муҳимми сиёсати ҳуқуқии давлат арзёбӣ мегардад. Аммо ҳамзамон, дар қонун ва амалия таъкид мегардад, ки озодии эътиқод ва виҷдон, адои озоди маросимҳои динӣ ва таъсиси иттиҳодияҳои динӣ дар доираи қонун,

ҳуқуқи дахлнопазир ва кафолатдодашудаи ҳар шаҳрванди кишвар мебошад.

Аз нуқтаи назари илмӣ, бояд дар назар дошт, ки то ба имрӯз на дар сатҳи ҳуқуқи байналмилалӣ ва на дар ҳуқуқи миллӣ таърифи ягонаи умумии «давлати дунявӣ» вуҷуд надорад. Кишварҳо вобаста ба заминаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва сохтори ҷомеа муносибати худро бо дин танзим менамоянд. Дар натиҷа, моделҳои гуногуни дунявият ташаккул ёфтаанд – аз модели секуляризми фаронсавӣ, ки дар он таъсири дин ба ҳаёти давлатӣ пурра манъ карда шудааст, то моделҳои нармтари олмонӣ ё скандинавӣ, ки давлат бетарафии худро нигоҳ дошта, ҳамзамон муносибати ҳамкорона бо иттиҳодияҳои динӣ дорад.

Бо дарназардошти чунин фарқиятҳо, изҳори давлат ҳамчун дунявӣ бештар хусусияти декларатсии сиёсӣ дорад, ки он изҳори содиқона ба ғояи бетарафии динӣ, ҳимояи плюрализми эътиқодӣ ва риояи озодиҳои виҷдон аст. Яъне, дунявият бештар нишондиҳандаи муносибати давлат бо тамоми спектри эътиқодҳо мебошад, на маҷмуи қатъии нишонаҳо ва вазифаҳо. Ҳамин вижагии гуногунфаҳмии дунявият боис мегардад, ки дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ аз он ҳамчун консепсия ва принсипи тағйирёбанда истифода бурда мешавад, ки бештар ба заминаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ такя мекунад, на танҳо ба формулаи ҳуқуқӣ.

Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон низ дар таҳлили худ аз маънои маҳдуди «дунявият» ба самти нейтралитети динӣ мегузарад. Зеро нейтралитет ҳамчун таҳкими бетарафии воқеии давлат нисбат ба тамоми эътиқодҳо мебошад ва давлати демократӣ муваззаф аст, ки шартҳои баробариро барои пайравони ҳамаи мазҳабҳо ва инчунин, барои шахсони бедин фароҳам оварад. Давлат бояд на танҳо «ба воситаи санади меъёри кафолат диҳад», балки ташкилдиҳандаи шаффоф ва беғаразонаи фазои динӣ бошад, ки дар он ҳар нафар, новобаста аз эътиқод ё набудани он, худро озоду ҳимояшуда эҳсос кунад.

Нейтралитет, бар хилофи бетарафии куллӣ ё беамалӣ, маънои фаъолият ва масъулияти давлатро дорад дар танзими муносибатҳои динӣ, бахусус вақте ки арзишҳои динӣ метавонанд бо арзишҳои дигари конститутсионӣ, аз ҷумла ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи занон, ҳуқуқи кӯдакон ва озодии сухан вориди низоъ шаванд. Дар ин маврид, давлат вазифадор аст, ки тавозуни ҳуқуқиро дар асоси қонун ва принсипи эҳтиром ба гуногунандешӣ таъмин намояд.

Дар ҷомеаҳои муосир, ки бо гуногунмазҳабӣ, гуногунмиллатӣ ва гуногунандешии иҷтимоӣ тавсиф мешаванд, нақши давлат дар танзими фазои динӣ аҳаммияти хос пайдо мекунад, зеро танҳо давлат метавонад кафолат диҳад, ки ҳамаи мазҳабҳо, ҳатто онҳое, ки бо якдигар дар ихтилофанд, дар фазои мусолиҳатомезу ҳуқуқӣ фаъолият кунанд. Ҳамзамон, дар доираи модели аврупоӣ, ҷудоии дин аз давлат маънои манъи мутақобилаи муоширaт ва ҳамкориро надорад. Баръакс, дар бисёр кишварҳо давлат бо иттиҳодияҳои динӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, фарҳанг ва маориф ҳамкорӣ мекунад, ба шарте ки ин ҳамкорӣ хусусияти сиёсӣ ва хусусияти истисноӣ нагирад.

Бо ин васила, дар амал, давлат наметавонад комилан аз фазои динӣ канораҷӯӣ кунад. Баръакс, татбиқи самараноки озодиҳои динӣ, таъмини ҳуқуқи виҷдон ва ҳифзи муносибатҳои иҷтимоӣ дар ин самт, дар шароити низоъҳои эҳтимолии мазҳабӣ, танҳо дар сурати ҳузури фаъоли давлат ҳамчун муҳаррики асосии танзими ҳуқуқӣ ва кафили адолати иҷтимоӣ имконпазир аст.

Дар низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва таҷрибаи судии Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон таъкид шудааст, ки давлат мувazзаф аст дар муносибат бо тамоми эътиқодҳо ва созмонҳои динӣ нейтралитет ва беғаразиро риоя намояд. Ин маънои онро дорад, ки давлат наметавонад ба мазмуни эътиқоди динӣ арзёбӣ диҳад ва ҳатто дар ҳолатҳои баҳснок, бояд бо эҳтиёт ва дар чорчӯбаи танги ҳуқуқӣ амал намояд. Ҳамин тавр,

принсипи нейтралитет, дар фаҳмиши суди аврупоӣ, на танҳо манъ кардани дахолат ба мазмуну шакли эътиқод аст, балки ҳатто манъи арзёбии қонунӣ ва ё легитимии он аз тарафи мақомоти давлатӣ мебошад.

Нуқтаи муҳим дар ин раванд ин аст, ки вазифаи давлат танҳо дар бетарафӣ ва пас нишастан нисбат ба эътиқодҳо ифода намешавад. Баръакс, давлат ҳамчун ташкилот ва ниҳоди ҳуқуқбунёд, бояд шароити мусоиди ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро барои ҳамзистии осоиштаи тамоми эътиқодҳо ва ҷаҳонбинӣ таъмин намояд. Дар ҳолатҳои низоъ ё бархӯрд миёни гурӯҳҳои динӣ, давлат наметавонад бетараф бошад, балки вазифадор аст, ки ба ҳайси миёнарави ҳуқуқӣ ва беғараз амал намуда, тамоми тарафҳоро барои риояи қонун, таҳаммул ва эҳтироми мутақобила раҳнамоӣ кунад. Ин гуна миёнаравӣ бояд ба шакле сурат гирад, ки манфиати гурӯҳ ё роҳбари муайянеро тарафдорӣ накунад ва боиси ихтилоф ва ё ҳимояти ғайриқонунӣ аз гурӯҳҳои махсуси мазҳабӣ нашавад. Дар ин хусус Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хело нишонрас қайд намудаанд: «Дар вазъияти мураккаби ҷаҳони муосир мо вазифадорем, ки ба хотири ҳифзи истиқлолу озодӣ ва амнияти давлату ҷомеа дар баробари риояи талаботи қонунҳои давлати дунявӣ ба арзишҳои динӣ оқилона муносибат намуда, ҳам арзишҳои созандаи дини исломро ҳифз намоем ва ҳам пеши роҳи паҳншавии тафриқаандозиву ифротгароиро гирем. Ман чунин мешуморам, ки нисбат ба ин масъала бетарафӣ ё муросокорӣ кардан баробар ба ин аст, ки саодати худ ва фарзандони хешро барҳам занем» [179].

Давлат бояд тавони онро дошта бошад, ки аз таъсири сиёсӣ ё фишори гурӯҳҳои мазҳабӣ эмин бошад ва дар ҳолати тақсими дохилии созмонҳои динӣ, ба таври сунъӣ мақоми раҳбарии расмӣ барои ягон тарафи баҳс таъин накунад. Ҳама гуна чунин дахолат метавонад боиси

нақзи бетарафии динӣ ва поймол шудани ҳуқуқи баробарӣ дар муносибатҳои динӣ гардад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки принсипи дунявият, агар дар сатҳи конститутсионӣ қабул шуда бошад, на танҳо ба сифати сиёсати давлатӣ, балки ба сифати уҳдадории ҳуқуқии давлатӣ баромад мекунад. Яъне, агар давлат дар Конститутсия ё қонунҳои асосии худ худро давлати дунявӣ эълон кунад, наметавонад дар амали худ аз ин талабот даст кашад ва ё ба принсипҳои мухолифи бетарафӣ ва баробарии мазҳабӣ роҳ диҳад. Ин гуна давлат бояд бештар аз талаботи умумии бетарафият масъулият дошта бошад ва сиёсати худро на танҳо дар риояи озодиҳои эътиқодӣ, балки дар таъмини комили адолати динӣ ва ҷомеаи гуногунандеш мутобиқ созад.

Дар маҷмуъ, таҷрибаи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ як нуктаро тақвият медиҳанд: ҳузури принсипи дунявият ё нейтралитети динӣ дар сохтори ҳуқуқии давлат танҳо дар ҳолате маънии воқеӣ мегирад, ки давлат ҳам дар қонун ва ҳам дар амал пайваста сиёсати адолат, таҳаммул, озодӣ ва баробариро дар соҳаи дин пиёда намояд. Танҳо чунин муносибат метавонад заминаи устувори сулҳи мазҳабӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ гардад, ки барои давлатҳои дорои гуногунандешии эътиқодӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, аҳаммияти хоса дорад.

Дар фазои муосири ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, ки муносибатҳои динӣ–давлатиро фаро гирифтааст, масъалаи равшан ва дақиқ будани истилоҳот на танҳо аҳаммияти академӣ, балки аҳаммияти амалӣ ва ҳуқуқӣ пайдо кардааст. Таҳаввулоти охир дар муносибати давлат бо иттиҳодияҳои динӣ ва шеваи татбиқи принсипи конститутсионии дунявият нишон медиҳанд, ки бе расмӣ кардани истилоҳоти муҳимми соҳа, амали ҳуқуқӣ дучори номуайянии ҳуқуқӣ мегардад, ки ин метавонад ба поймол шудани ҳуқуқу озодиҳои эътиқодӣ оварда расонад.

Дар ин замина, чунин вазъияти номуайян барои таҷрибаи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ сабақи муҳим аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» (аз 2009, бо тағйиру иловаҳои баъдӣ) як қатор мафҳумҳоро фаро мегирад, аммо бархе аз истилоҳҳои муҳимми мавриди баҳс, ба монанди «динҳои анъанавӣ», «таблиғот», «секта», «ашёи муқаддас», «экспертизаи динишиносӣ», ба таври возеҳ таъриф нашудаанд. Ҳарчанд қонун ба давлат мақоми муайяни назоратро медиҳад, вале набудани таърифи ҳуқуқии ин мафҳумҳо метавонад ба муҳосира, таҳти назорат гирифтан ё мамнуъ кардани фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, бидуни асоси мустаҳками ҳуқуқӣ сабаб гардад.

Барои ҳифзи принсипи дунявият ва иҷрои одилонаи сиёсати динӣ дар давлатҳои ҳуқуқбунёд, зарур аст, ки:

– ҳамаи истилоҳоти муҳимми соҳаи дин ва ҳуқуқи виҷдон ба таври возеҳ ва дақиқ дар қонунгузорӣ таъриф шаванд;

– аз истифодаи истилоҳҳои баҳсбарангез ва дорои заминаи идеологӣ (ба мисли «анъанавӣ» ё «секта») дар қонун ва санадҳои расмӣ худдорӣ шавад;

– барои ҳар навъ маҳдудият ва дахолат ба фаъолияти динӣ, асосҳои мушаххас, равшан ва дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ муайян карда шаванд;

– ҳуқуқи баробар барои ҳамаи иттиҳодияҳои динӣ, новобаста аз шумораи пайравон ё таърихи ҳузурашон дар кишвар, таъмин гардад.

Мутобиқи таҷрибаи Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, давлатҳое, ки худро дунявӣ меҳисобанд, муваззафанд, ки дар сиёсати динӣ самтгирии ҳуқуқбунёд, баробарӣ ва нейтралитетро риоя кунанд. Агар давлат терминологияи дорои муҳтавои идеологӣ ва табъизомезро истифода кунад, на танҳо аз бетарафии конститутсионӣ даст мекашад,

балки имкони пайдоиши баҳсҳо, ихтилоф ва ҳатто ихтилофоти динӣ ва мазҳабиро фароҳам меорад.

Дунявият, ҳамчун принсипи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ҳеҷ гуна ифротгароиро қабул намекунад. Он бар пояи мувозинат, таҳаммулпазирӣ ва озодии интихоби ҷаҳонбинӣ устувор аст.

Мафҳуми «дунявияти фаҳманда» (la laïcité compréhensive), ба таъбири муҳаққиқи фаронсавӣ Ж. Боберо, навъе аз гуманизми дунявиро ифода мекунад, ки қобили ҳамзистӣ бо ҳар ду шакли ҷаҳонбинӣ – бо дин ва бо атеизм мебошад.

Ба андешаи ӯ, «эҳтиром ба ақида, арзишҳо ва гуногунандешии ҳар як шахс давлат ва ҷомеаро водор месозад, ки ба рушди гуманизми дунявӣ, ки шарафи инсонро дар ҳар се муҳити иҷтимоии муосир ҳифз мекунад, мусоидат намоянд:

– дар муҳити ҷомеаи муосир, ки зеҳн ва технологияро аз маъноҳои ахлоқӣ ҷудо мекунад;

– дар муҳити ҷомеаи иттилоотӣ, ки арзишҳои маънавиро ба қолабҳои сода ва истеъмолӣ табдил медиҳад;

– дар муҳити бозор, ки инсонро на ба зиндагӣ барои маъно, балки ба зиндагӣ барои истеъмол ташвиқ мекунад» [176].

Аз ин рӯ, дунявият арзиши умумибашарӣ аст, зеро он инсонро ба озодии интихоб, масъулияти шахсӣ ва эҳтироми дигарон раҳнамун месозад.

Дар асоси ин фаҳмиш, мавҷудияти принсипи дунявият дар ҷомеаи муосир на зидди дин, балки зидди маҷбуркунии ақидавӣ ва идеологӣ равона шудааст.

Моҳияти аслии дунявият дар он аст, ки қабул ё рад кардани ҳар гуна ҷаҳонбинӣ – динӣ ё ғайридинӣ, бояд ҳамчун ҳуқуқҳои табиии шахс, амалӣ намудани он дар ихтиёри худи шахс бошад. Давлат ҳақ надорад, ки ба шаҳрвандон ақида, эътиқод ё идеологияеро таҳмил кунад.

Маҳз ҳамин хусусият – озодии интихоби ҷаҳонбинӣ ва ихтиёрияти инсон дар масъалаи виҷдон, пояи асосии дунявиятро ҳамчун принсипи конститутсионӣ ташкил медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунин мазмун дар моддаи 26 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ ифода ёфтааст: «Ҳар шахс ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё ба якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд» [1].

Аҳаммияти ин меъёр дар ифодаи ҳуқуқии дунявияти амалӣ аст, ки баробарии ҳамаи шаҳрвандонро новобаста аз эътиқоди динии онҳо, озодии эътиқод ва ҷудоии дин аз давлат, кафолат медиҳад.

Аз ин рӯ, дунявият на радди дин аст, на ташвиқи атеизм, балки механизми ҳуқуқӣ ва ахлоқии ҳамзистии осоиштаи ҷаҳонбиниҳои гуногун дар як ҷомеаи ягона мебошад.

Дар ҳамин замина, барои Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои гуногунандешии эътиқодӣ ва мазҳабӣ, муҳим аст, ки дар сиёсати ҳуқуқии худ бо эҳтиёт ва таҳаммул амал намуда, ҳамеша аз ифодаҳои ҳуқуқан номуайян ва идеологӣ дурӣ ҷӯяд, то ҷомеаи таҳаммулпазир ва заминаи сулҳи мазҳабиро ҳифз намояд.

Дар маҷмуъ метавон чунин хулоса намуд, ки муносибатҳои байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ маҷмуи шаклҳои таърихан ташаккулёфтаи робитаҳои байни ин ду институтро дар бар мегиранд, ки хусусияти динамикӣ дошта, як бахши муҳимми сиёсати дохиливу хориҷии кишварро вобаста ба замону макон муайян менамоянд. Дар асоси таҳлили меъёрҳои конститутсионӣ ва қонунгузорӣ, метавон равобити давлат бо динро ба ҳафт принсипи бунёдии зуҳури сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин ҷудо намуд: ҷудо будани иттиҳодияҳои динӣ аз давлат; баробарии ҳамаи иттиҳодияҳои динӣ дар назди қонун; тобеъ набудани

хизматчиёни давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар иҷрои фаъолияти касбиашон ба боварҳои динӣ; дунявияти низоми маориф; манъи иштироки мустақими иттиҳодияҳои динӣ дар мубоpизаи сиёсӣ ва интихобот; танзими махсуси ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ бо арҷгузорӣ аз боварҳои мардумӣ; риояи қатъии талаботи Конститутсия ва қонунҳо аз ҷониби ташкилотҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои динӣ. Принсипҳои мазкур дар сатҳи муайян аз ҷониби ҷаҳонбинии эътиқодӣ низ ба эътибор гирифта мешаванд.

# БОБИ 3. АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ИҶТИМОИИ ТАШАККУЛИ МОДЕЛИ МИЛЛИИ ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Ташаккули заминаҳои иҷтимоӣ–ҳуқуқии дунявият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии принсипи дунявияти давлат яке аз рукнҳои асосии конститутсионализми муосир буда, шарти зарурии амалӣ гардидани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Аз сатҳи татбиқи ин принсип таъмини ҳуқуқ ба озодии виҷдон, озодии эътиқод ва дигар ҳуқуқҳои ҷудонопазири инсон вобаста аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи дунявият аҳаммияти хоса дорад, зеро он тавозуни муносибати давлат ва дин, ҳамчунин озодии виҷдони шаҳрвандонро таъмин менамояд. Амалӣ гардидани самараноки ин принсип ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба муносибати унсурҳои динию дунявиро дар ҳаёти ҷамъиятӣ тақозо мекунад.

Таҷрибаи таърихӣ, инчунин таҳлили манбаъҳо ва адабиёти илмӣ нишон медиҳанд, ки ташаккул ва рушди давлати демократии бо қонуният ва принсипҳои дунявӣ идорашаванда бе пояҳои мустаҳками иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маънавӣ ва идеологӣ ғайриимкон аст. Ин заминаҳо ҳамчун унсурҳои асосии давлатдорӣ амал намуда, татбиқи воқеии арзишҳои конститутсиониро дар амал таъмин менамоянд.

Ҷузъи таркибии муҳимми таҳқиқоти мазкур таҳлили ҷойгоҳ ва таъсири низоми сиёсии ҷомеа дар раванди таҳкими давлати демократию ҳуқуқӣ ва дунявӣ ба шумор меравад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва амалияи давлатсозӣ нишон медиҳанд, ки ташаккул ва рушди чунин давлат бевосита ба мавҷудияти низоми сиёсие вобаста аст, ки дорои устуворӣ, пайдарҳамӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ ба таҳаввулоти иҷтимоӣ мебошад.

Яке аз вижагиои муҳимми шаклгирии низоми сиёсии ҷомеа дар он зоҳир мегардад, ки ҳар як кишвар низоми сиёсии худро бо назардошти хусусиятҳои таърихӣ, миллӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии худ ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, раванди ташаккул ва рушди низоми сиёсӣ дар ҳар як кишвар хусусияти инфиродӣ ва ба худ хосро доро буда, пеш аз ҳама ба табиати давлатдорӣ ва шакли ҳокимияти давлатӣ вобаста мебошад.

Ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, дар навбати худ, таъсиси маҷмуи кафолатҳои миллӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, маънавию идеологӣ, фарҳангӣ ва дигар омилҳоро талаб мекунад, ки онҳо татбиқи воқеии меъёрҳои конститутсионӣ, баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, инчунин масъулияти мутақобилаи давлат ва шаҳрвандонро таъмин намоянд.

Дар шарҳи низоми ҳуқуқии ҷомеаи муосир А.Н. Головистикова ва Ю.А. Димитрев бар он ақидаанд, ки «харитаи ҳуқуқии ҷаҳон аз маҷмуи зиёди низомҳои миллии ҳуқуқӣ иборат аст, ки ҳар яке воқеияти ҳуқуқии давлати мушаххасро инъикос менамояд, аз ҷумла доктрина, сохтор, сарчашмаҳо, институтҳо, соҳаҳои пешбаранда, анъанаҳо, шуури ҳуқуқӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ» [25, с. 58–59]. Аз ин нуқтаи назар метавон хулоса кард, ки низомҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманд ва ҳамоҳанг мебошанд, ки барои танзими муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ хизмат мекунанд.

Ба андешаи А.В. Малко «низоми ҳуқуқии ҷомеа маҷмуи таърихии мушаххаси ҳуқуқ, амалияи ҳуқуқӣ ва идеологияи ҳукмрони ҳуқуқии давлати алоҳида мебошад». Ӯ таъкид менамояд, ки «мафҳумҳои «ҳуқуқ» ва «низоми ҳуқуқӣ» ҳамчун қисми ҷудонашавандаи якдигар баррасӣ мегарданд: агар ҳуқуқ маҷмуи меъёрҳои ҳатмии аз ҷониби давлат муқаррар ва ҳифзшаванда бошад, пас низоми ҳуқуқӣ тамоми воқеияти ҳуқуқиро, аз ҷумла маҷмуи воситаҳои ҳуқуқиро фаро мегирад, ки

тавассути онҳо ҳокимияти давлатӣ ба рафтори шаҳрвандон таъсири ҳуқуқӣ мерасонад» [57, с. 96].

Идомаи таҳлили низоми ҳуқуқӣ ва нақши он дар ташаккули давлати дунявӣ нишон медиҳад, ки тибқи нуқтаи назари А.В. Малко, ҳуқуқ ҳамчун «меҳвар ва асоси меъёрии низоми ҳуқуқӣ» баромад намуда, нақши унсури пайвандкунанда ва устуворкунандаи онро иҷро мекунад. Маҳз аз рӯйи хусусият ва мазмуни ҳуқуқ дар ҷомеа метавон моҳияти тамоми низоми ҳуқуқии ҷомеаи мазкурро арзёбӣ намуд. Таҷрибаи амалӣ собит месозад, ки сатҳ ва сифати танзими ҳуқуқӣ инъикосгари сатҳи рушди сиёсӣ ва иҷтимоии давлат мебошад.

Ҳамин тариқ, низомҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун заминаҳои муҳимми ташаккули давлати дунявӣ баромад намуда, бе онҳо татбиқи воқеии принсипҳои конститутсионӣ ва арзишҳои дунявият дар амал ғайриимкон мебошанд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими чунин низомҳо аҳаммияти калидӣ дошта, ҳамчун омили субот, рушди устувор ва пешрафти давлатдорӣ хизмат менамояд.

Дар ин хусус А.Н. Муҳаммад «хело ба маврид қайд менамоянд, ки сохтани давлати дунявӣ ва ҷомеаи мутамаддин як таҷрибаи таърихии садсолаҳост. Раванди таъсиси давлати дунявӣ чандин асрро дар бар мегирад ва рушди он дар минтақаҳо ва кишварҳо гуногун аст. Дар ин замина, замон ва макон дар ташаккули пояҳои ҷомеаи мутамаддин, ки санги асосии бунёди давлати дунявӣ мебошад, нақши ҳалкунанда мебозанд. Ҳангоми шарҳи ташаккули давлати дунявӣ дар заминаи истиқлолияти сиёсӣ, фаҳмиши ҳамаҷонибаи мафҳумҳои «давлати миллӣ», «озодии виҷдон», «иттиҳодияҳои динӣ», «демократизатсияи ҷомеа» ва «давлати дунявӣ» муҳим аст, зеро татбиқи ин таҷрибаи созанда дар бунёди давлати дунявӣ нақши асосиро мебозад» [145, с. 121–122].

Моҳияти давлати дунявӣ, инчунин дар он зоҳир мегардад, ки ҳеҷ як дин наметавонад ҳамчун динӣ давлатӣ ё ҳатмӣ эътироф карда шавад. Ин ҳолат муносибати бетараф ва баробарро нисбат ба ҳамаи иттиҳодияҳои динӣ таъмин намуда, барои таъмини суботи иҷтимоӣ ва ҳамзистии осоишта дар ҷомеа заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад.

Аз лиҳози таърихӣ, ғояҳои дунявият ҳамчун принсипи ташкили давлат аввалин бор дар кишварҳои Аврупо ва Амрико дар асрҳои XVIII–XIX ташаккул ёфта, дар асри XX паҳншавии васеъ пайдо намуданд. Аввалин мустаҳкамшавии ҳуқуқии ин ғояҳо дар Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандии Фаронса аз 26 августи соли 1789 сурат гирифта, дар моддаи 10–и он манъи таъқиб барои эътиқоди динӣ муқаррар гардид.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар сатҳи санади меъёрӣ низоми дунявият баъди ғалабаи Инқилоби Октябр соли 1918 Декрети Шурои Комиссарони Халқии РСФСР «Дар бораи ҷудо будани калисо аз давлат ва мактаб аз калисо» қабул гардида буд, заминаи ҳуқуқӣ гузошт, зеро дар он қайд гардида буд, ки ҷомеаҳои динӣ шахси ҳуқуқӣ эътироф намешаванд. Баъдан, дар Конститутсияи соли 1925 принсипи давлати дунявӣ ва озодии виҷдон ба таври қонунӣ муқаррар карда шуд, вале мутобиқи тағйироти воридгардида ба моддаи 4 Конститутсия дар Анҷумани XIV Умумироссиягӣ 18 майи соли 1929 озодии тарғиботи динӣ бекор карда шуд: озодии эътиқод ва тарғиботи зиддидинӣ эътироф карда мешуд. Меъёри конститутсионии мазкур дар Конститутсияи ИҶШС соли 1936 нигоҳ дошта шуд [7, мод 124].

Меъёрҳои конститутсионии ишорагардида дар робита бо санадҳои ҳуқуқии қаблан қабулшудаи Кумитаи Иҷроияи Марказии Умумироссиягӣ ва Шурои Комиссарони Халқ (Декрети Кумитаи Иҷроияи Марказии Умумироссиягӣ «Дар бораи тартиби мусодира кардани сарватҳои калисо, ки дар истифодабарии гурӯҳи диндоронанд» аз 23 феврали соли 1923, Қарори Кумитаи Иҷроияи Марказии

Умумироссиягӣ ва Шурои Комиссарони Халқи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Федератсияи Россия «Дар бораи иттиҳодияҳои динӣ» аз 8 апрели соли 1929) нишон медоданд, ки ҳокимияти давлатӣ фаъолияти мазҳабии иттиҳодияҳои ҷамъиятиро танҳо дар доираи биноҳои дуохонӣ маҳдуд мекард ва ҳамаи усулҳои тарғиботи динӣ, паҳнкунии таълимотҳои динӣ пешгирӣ карда мешуданд.

Дар Конститутсияҳои қабулшудаи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки ба ҳайати Иттифоқи Шуравӣ дохил мешуд, хусусияти дунявии давлат ба таври расмӣ ба атеистӣ наздик буд (24 феврал 1931, январ 1935, 1978). Соли 1946 Қарори Шурои Комиссарони Халқи Иттифоқи Советӣ қабул гардид, ки то андозае барои озодии эътиқод ва рушди дунявият дар давлатҳои ҷумҳуриҳои алоҳида замина фароҳам овард.

Бо қабули Конститутсияи нави Иттифоқи Шуравӣ дар соли 1977 ва Конститутсияи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар соли 1978, принсипҳои конститутсионии танзимкунандаи озодии динии шаҳрвандон умуман тағйир наёфтанд, истилоҳи «тарғиботи зиддидинӣ» ба истилоҳи «тарғиботи атеистӣ» иваз карда шуд (моддаи 52 Конститутсияи ИҶШС соли 1977) [8, мод 52].

Дигаргуниҳои воқеӣ дар сиёсати давлат нисбати озодии дин ва озодии виҷдон, принсипи дунявияти давлат дар давраи Шуравӣ дар замони «бозсозӣ» ва «ошкорбаёнӣ» аз соли 1985 ва ба таври қатъи аз 1 октябри соли 1990, «Қонуни озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» таҳти № 1689–1 қабул шуд, ки санадҳои мувофиқаткунандаи он дар дигар ҷумҳуриҳо қабул гардиданд. Дар баробари ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, ҶТ барои рушди дунявият шароит фароҳам овард.

Дар ҳоле ки дар асрҳои гузашта аксари давлатҳои ҷаҳон дунявӣ маҳсуб намешуданд, дар оғози асри XXI шумораи чунин давлатҳо ба таври назаррас афзоиш ёфт. Бо назардошти он ки дар ҷаҳон беш аз панҷ

ҳазор дин ва равияҳои гуногун вуҷуд доранд ва шумораи давлатҳо ба 200 мерасад, зиёда аз нисфи онҳо имрӯз дорои низоми дунявӣ мебошанд. Дар чунин шароит, дунявият ҳамчун яке аз рукнҳои асосии ташаккул ва фаъолияти давлати демократии муосир баррасӣ мегардад.

Мустаҳкам намудани принсипи давлати дунявӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳаммияти муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Яке аз бартариҳои асосии он иҷрои вазифаи суботбахшии давлат мебошад. Дар ҳолате ки ниҳодҳои давлатӣ аз таъсири арзишҳо ва эътиқодҳои динӣ мустақил мебошанд, онҳо метавонанд ҳамчун миёнарави бетараф дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пешгирии низоъҳои эҳтимолӣ баромад намоянд.

Интихоби роҳи рушди дунявӣ пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти оптималии рушди давлатдории навин баромад кард. Маҳз ин равиш имкон дод, ки ниҳодҳои нави ҳокимияти давлатӣ ташаккул ёфта, дар ҳалли мушкилоти ҷамъиятӣ нақши субъекти бетарафро иҷро намоянд.

Ташаккули заминаҳои ҳуқуқии дунявият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо роҳи таърихии кишвар дар асри XX зич алоқаманд аст. Қариб як аср будан дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ таҷрибаи идоракунии ҷамъиятро дар асоси принсипҳои дунявӣ шакл дод. Бо вуҷуди маҳдудиятҳои идеологии он давра, ин таҷриба барои таҳияи Конститутсияи нав асос гузошт, ки дар он дунявият, демократия ва давлатдории ҳуқуқӣ ҳамчун унсурҳои мутақобилан вобаста муқаррар гардиданд.

Омили муҳимми дигаре, ки зарурати таҳкими давлати дунявиро муайян намуд, паҳншавии босуръати фундаментализми динӣ дар солҳои ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон буд. Ин раванд ба суботи ҷомеа ва истиқлолияти давлатӣ хатари ҷиддӣ эҷод намуда, аҳаммияти сиёсати

пешгирикунандаи давлатро дар самти дунявият боз ҳам равшантар намуд.

Дар ин замина, андешаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аҳаммияти назаррас доранд. Ба таъкиди ӯ, «мубориза бо ифротгароӣ ва фанатизми динӣ пеш аз ҳама тавассути рушди маърифатнокӣ, тафаккури илмӣ ва ҷалби фаъолонаи ҷавонон ба илмҳои табиӣ ва дақиқ амалӣ мегардад» [179].

Таҳқиқи раванди ташаккули низоми сиёсӣ ва миллию ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки кишвар ҳамчун давлати соҳибихтиёр пас аз эълони истиқлолият низоми миллии сиёсӣ ва ҳуқуқии худро барқарор намуд. Ин раванд дар шароити ниҳоят мураккаби сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба вуқуъ пайваст, вале бо вуҷуди мушкилот, заминаҳои давлатдории муосир гузошта шуданд.

Дар марҳилаи муосири рушди давлатдории миллӣ, дунявият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар асоси қонун яке аз пояҳои асосии низоми сиёсӣ ва принсипи муҳимми конститутсионӣ ба шумор меравад. Мувофиқи муқаррароти Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва соҳибихтиёрро ҳамчун самти стратегии рушди худ интихоб намудааст. Дар ин раванд, дунявият дар баробари демократия ва ҳуқуқбунёдӣ бояд ҳамчун арзиши муҳимми иҷтимоиву фарҳангӣ дар шуури тамоми аъзои ҷомеа, аз ҷумла хизматчиёни давлатӣ, зиёиён ва махсусан руҳониён ҷойгоҳи устувор дошта бошад.

Ташаккули низоми дунявии Тоҷикистон аз низомҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии давраи сотсиализм ба таври куллӣ фарқ мекунад. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ аз ибтидои солҳои 1990–ум марҳилаи трансформатсияи амиқро паси сар намуд. Бо вуҷуди ҷанги шаҳрвандӣ, қабули Конститутсияи соли 1994 ҳамчун

санади олии ҳуқуқӣ заминаи мустаҳками ташаккули давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявиро фароҳам овард. Дар асоси он, Маҷлиси Олӣ тамоми қонунҳои конститутсионии заруриро барои таҳкими низоми сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷумҳурӣ қабул намуд, ки заминаи ҳуқуқӣ барои рушди дунявият шароит фароҳам овард.

Аҳаммияти дунявият дар он зоҳир мегардад, ки он шакли аз ҳама мусолиматомез ва самараноки танзими муносибати байни дин ва давлатро таъмин менамояд. Заминаи ҳуқуқии ин принсип дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» [2] мустаҳкам гардидааст. Бо вуҷуди ин, вазифаи муҳимми ҷомеа дар марҳилаи кунунӣ аз он иборат аст, ки ҷанбаҳои амалии татбиқи ин принсип ба таври ҷиддӣ роҳандозӣ карда шаванд, то дунявият аз меъёри ҳуқуқӣ ба арзиши умумимиллӣ ва умумиҷамъиятӣ табдил ёбад. Танҳо дар ҳамин сурат он метавонад ҳамчун механизми воқеан, амалкунанда хизмат намуда, воситаи боэътимоди ҳамоҳангсозии фазои динӣ ва фазои миллии ҷомеа гардад.

Ин механизм имкон фароҳам меорад, ки манфиатҳои динӣ ва миллӣ дар атрофи манфиатҳои давлати миллӣ муттаҳид гарданд. Таҷрибаи давлатҳои мутамаддин нишон медиҳад, ки маҳз чунин равиш барои таъмини субот, ҳамдигарфаҳмӣ ва рушди устувори ҷомеа натиҷаҳои мусбат ба бор меорад.

Қабули аввалин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ марҳилаи сифатан нави ташаккули давлатдории миллӣ гардид. Дар моддаи 1–уми Конститутсия дунявият ҳамчун сифати сохтори давлатӣ муқаррар гардида, тибқи муқарраротӣ конститутсионӣ (моддаи 100) моҳияти он тағйирнопазир эълон шуд[1]. Дар заминаи ин санади олӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дин ва ташкилотҳои динӣ» 1 декабри соли 1994 қабул

гардида, минбаъд дар солҳои 1997–1999 ба он як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд [188].

Зарурати ворид намудани ин тағйиру иловаҳо ба чанд омил вобаста буд. Аввалан, дар қонуни ибтидоӣ таъсири қолабҳои тафаккури давраи шуравӣ нисбат ба муносибати давлат ба дин ҳанӯз эҳсос мегардид. Дуюм, ҷанги шаҳрвандӣ, ки дар заминаи маҳалгароӣ ва ноустувории сиёсӣ ба вуқуъ пайваст, ба вазъи дохилии кишвар таъсири манфӣ расонид. Илова бар ин, давлат ва ҷомеаи тоҷик дар оғози истиқлолият барои муайян намудани муносибати давлат ба дин дар асоси меъёрҳои дунявӣ ва миллӣ таҷрибаи кофӣ надоштанд. Баъдан, пас аз расидан ба сулҳ ва оштии миллӣ, тағйироти амиқи иҷтимоиву сиёсӣ тақозо мекарданд, ки муносибати давлат ба дин бо дарназардошти талаботи рушди давлати дунявии миллӣ аз нав бозбинӣ карда шавад.

Дар ҳамин замина, тағйиру иловаҳои воридгардида ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дин ва ташкилотҳои динӣ» бо қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 1994, №1097 қабул гардида, ин раванд минбаъд низ идома ёфт [188].

Яке аз масъалаҳои муҳимми марбут ба таҳкими дунявият баланд бардоштани сатҳи маърифати динии ҷавонон аз нигоҳи илмии диншиносӣ мебошад. Бе омӯзиши асосҳои дин аз мавқеи илмӣ, пешгирии таъсири ҳаракату равияҳои ифротӣ ва ғайримазҳабӣ, ки дар баъзе ҳолатҳо хусусияти радикалӣ касб кардаанд, ғайриимкон аст. Ба роҳ мондани таълими дурусти маърифати динӣ на танҳо барои баланд бардоштани дониши динӣ хизмат мекунад, балки яке аз воситаҳои муҳимми ислоҳи шуури динӣ, пешгирии ифротгароӣ ва ҳидоят намудани ҷавонон ба омӯзиши илмҳои дунявӣ ва тафаккури илмӣ низ ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти ин омилҳо, дар таҳрири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» [2] соли

2009 муқаррароте ворид карда шуданд, ки мувофиқи моддаи 7, қисми 2, таълими фанҳои диншиносӣ бо хусусияти иттилоотию маърифатӣ метавонад ба барномаҳои таълимии муассисаҳои давлатӣ дохил карда шавад, ба шарте ки он бо анҷом додани ибодат ва маросимҳои динӣ алоқаманд набошад.

Аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми дигар, ки қаблан ба таври кофӣ танзим нашуда буданд, маросимҳои динӣ ва расму ойинҳо, аз ҷумла адои ҳаҷ ва умра ба ҳисоб мерафтанд. Қонуни соли 1994 тартиби мушаххаси танзими ин масъалаҳоро пешбинӣ накарда буд, ки дар натиҷа дар амалия ҳолатҳои бенизомӣ ба мушоҳида мерасид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ишора ба ин ҳолат таъкид намудаанд: «Воқеан ҳиссае аз мардуми мо ба сабаби зоҳирпарастии беасос ва дар иҷрои маросимҳо ва маъракаороиҳо побанди таассубу хурофот будани худ ба амалҳое даст мезананд, ки дар ягон гӯшаи дигари олам ба назар намерасанд» [178]. Таъкидҳои Пешвои муаззами миллат бозгӯӣ он аст, ки зоҳирпарастӣ, хурофотпарастӣ ва зиёдаравӣ дар баргузории маросимҳо ба амалҳое меорад, ки ба манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа мухолиф мебошанд.

Ду маротиба қабулшавии қонуни ҶТ «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» [2]. Бо мақсадиислоҳи ин вазъ, дар таҳрири нави қонун соли 2009 моддаи махсус (моддаи 21) ворид карда шуд, ки тартиби сафари шаҳрвандон барои адои ҳаҷ ва умраро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Ҳамзамон, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8 июни соли 2007 [185] ва бори дуюм қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (20 июни соли 2024, № 2048) [186] дар самти танзими расму ойинҳои миллӣ ва динӣ қадами муҳим гардид. Қонуни мазкур бо такя ба арзишҳои миллӣ ва динӣ барои мутобиқ намудани

баргузории маросимҳо ба манфиатҳои иқтисодӣ, устувории иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Аҳаммияти вижаи принсипи дунявият дар соҳаи маориф зоҳир мегардад. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [187], низоми таҳсилоти давлатӣ ва маҳаллӣ хусусияти дунявӣ дошта, таълим ва тарбия дар муассисаҳои таълимӣ бар асоси бетарафии ҷаҳонбинӣ ва эҳтиром ба интихоби озоди эътиқодӣ амалӣ мегардад. Ин усул яке аз кафолатҳои муҳимми озодии виҷдон буда, ба пешгирии таҳаммулнопазирӣ ва табъиз мусоидат менамояд.

Дар ин замина, принсипи дунявияти давлат ҳамчун кафолати амалигардии озодии виҷдон баромад мекунад. Танҳо дар шароити давлати ҳақиқатан дунявӣ кафолати пурраи ҳуқуқи инсон ба интихоби озоди эътиқод ва ҷаҳонбинӣ имконпазир мегардад. Аз ин лиҳоз, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 26) озодии виҷдон ва эътиқодро ба таври возеҳ эътироф намуда, иттиҳодияҳои динӣ ва давлатро аз ҳам ҷудо мешуморад [1].

Бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ, ҳуқуқи озодии виҷдон яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ба ҳисоб меравад. Ин ҳуқуқ дар санадҳои муҳимми байналмилалӣ аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (1948) [189] ва Паймонҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966) [190], муқаррар гардидааст. Бо вуҷуди ин, дар ин ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ мафҳуми «дунявияти давлат» мустақиман зикр нашудааст, ки ин ҳолат метавонад заминаи ҳуқуқиро барои татбиқи номукаммали ин принсип фароҳам оварад.

Дар сатҳи қонунгузории дохилии Тоҷикистон, баръакс, принсипи дунявият расман дар Конститутсия ва қонунгузории соҳавӣ мустаҳкам карда шудааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» омадааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ буда, ҳеҷ як дин мақоми давлатӣ надорад, давлат

фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ ва иттиҳодияҳои динӣ фаъолияти давлатро назорат намекунад[2]. Назорати давлатӣ дар соҳаи дин фаъолияти мақомоти ваколатдор оид ба таъмини риояи қонунгузорӣ дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ буда, барои нигоҳ доштани хусусияти дунявии давлат, ҳифзи ҳуқуқиии шаҳрвандон, амнияти ҷамъиятӣ ва пешгирии ифротгароӣ ва дигар навъҳои фаъолияти таҳрибкоронаи динӣ равона шудааст. Ҳамин тавр, заминаи ҳуқуқии дунявият на танҳо дар сатҳи эълон, балки дар сатҳи танзими ҳуқуқӣ мавҷуд аст.

Олими ватанӣ Ҷ.З. Маҷидзода қайд менамояд, ки «Пойдевори ҳуқуқии дунявии Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол аз моддаи 1–и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз меёбад. Тибқи ин модда, Тоҷикистон давлати дунявӣ эълон шудааст. Ин дунявият реша дар табиати ҷомеа дорад, ки дар он дин таъсири қавӣ дорад. Моҳияти дунявии давлат дар моддаи 8–и Конститутсия, бахусус дар қисми дуюми он, ки дар он гуфта мешавад, ки ҳеҷ як идеология, аз ҷумла идеологияи динӣ, ҳамчун идеологияи расмии давлат эътироф намешавад, инъикос ёфтааст» [143, с. 85–89].

Ин ақидаҳо нишон медиҳанд, ки давлат, ки барои муқаррар ва тақвияти хусусияти дунявии худ талош мекунад, бояд пеш аз ҳама ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, бахусус озодии виҷдон ва динро кафолат диҳад ва ҳифз кунад. Ин аз он сабаб аст, ки амалӣ шудани ин ҳуқуқи асосии инсон аз кафолатҳои ҳуқуқӣ вобаста аст ва ҳеҷ як шаҳрванд наметавонад ақидаҳои маънавӣ ва динии худро озодона баён кунад, ба ҷуз дар давлати дунявӣ, ки бар пояи қонун асос ёфтааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро нисбат ба дин ва озодии виҷдон кафолат медиҳад. Озодии виҷдон ва дин маънои озодии ба таври алоҳида ё дастаҷамъона қабул ё рад кардани дин,

инчунин ҳуқуқи ҳар як шахс барои пайравӣ кардан ё пайравӣ накардан ба ягон динро дорад.

Яке аз самтҳои муҳимми татбиқи принсипи дунявият – дунявияти низоми маориф мебошад. Тибқи моддаи 7–и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти дунявӣ дошта, таълим ва тарбия дар муассисаҳои давлатӣ ва маҳаллӣ дар асоси принсипи бетарафии ҷаҳонбинӣ ва эҳтиром ба эътиқоди ҳар як шахс ба роҳ монда мешавад. Ҳадаф аз ин меъёр таъмин намудани фазои таҳаммул, эҳтиром ба гуногунии эътиқод ва пешгирии табъиз дар муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Пас, ташаккули заминаҳои ҳуқуқии дунявият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равандест мураккаб ва марҳилавӣ, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегирад: аз низоми конститутсионӣ ва қонунгузорӣ то соҳаҳои маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷамъиятӣ. Такмил ва таҳкими минбаъдаи он аз ҳамкории судманди давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иттиҳодияҳои динӣ вобаста буда, ба таҳкими арзишҳои таҳаммулпазирӣ, эҳтироми қонун ва рушди давлатдории ҳуқуқбунёд мусоидат мекунад.

Дунявият ва демократия дар низоми давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон якдигарро такмил дода, барои рушди ҷомеа дар заминаи гуногунандешӣ (плюрализм) шароити мусоид фароҳам меоранд. Эътироф нагардидани ягон мафкура, аз ҷумла мафкураи динӣ ё ҳизбӣ, ҳамчун мафкураи давлатӣ яке аз зуҳуроти аслии давлати дунявӣ мебошад. Дунявият дар ин маънӣ на маҳдудкунандаи ҷаҳонбинӣ ё идеологияҳо, балки арзише мебошад, ки баробарҳуқуқии онҳо ва рушди озоди ҷомеаро таъмин менамояд.

Бо ин роҳ, моҳияти дунявии давлат, тағйирнопазирии он ва танзими муносибати давлат ба дин ҳамчун меъёри ҳуқуқии конститутсионӣ ҳифз гардида, барои рушди устувори давлатдории

миллӣ ва ҷомеаи муосири Тоҷикистон заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Дар натиҷаи ин раванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми нави миллии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ташаккул ёфт, ки дар доираи он давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ фаъолият мекунад. Ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ амал менамоянд, фаъолияти институтҳои сиёсӣ ба танзим даровварда шудааст ва фазои нисбатан солими маънавию равонӣ дар ҷомеа ба вуҷуд омадааст. Амалигардии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамчун омили муҳимми ташаккули давлати дунявӣ баромад мекунад. Ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонанд.

Ин ҳолат гувоҳӣ медиҳад, ки сарфи назар аз паёмадҳои харобиовари ҷанги шаҳрвандӣ, ки ба иқтисоди миллӣ ва соҳаҳои иҷтимоӣ зарари ҷиддӣ расонид, халқи Тоҷикистон тавонист ба дастовардҳои нави иҷтимоӣ ва сиёсӣ ноил гардад ва роҳи рушди давлатдории навинро бо усули дунявият идома диҳад.

Ҳалли одилонаи масъалаҳои миллӣ, махсусан таъмини баробарҳуқуқӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ, яке аз кафолатҳои асосии таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва амнияти ҷомеа мебошад. Ин раванд бевосита бо табиати дунявии давлат алоқаманд аст, зеро танҳо давлати дунявӣ метавонад нисбат ба ҳамаи гурӯҳҳои этникӣ ва динӣ муносибати бетараф ва баробарро таъмин намояд.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳилаи ибтидоии ташаккули пурраи давлати демократию ҳуқуқӣ ва дунявӣ қарор дорад. Таҷрибаи истиқлолият нишон медиҳад, ки бе сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ рушди устувори чунин давлат ғайриимкон аст. Айни замон сатҳи фарҳанги ҳуқуқии қисми муайяни

ҷомеа ба талаботи давлати муосири демократӣ ва дунявӣ пурра ҷавобгӯ нест. Дар адабиёти илмии муосир, маъмулан, сатҳи пасти шуури ҳуқуқӣ дар ҷомеаҳои дар ҳоли гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи муосир бо бартарияти меъёрҳои одатӣ ба меъёрҳои ҳуқуқӣ, сатҳи пасти саводнокӣ ва баъзе сабабҳои дигар иртибот дода мешаванд, ки қисман дар муносибат ба ҷомеаи Тоҷикистон низ қобили қабул мебошад. Дар чунин ҷомеаҳо ҳуқуқ (қонун) аксар вақт на ҳамчун абзори ҳимояи ҳуқуқи шаҳрванд, балки ҳамчун иродаи таҳмилкардаи қонунгузори берунӣ, ки барои меъёрҳои маҳаллӣ хос нестанд, дарк карда мешаванд. Барои бартараф кардани ин мушкилӣ таҳия ва татбиқи барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон хело зарур мебошад.

Аз ин рӯ, ташаккул ва рушди фарҳанги ҳуқуқии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз шартҳои асосии бунёд ва такмили давлати демократию дунявӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ, эҳтиром ба қонун ва тарбияи масъулияти шаҳрвандӣ заминаи боэътимоди рушди давлатдории муосир ва таҳкими принсипи дунявият дар ҷомеа мебошад.

Ҳамин тариқ, ташаккули заминаҳои ҳуқуқии дунявият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо натиҷаи интихобҳои сиёсӣ, балки маҳсули таҷрибаи таърихӣ, таҳдидҳои амниятӣ ва ниёзҳои рушди устувори ҷомеа мебошад. Равиши дунявӣ ҳамчун омили калидӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии баркамол ва бунёди давлати муосир ва рақобатпазир баромад мекунад.

Принсипи дунявият ва хусусиятҳои татбиқи он яке аз мавзуъҳои муҳимми баҳсии илми муосири ҳуқуқ ба шумор меравад. Дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва болоравии нақши унсурҳои динӣ, омӯзиши масъалаи дунявият дар заминаи низоми ҳуқуқии миллии Тоҷикистон аҳаммияти хоса пайдо кардааст.

Мафҳуми «дунявият» танҳо дар илми ҳуқуқшиносӣ не, балки дар фалсафа, сиёсашиносӣ ва дигар соҳаҳои илм низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Баъзе муҳаққиқон нодуруст дунявиятро танҳо ба ҷудоии давлат аз дин баробар медонанд. Аммо, тавре ки бисёре аз муҳаққиқони муосир қайд менамоянд, мазмуни дунявият фарохтар аст ва ба принсипи бетарафии давлат дар масъалаҳои эътиқодӣ, баробарии тамоми иттиҳодияҳои динӣ ва озодии интихоби ҷаҳонбинӣ барои ҳар як шахс асос меёбад.

Заминаи ҳуқуқии дунявият дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 1 ва 8) муқаррар шудааст. Тибқи он, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Дунявияти давлат дар он ифода меёбад, ки мақомоти давлатӣ ба фаъолияти ташкилотҳои динӣ дахолат намекунанд, дин мақоми расмӣ надорад ва тамоми шаҳрвандон, новобаста аз эътиқод, баробарҳуқуқ мебошанд.

Ҳангоми таҳқиқи муносибати мафҳумҳои «дунявияти давлат», «ҳуқуқ ба озодии виҷдон» ва «дунявияти маориф» зарур аст, ки робитаи мантиқии байни онҳо равшан карда шавад. Дар илми муосири ҳуқуқ озодии виҷдон яке аз мавзуъҳои асосии баҳс ба шумор меравад. Бисёр вақт ин мафҳум танҳо ба унсури озодии эътиқод ё диндорӣ баробар дониста мешавад, ки чунин фаҳмиш мазмуни васеи онро маҳдуд месозад.

Озодии виҷдон, ба маънои васеъ, на танҳо ҳуқуқи шахс ба доштан ё надоштани эътиқоди динӣ, балки ҳуқуқ ба интихоби ҷаҳонбинии шахсӣ, идеологӣ ё фалсафӣ мебошад. Дар маънои ҳуқуқӣ, озодии виҷдон ҳам ҳуқуқи субъективии инсон аст ва ҳам маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки ин ҳуқуқро танзим ва ҳифз мекунанд.

Дар баробари ин, дар баъзе ҳолатҳо масъалаи татбиқи амалии принсипи дунявият бо мушкилоти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва фаҳмишӣ рӯбарӯ мегардад. Баъзе аз ин мушкилот аз сатҳи пасти маърифати

ҳуқуқӣ ва ҷаҳонбинии шаҳрвандон сарчашма мегиранд. Ҳамзамон, таъсири афзояндаи омилҳои динӣ ва суннатӣ дар муҳити иҷтимоӣ метавонад ба бетарафии маориф ва сиёсат таъсир расонад.

Аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ, мушкилоти татбиқи принсипи дунявият дар Тоҷикистонро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард:

А) Масъалаҳои назариявӣ – норасоии фаҳмиши ягона аз мафҳуми «дунявият», набудани таҳлили илмии мукаммал дар соҳаи ҳуқуқи давлатӣ ва ҳуқуқи динӣ, инчунин зарурати таҳияи модели миллии дунявият бо дарназардошти анъанаҳои миллӣ ва фарҳанги тоҷикон.

Б) Масъалаҳои амалӣ – душвориҳои татбиқи пурраи қонунгузории марбут ба озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ, зарурати баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, пешгирии истифодаи дин барои ҳадафҳои сиёсӣ ва таъмини бетарафии муассисаҳои давлатӣ дар муносибат бо дин.

Ин омилҳо нишон медиҳанд, ки таҳкими заминаҳои ҳуқуқии дунявият на танҳо масъалаи қонунгузорӣ, балки масъалаи фарҳанг, маориф ва сиёсат низ мебошад. Барои татбиқи самараноки принсипи дунявият зарур аст, ки сохторҳои давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои илмӣ дар таҳкими маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги таҳаммулпазирӣ ҳамкорӣ намоянд.

Барои татбиқи самараноки принсипи дунявият зарур аст, ки заминаи назариявию мафҳумии он ба талаботи воқеиятҳои нави иҷтимоиву ҳуқуқии ҷаҳони муосир мутобиқ гардонида шавад. Бе такмили низоми мафҳумҳои ҳуқуқӣ татбиқи амалии принсипи дунявият номумкин аст, зеро ҳар як меъёри ҳуқуқӣ танҳо дар шароити фаҳмиши дурусти назариявӣ метавонад самаранок амалӣ шавад.

Дар ин замина, таҳияи мафҳумҳои ягонаи илмӣ–ҳуқуқӣ оид ба дунявият ва озодии виҷдон, ки ба принсипи дақиқияти ҳуқуқӣ (принсипи муайяннокии ҳуқуқ) ҷавобгӯ бошанд, аҳаммияти калидӣ дорад. Чунин

раванд на танҳо ба таҳкими қонунгузории миллӣ мусоидат мекунад, балки барои ҳамоҳангсозии меъёрҳои байналмилалӣ ва миллии ҳуқуқ дар соҳаи озодии виҷдон ва ҳуқуқи инсон замина фароҳам меорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар Конститутсия (моддаи 1) ин хусусиятро ба таври возеҳ муқаррар намудааст. Дар баробари ин, дар моддаи 26–и Конститутсия кафолати озодии виҷдон ва эътиқод, инчунин ҷудо будани иттиҳодияҳои динӣ аз давлат таъмин карда шудааст. Бо вуҷуди ин, рушди босуръати ҷаҳони муосир, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва мураккаб гардидани муносибатҳои иҷтимоӣ зарурати бознигарии назариявӣ ва таҳкими заминаҳои ҳуқуқии ин принсипро тақозо менамоянд.

Ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванд, ки ба ҳамгироии иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ оварда мерасонад, ба низоми арзишҳо ва меъёрҳои миллӣ низ таъсир мегузорад. Дар чунин шароит, татбиқи принсипи дунявият аҳаммияти тоза пайдо мекунад, зеро маҳз дунявият кафолати мувозинати байни арзишҳои миллӣ, мазҳабӣ ва умумибашарӣ мебошад.

Дар доираи қонунгузории Тоҷикистон, такмили асосҳои ҳуқуқии дунявият бояд дар чанд самт амалӣ гардад:

Такмили мафҳумҳои ҳуқуқӣ – ворид намудани тавзеҳоти дақиқ дар қонунҳои соҳавӣ (масалан, «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Дар бораи маориф» ва дигарҳо), то ки мазмуни принсипи дунявият фаҳмо ва яксон татбиқ гардад.

Баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва ҷаҳонбинии шаҳрвандон – зеро сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ метавонад боиси тафсири нодурусти принсипи дунявият гардад. «Дар вазъияти мураккаби ҷаҳони муосир мо вазифадорем, ки ба хотири ҳифзи истиқлолу озодӣ ва амнияти давлату ҷомеа дар баробари риояи талаботи қонунҳои давлати дунявӣ ба арзишҳои динӣ оқилона муносибат намуда, ҳам арзишҳои созандаи дини

исломро ҳифз намоем ва ҳам пеши роҳи паҳншавии тафриқаандозиву ифротгароиро гирем» [179].

Таҳкими назорат ва ҳамоҳангсозии байналмилалӣ – дар сатҳи созмонҳои байналмилалӣ зарурати ворид намудани мафҳуми «дунявият» ба санадҳои умумибашарии ҳуқуқӣ вуҷуд дорад, то кафолати озодии виҷдон ва баробарии эътиқодҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ устувортар гардад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, масъалаи диалогу ҳамгироии давлатҳо дар асоси арзишҳои дунявӣ аҳаммияти афзоянда пайдо мекунад. Норасоии татбиқи принсипи дунявият дар баъзе кишварҳо метавонад ба таври мустақим сабаби низоъҳои этно–динӣ, табъиз ва нақзи ҳуқуқи инсон гардад. Аз ин рӯ, таҳкими заминаҳои ҳуқуқии дунявият на танҳо масъалаи дохилӣ, балки унсури муҳимми амнияти байналмилалӣ низ мебошад. Аз нигоҳи назариявӣ, мушкилоти мавҷудаи татбиқи принсипи дунявият аз номукаммалии дастгоҳи мафҳумӣ ва набудани фаҳмиши ягонаи илмӣ сарчашма мегирад. Баъзе муҳаққиқон дунявиятро танҳо ҷудоии дин аз давлат мешуморанд, дар ҳоле ки дар мафҳуми васеъ, дунявият низоми ҷаҳонбинии бетараф, адолатпеша ва баробарҳуқуқии ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз эътиқоди онҳо мебошад.

Ҳақиқати бебаҳс ин аст, ки дар шароити муосир барои давлати миллӣ ва демократӣ принсипи дунявият яке аз заминаҳои асосии эътирофи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон буда, барои таъмини адолати иҷтимоӣ ва самаранок фаъолият намудани давлати ҳуқуқӣ хизмати бунёдӣ менамояд. Давлат ва ҷомеае, ки роҳ ба сӯи адолати иҷтимоӣ намуда, инсонро арзиши олӣ эълон намудааст, бе риояи принсипи дунявият, ки ба яке аз асосҳои бунёдии инсон ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ, яъне эътиқодӣ сару кор мегирад, бунёдаш номумкин аст.

Маҳз ба ҳамин хотир дар давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд принсипи озодии виҷдон ҳамчун ҷаҳони ботинии рушди маънавӣ ва эътиқодии ҳар шахс кафолат дода мешавад. Ин принсип ҳам дар сатҳи

эъломиявӣ, ҳам дар сатҳи меъёрӣ ва ҳам дар сатҳи амалиявӣ аз ҷониби давлат ҳамаҷониба дастгирӣ ёфта, дар раванди ташаккули маънавии ҷомеа ва тарбияи ҳуқуқӣ дар сатҳи маърифат ва фарҳанги ҳуқуқӣ тарғиб, ташвиқ ва ташаккул дода мешавад. Ин равишро қонунгузории соҳаи маориф, низоми идораи давлатӣ бо риояи зерусулҳои ҷудоии иттиҳодияҳои динӣ аз ҳокимияти давлатӣ, низоми таҳсили дунявӣ ва фарогири илмӣ аз низоми таҳсилоти динӣ–эътиқодӣ бо риояи одоби эҳтироми гуногунақидавӣ таъмин менамояд.

Ҳангоми татбиқи самараноки принсипи дунявияти давлат, на танҳо кафолати озодии виҷдон, балки таъмини адолати иҷтимоӣ, ки дар он ҳифзи заминаҳои маънавии рушди ҷомеа ва гуногунандешии мафкуравӣ ногузир аст, таъмин мегардад. Давлате, ки сиёсати худро бар асоси эҳтироми ҷаҳонбиниҳо ва арҷгузории гуногунандешӣ таҳия намудааст, шароити мусоид ва фазои озоди рушди мафкураҳо ва андешаҳои созандаро фароҳам меорад. Рушду пешравӣ, тараққиёту нумуи фикрии ҳар ҷомеа, қабл аз ҳама, ба озодии ирода ва озодиҳои ботинии ҳар инсон вобастагӣ дорад. Маҳз фазои озоди мафкуравӣ ва ҷаҳонбиниҳои мухталифи дар сатҳи қонунгузорӣ рӯнамошуда ба ақлҳои эҷодгар шароит фароҳам меоранд, ки қутбҳои мухталифи рушдро ба осиёби маънавии ҷомеа ворид карда, заминаҳои чархи ҳуқуқии давлатро устувор ва низомнок ба манфиати омма ба ҳаракат дароранд.

Дуруст аст, ки барои дарку ҳазми принсипи дунявият дар сатҳи амалия ва қонунгузории давлатӣ сатҳи баланди шуури ҳуқуқии ҷомеа ва маданияти ҳуқуқӣ шарт ва зарур аст. Махсусан барои ҷомеаҳои анъанавӣ ва давлатҳои шарқие, ки дар кори муносибат ба озодии эътиқод таърихан мушкилӣ доранд. Ниёгони халқи тоҷик аз зумраи он мардумоне ҳастанд, ки дар масири таърих, бинобар бар адами маърифати ҳуқуқӣ ва сӯиистифода аз озодиҳои динӣ борҳо ба ноҳамвориҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии муносибати байни дину давлат

гирифтор шудаaанд. Таърихи талхи даврони охири давлатдории Сомониён, кашмакашиҳои сиёсию мазҳабии даврони ҳукмронии саҳронишинон дар асрҳои миёна ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои навади асри гузашта, нуктаҳои ҳассосу нозуки нодуруст бархурд намудани манфиатҳои давлату дин будаанд, ки принсипҳои бунёдии дунявиятро сарфи назар намудаанд. Имрӯз низ набояд фаромӯш кард, ки дар тори асаби мардуми зудбовару эътиқодманди миллати мо душманони сиёсӣ ва фарҳангӣ бо ҳар роҳу восита мехоҳанд садои манфиатҳои бегонаро ворид сохта аз озодиҳои демократӣ ва принсипи дунявият ба манфиати худ сӯйистифода намоянд. Маҳз ҳамин нукта аҳаммиятнокии таҳқиқоти мазкурро на танҳо баланд мебардорад, балки илми ҳуқуқ ва мафкураи ҳуқуқии ҷомеаро дар ислоҳи вазъи мафкураи миллӣ дар шароитҳои нав мутобиқ ба даъвату таҳдидҳои муосир, масъалагузорӣ карда, бар дӯш гирифтани масъулияҳо ва уҳдадориҳои ҷадидро тақозо мекунад.

Хулоса

Дар натиҷаи таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии дунявият чунин хулосаҳо бармеоянд:

а) Дунявият ҳамчун принсипи ҳуқуқии асосӣ дар низоми давлатдорӣ ва ҳуқуқи инсон нақши кафолатдиҳандаи озодии виҷдон ва баробарии шаҳрвандонро дорад;

б) Норасоии дастгоҳи мафҳумӣ ва тафсири гуногуни мафҳумҳои «дунявият», «озодии виҷдон» ва «бетарафии ҷаҳонбинӣ» сабаби нофаҳмиҳо дар татбиқи амалии ин принсип мегардад;

в) Зарур аст, ки бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ мафҳумҳои ягонаи илмӣ ва ҳуқуқӣ таҳия шуда, ба қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ ворид карда шаванд;

г) Ҷаҳонишавӣ талаб мекунад, ки принсипи дунявият ҳамчун омили ҳамгироии давлатҳо ва пешгирии низоъҳои динӣ ба сатҳи баланди ҳамоҳангии байналмилалӣ бароварда шавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими заминаҳои ҳуқуқии дунявият лозим аст:

– мафҳумҳои ҳуқуқӣ дар қонунҳои соҳавӣ дақиқ гарданд;

– сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва ҷаҳонбинии шаҳрвандон баланд бурда шавад;

– ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи озодии виҷдон густариш ёбанд.

Ҳамин тавр, такмили заминаҳои ҳуқуқии дунявият на танҳо вазифаи илмӣ, балки зарурати сиёсиву иҷтимоии рушди муосири Тоҷикистон мебошад. Ин раванд барои таҳкими низоми давлатдории ҳуқуқбунёд, таъмини суботи иҷтимоӣ ва рушди устувори ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи боэътимод фароҳам меорад.

### 3.2. Мушкилӣ ва дастовардҳои дунявии давлати миллии Тоҷикистон

Дар шароити муосир яке аз масъалаҳои мубрами фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи татбиқи сиёсӣ–ҳуқуқии принсипи давлатдории дунявӣ ба шумор меравад. Моҳияти ин масъала дар муайянсозии дуруст ва мутавозини ҷойгоҳ ва нақши дин ва ниҳодҳои динӣ дар низоми ҳуқуқии давлати дунявӣ ифода меёбад. Зеро дар ҷомеаи гуногунандеш ва поликонфессионалӣ (бисёрмазҳаба) танҳо бо риояи қатъии меъёрҳои ҳуқуқӣ метавон ҳам озодии виҷдонро таъмин намуд ва ҳам суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро ҳифз кард.

Мувофиқи моддаи 8–и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикистон давлати дунявӣ буда, иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудоанд ва ба корҳои давлатӣ дахолат намекунанд. Ҳамзамон, ҳеҷ як дин наметавонад ба сифати динӣ давлатӣ ё ҳатмӣ эътироф гардад. Ин меъёри конститутсионӣ пояи асосии ташаккул ва амалисозии давлатдории дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Принсипҳои конститутсионии муносибати давлат ва иттиҳодияҳои динӣ, аз ҷумла озодии виҷдон (моддаи 26), дунявӣ будани давлат ва баробарии иттиҳодияҳои динӣ дар назди қонун (моддаи 8), инчунин баробарии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон новобаста аз муносибаташон ба дин (моддаи 17), ҳамчун асоси ҳуқуқии сиёсати давлат дар соҳаи дин хизмат мекунанд. Ин принсипҳо танҳо дар ҳамбастагии мутақобила метавонанд самаранок амал намоянд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», ки яке аз санадҳои муҳимми меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими муносибатҳои динӣ ба шумор меравад, заминаи ҳуқуқии фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ ва кафолати озодии эътиқоди шаҳрвандонро муайян менамояд. Татбиқи мунтазами меъёрҳои конститутсионӣ, давлат аз як тараф, ҳуқуқи шаҳрвандонро барои

интихоби озоди дин кафолат медиҳад ва аз тарафи дигар, барои татбиқи амалии принсипи дунявият ва ҷудоии иттиҳодияҳои динӣ аз давлат мусоидат мекунад. Тибқи муқаррароти қонунгузорӣ, давлат ба муайян намудани муносибати шаҳрвандон нисбат ба дин, интихоби эътиқоди динӣ ва тарбияи фарзандон мувофиқи боварҳои шахсӣ дахолат намекунад, ба шарте ки ин равандҳо ҳуқуқу озодиҳои кӯдак ва талаботи қонунро халалдор насозанд. Ҳамзамон, давлат иҷрои вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва муассисаҳои давлатиро бар дӯши иттиҳодияҳои динӣ вогузор намекунад ва ба фаъолияти онҳо танҳо дар доираи қонун дахолат менамояд.

Яке аз дастовардҳои муҳимми давлати дунявии Тоҷикистон таъмини хусусияти дунявии таҳсилот ҳам дар муассисаҳои давлатии таълимӣ ва ҳам дар муассисаҳои хусусии таълимӣ мебошад. Низоми маориф ҳамчун фазои бетарафи ҳуқуқӣ ва илмӣ шакл гирифта, аз таъсири идеологияи динӣ озод нигоҳ дошта мешавад, ки ин омил барои ташаккули тафаккури илмӣ ва шаҳрвандии насли ҷавон аҳаммияти калидӣ дорад.

Бо вуҷуди ин, дар амалия татбиқи пурраи принсипи дунявият бо як қатор мушкилиҳо рӯбарӯ мегардад. Дар баъзе ҳолатҳо мушоҳида мешавад, ки равандҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ метавонанд барои омехта шудани манфиатҳои динӣ ва давлатӣ замина фароҳам оранд. Аз ин лиҳоз, вазифаи асосии давлат дар шароити кунунӣ на танҳо эълони меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки таъмини татбиқи воқеии онҳо дар сиёсати амалӣ мебошад.

Давлат ва иттиҳодияҳои динӣ вазифадоранд фаъолияти худро қатъиян дар доираи қонунгузории амалкунанда ба роҳ монанд. Танҳо дар сурати риояи ин меъёрҳо метавон мувозинати манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шахсиятро таъмин намуда, дастовардҳои давлатдории дунявиро ҳифз ва таҳким бахшид.

Бояд зикр намуд, ки мушкилоти татбиқи сиёсӣ–ҳуқуқии принсипи давлатдории дунявӣ танҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хос нест. Аксарияти давлатҳои ҷаҳон худро дунявӣ мешуморанд, ҳарчанд дар конститутсияи на ҳамаи онҳо хусусияти дунявии давлат ба таври мустақим ва равшан сабт гардидааст. Танҳо дар чанд кишвар, аз ҷумла Ҷумҳурии Фаронса, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Туркия ва баъзе давлатҳои дигар, дунявӣ будани давлат ба сифати меъёри мустақими конститутсионӣ муқаррар шудааст. Бо вуҷуди ин, ҳатто дар чунин давлатҳо низ моделҳои муносибати байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ яксон нестанд.

Модели мушаххаси муносибатҳои давлат ва дин дар доираи принсипи давлатдории дунявӣ аз як қатор омилҳо вобастагӣ дорад, аз ҷумла: хусусиятҳои динӣ, миллӣ, фарҳангӣ ва таърихии ҷомеа, анъанаҳои иҷтимоӣ, инчунин вазъи ҷамъиятӣ–сиёсӣ ва иқтисодии кишвар. Аз ин рӯ, дунявият ҳамчун принсипи умумӣ метавонад дар шаклҳо ва намунаҳои гуногун татбиқ гардад. Тавре С.Н. Макаренко қайд менамояд: «Мутобиқи принсипи дунявият муносибати давлатро нисбати тамоми динҳо тибқи асосҳои баробар, инчунин муносибати бетарафона ва беғаразонаи онро ҳам нисбати ҷаҳонбинии бединӣ (атеистӣ) ва ҳам ҷаҳонбинии динӣ ифода менамояд. Робитаҳои давлат ва калисо бояд ҳамчун ду институти аз ҳамдигар мустақил дар асоси ҷудо намудани иттиҳодияҳои динӣ аз ҳокимияти оммавӣ ва тобеияти онҳо ба қонунҳои дар давлат амалкунанда ташкил карда шаванд» [141, с. 42–43].

Низомҳои мавҷудаи муносибатҳои давлат ва иттиҳодияҳои динӣ дар ҷаҳони муосирро шартан метавон ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо намуд. Ба гурӯҳи аввал давлатҳое дохил мешаванд, ки шакли теократии ҳокимият доранд, монанди Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Давлати Ватикан. Дар ин гуна давлатҳо дин на танҳо унсури фарҳангӣ, балки пояи асосии сохтори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Ба гурӯҳи дуюм давлатҳое шомиланд, ки идеологияи расмии атеистиро эътироф менамоянд, мисли Ҷумҳурии

Халқии Демократии Корея. Дар ин кишварҳо фаъолияти динӣ маҳдуд ё комилан зери назорати шадиди давлат қарор дорад. Гурӯҳи сеюмро давлатҳои секулярӣ ё дунявӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо байни ду низоми зикршуда мавқеи мобайниро ишғол менамоянд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳатто дар шароити ҷудо будани давлат аз иттиҳодияҳои динӣ ва эълони баробарии ҳуқуқии ҳамаи конфессияҳо, давлат метавонад ба фаъолияти он иттиҳодияҳои динӣ, ки дар ҳаёти мардумони кишвар решаҳои таърихӣ ва фарҳангӣ доранд, имтиёз ё дастгирии муайян зоҳир намояд. Чунин ҳолат дар кишварҳое чун Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Испания, Норвегия, Австрия, Олмон ва як қатор давлатҳои дигар мушоҳида мегардад. Ин раванд, гарчанде дар доираи қонунгузорӣ сурат мегирад, аммо ҳамеша масъалаи риояи мувозинати принсипи дунявиятро ба миён меорад.

Дар ин замина таҳқиқоти мутахассиси амрикоӣ К. Дурэм дар соҳаи муносибатҳои давлат ва дин аҳаммияти назаррас доранд. Ӯ меъёри асосии ҷудо намудани навъҳои низомҳои давлативу динӣ (калисоӣ–давлатӣ)–ро сатҳи озодии динӣ дар ҷомеа мешуморад. Ба андешаи ӯ, ин сатҳ аз дараҷаи таъсири давлат ба эътиқод ва рафтори диндорон, инчунин аз шакли ҳамгироии институтҳои давлатӣ ва динӣ вобастагӣ дорад — аз ҷудоии пурра то ҳамбастагии комил.

Тибқи назарияи К. Дурэм, «муносибатҳои давлат ва иттиҳодияҳои динӣ метавонанд ҳамчун силсилаи режимҳои гуногуни динӣ–давлатӣ тасвир шаванд, ки аз теократияи мутлақ оғоз ёфта, то сиёсати ошкоро душманона ва таъқиби дин ва пайравони он идома меёбад» [35, с. 27–31].

Бо такя ба муносибатҳои воқеӣ дар соҳаи сиёсати давлативу динӣ метавон низоми амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун низоми ҳамкории маҳдуд ва танзимшаванда арзёбӣ намуд. Дар ин модел ба ягон конфессия мақоми махсуси давлатӣ дода намешавад, вале, ҳамзамон, давлат дар доираи қонун бо иттиҳодияҳои динӣ ҳамкорӣ менамояд,

махсусан дар масъалаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ. Ин гуна равиш, аз як тараф ба таҳкими суботи ҷомеа мусоидат намуда, аз тарафи дигар, талаб менамояд, ки ҳудуди дахолати тарафҳо дақиқ муайян ва риоя карда шавад. Дар муқаддимаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» [2] нақши махсуси мазҳаби ҳанафии дини ислом дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқи Тоҷикистон эътироф шудааст ва ҳамин хусусият ҳамчун яке аз асосҳои қабули қонуни мазкур сабт гардидааст.

Таҳлили сифатии мафҳуми дунявият бе омӯзиши гуногуншаклии моделҳои давлатдории дунявӣ ғайриимкон аст. Дар илми муосир «низоми ягона ва умумӣ оид ба типологияи давлатҳо аз рӯйи меъёри дунявият вуҷуд надорад. Дидгоҳҳои муҳаққиқон дар ин самт гуногун ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо зиддунақиз мебошанд» [34, с. 7]. Дар аксари маврид мафҳуми «дунявият» тавассути призмаи секуляризм шарҳ дода мешавад, бо дарназардошти он ки шаклҳои он вобаста ба шароити таърихӣ ва фарҳангии ҳар як давлат фарқ мекунанд.

Олими ватанӣ С.С. Ятимов иброз менамояд, ки: «Масъалаи давлат ва давлатдорӣ қисмати ҳаётан муҳимми мавҷудият ва пойдории миллат аст, ягонагӣ ва умумияти қаламрав, забон фарҳанг, маданият, уфу одат, идеология, эҳсоси муштараки ирсияти қавмӣ, нажодӣ, ки асоси давлатдории миллиро ташкил мекунанд, фақат тавассути ҳокимияти сиёсии мутамарказ, бо асосҳои ҳуқуқӣ ва имконияти танзими меъёрҳои конститутсионӣ таъмин карда мешавад. Бидуни чунин шароит осудагӣ, субот ва рушди миллӣ наметавонад воқеият дошта бошад» [157].

Дар ҳамин замина, таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун модели миллӣ ва хоси давлатдории дунявӣ баррасӣ мегардад, ки ҳам дастовардҳои муайян дорад ва ҳам бо як қатор мушкилоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ рӯбарӯ мебошад. Таҳлили ҳамаҷонибаи ин таҷриба имкон

медиҳад, ки самтҳои такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои давлат ва дин дақиқтар муайян карда шаванд.

Набудани меъёрҳо ва қоидаҳои ягона дар самти татбиқи сиёсӣ–ҳуқуқии принсипи давлатдории дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ метавонад ба бархӯрди манфиатҳои идеологӣ замина фароҳам оварад. Дар чунин шароит, муҳокимаи масъалаи дунявият баъзан ба муқобилгузории модели дунявии ташкили ҷомеа бо модели динӣ оварда мерасонад. Аз як ҷониб, бархе аз гурӯҳҳои иҷтимоӣ дунявиятро ҳамчун маҳдудсозии нақши дин дар ҳаёти ҷамъиятӣ арзёбӣ мекунанд,аз ҷониби дигар, пайравони динҳои суннатӣ бар ин назаранд, ки дастгирии интихобии давлат аз ниҳодҳои динӣ, хусусан онҳое, ки дар ташаккули ҳувияти таърихӣ ва фарҳангии ҷомеа нақши муҳим доранд, метавонад қобили қабул бошад, ба шарте ки ташкилотҳои динӣ вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва сиёсиро ба зимма нагиранд.

Дар доираи чунин баҳсҳо андешае шакл мегирад, ки давлат ҳамчун ниҳоди ифодакунандаи манфиатҳои ҳамаи шаҳрвандон бояд гуногунандешии динӣ ва мазҳабии аҳолиро ба назар гирад. Аз ин бармеояд, ки сатҳ ва шакли ҳамкории давлат бо иттиҳодияҳои динӣ метавонад вобаста ба шумораи пайравон, нақши иҷтимоӣ ва таъсири онҳо дар ҷомеа фарқ кунад. Бо вуҷуди ин, чунин равиш ҳамеша масъалаи мутобиқат бо принсипи баробарии ҳамаи иттиҳодияҳои диниро дар назди қонун ба миён меорад.

Дунявият ё ҷудоии дин аз сиёсат, яке аз принсипҳои асосии ҷомеаи демократӣ буда, ин ду мафҳум бо ҳам пайванди ногусастанӣ доранд. Дар ҷомеаҳои демократии саросари ҷаҳон, ки соҳибихтиёрии ҳамаи афрод ва идоракунии ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоиро таъкид мекунанд, принсипи дунявият ё ҷудоии дин аз давлат эҳтиромро ба ҳама динҳо, мазҳабҳо ва ақидаҳо муқаррар мекунад ва бо ин роҳ озодии динро кафолат медиҳад. Ба андешаи бархе аз муҳаққиқон: «Ҳусусияти муайянкунандаи дунявият

бартарии мутлақи арзишҳои дунявӣ бар арзишҳои динӣ мебошад, ки дар раванди ҳаёт ва фаъолияти ҳаррӯзаи аҳли ҷомеа инъикос меёбад» [177].Аммо чунин арзёбӣ дар нисбати таносуби миёни арзишҳои дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон танҳо қисман қобили қабул буда метавонад. Бо ин далел, ки арзишҳои динӣ ва арзишҳои дунявӣ ду қисми баробарвазни низоми арзишҳои миллию фарҳангии тоҷикон мебошанд.

Дар шароити Тоҷикистон, ки ҷомеаи бисёрмазҳабӣ ва серқавм дорад, ҳар гуна таъкид ба бартарияти як мазҳаб ё ҷараёни динӣ метавонад ба шиддатёбии ихтилофҳои дохиликонфессионалӣ ва байниконфессионалӣ оварда расонад. Маҳз ҳамин омил боис мегардад, ки масъалаи дунявият дар ҷомеа гоҳе ба унсури ихтилофангез табдил ёбад ва тарафдорони эътиқодҳои гуногунро дар асоси мансубияти мазҳабӣ аз ҳам ҷудо созад.

Аз як ҷониб, пайравони динҳои суннатӣ аз эҳтимоли густариши клерикализм нигаронӣ мекунанд ва бар зидди кӯшишҳои омехтани ҳокимияти давлатӣ бо нуфузи динӣ баромад менамоянд. Аз ҷониби дигар, ҷонибдорони дунявият аз равандҳои эҳтимолии клерикализатсияи институтҳои ҳокимияти давлатӣ, коҳиши хусусияти дунявии низоми маориф ва ихтилоф байни меъёрҳои конститутсионӣ ва амалияи воқеӣ изҳори нигаронӣ мекунанд. Ба ақидаи онҳо, афзалият додан ба баъзе иттиҳодияҳои динӣ метавонад принсипи баробарии динҳо дар назди қонунро зери суол барад.

Дастгирии ғайримустақими баъзе конфессияҳо аз ҷониби намояндагони алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ, ҷудо кардани маблағҳои давлатӣ барои сохтмони биноҳои динӣ ё додани имтиёзҳои таълимӣ метавонанд пояҳои давлати дунявиро суст кунанд ва пойгоҳи иҷтимоии онро коҳиш диҳад. Дар чунин ҳолатҳо, давлат метавонад то андозае

бетарафии худро нисбат ба дин барои пайгирии созишҳои сиёсӣ ё таъмини суботи муваққатӣ аз байн барад.

«Дар айни замон, бо назардошти талабот ва густариши ҷаҳонишавӣ, доираи вобастагӣ ва ҳамкорӣ байни кишварҳо, халқҳо ва тамаддунҳои гуногун васеъ мешавад. Дастовардҳои ҷаҳонии башарият, меъёрҳои ҷомеаи демократӣ ва арзишҳои воқеии миллӣ васеъ мешаванд. Кишварҳои хурду калон доираи фарҳанг ва тамаддуни худро васеъ мекунанд ва робитаҳоро бо тамаддунҳои ҳамсоя тақвият медиҳанд. Давлатҳои нав истиқлолёфта, ки аз фишори режимҳои сиёсӣ озод шудаанд, барои тақвияти истиқлолияти худ, парвариши ҳувияти миллӣ ва пайдо кардани мақоми шоистаи худ дар ҷомеаи муосир талош мекунанд» [85].

Раванди суръатёбандаи ҷаҳонишавӣ ҷаҳони моро дигаргун сохта, тамаддун, фарҳанг, анъанаҳо, расму оинҳо, динҳо ва мазҳабҳоро то андозае заиф мекунад ва ҳатто таҳдиди нобудшавии пурраи ин арзишҳои миллиро ба вуҷуд меорад. Ин омил метавонад боиси бегонашавӣ ва дуршавӣ аз роҳи ваҳдат, ҳамгирой, ҳамзистӣ ва таҳаммулпазирӣ гардад.

Ғайр аз ин, «усули дунявият талаб мекунад, ки ақл, хирад, дониш ва дастовардҳои илмӣ дар ҷаҳони муосири мо ҳамчун нерӯйи пешбарандаи ҷомеа ҳисобида шаванд. Мувофиқан, ҳар як мушкилоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ бояд дар заминаи илмӣ баррасӣ шавад. Аз тарафи дигар, имрӯз ки демократия ҳамчун як низоми идоракунӣ ва маъмурияти иҷтимоӣ дар аксари кишварҳои ҷаҳон эътироф шудааст, яке аз воситаҳои асосии таъмини демократия ва озодиҳои инсон ин ҷудоӣ байни шакли идораи сиёсӣ ва дину эътиқод шуморида мешавад» [181].

Муваффақиятҳои беназире, ки давлати дунявии мо дар як муддати нисбатан кӯтоҳи соҳибистиқлолии худ ноил гардидааст, бар пояҳои мустаҳками илмӣ ва таърихӣ асос ёфтаанд. Дунявият ва демократияи он ба он имкон додааст, ки озодии виҷдонро ҳамчун як дороии бебаҳо ва

неъмати бузург ҳифз кунад ва рисолати таърихии худ ва сиёсати худро нисбат ба диндорон бо беҳтарин сурат иҷро кунад. Аз нигоҳи таърихӣ, моҳияти дунявӣ ва демократии давлати миллии мо бо табиат ва назарҳои созандаи олимони бузурги кишвари мо мувофиқ буда, эҳёи асарҳои онҳо ва эътирофи илмии равиш ва методологияи онҳоро мусоидат кардааст. Дар ин руҳияи озодии андеша, оқилона ва таҳаммулпазирӣ, олимони бузурги мо: фарзанди бузурги миллати тоҷик Абу Ҳанифа ан–Нӯъмон ибни Собит – асосгузори бузургтарин фирқаи таҳаммулпазир ва ақлмеҳвари ислом, Абу Башор Амр ибни Сибавайҳ аш–Шерозӣ – асосгузори илми грамматикаи араб, Имом Муҳаммад Исмоил ал–Бухорӣ – наҷотдиҳандаи ҳадиси саҳеҳ аз буҳрони ҷаҳонии илми ҳадис, Бурҳониддин ал–Марҷалонӣ – аввалин касе, ки ҳуқуқи мусулмониро танзим кардааст, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ – бунёдгузори пули муколама байни тамаддунҳои исломӣ, юнонӣ ва масеҳӣ, асосгузори назарияи ишқи инсонӣ ва илоҳӣ ва муаллифи «Маснавии маънавӣ» ва даҳҳо фарзандони дигари фарзонаи миллати фарҳангсолори тоҷик ҳам илмҳои динӣ ва ҳам дунявиро бо шоҳкориҳои фикрию эҷодии худ ғанӣ гардонида, бо ин роҳ «арзишҳои созандаи фарҳанги таҳаммулмеҳвари миллии моро дар саросари ҷаҳон интишор додаанд» [154, с. 72–83].

Ба назари мо, мушкилоти татбиқи сиёсӣ–ҳуқуқии принсипи дунявият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ба фаъол гардидани ташкилотҳои динӣ ё тағйирёбии шуури ҷамъиятӣ вобаста аст, балки инчунин аз камбудиҳои муайян дар низоми қонунгузорӣ сарчашма мегиранд. Ин холигиҳо имкон медиҳанд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ба таври гуногун тафсир карда шаванд. Дар натиҷа, принсипи дунявият баъзан ҳамчун унсури дуюмдараҷаи давлатдорӣ дарк мегардад, на ҳамчун яке аз пояҳои асосии сохтори конститутсионӣ.

Мушкили ҷиддии дигар он аст, ки принсипҳои муҳимми конститутсионӣ, аз қабили озодии виҷдон, гуногунандешии идеологӣ ва дунявият, дар амал аксаран ҷудогона баррасӣ мешаванд ва тафсири расмӣ ва ҳамоҳанг надоранд. Дар чунин шароит, ҳар як иттиҳодияи динӣ, бо вуҷуди даъват ба сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ, мекӯшад доираи таъсири худро васеъ намуда, ҳаққи ҳақиқати мутлақро ба худ нисбат диҳад.

Тавре ки маълум аст, «рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ҳар як миллат, чӣ дар гузашта, ҳозира ва оянда, аз дараҷа ва сатҳи рушди ҳувият ва мафкураи миллӣ, мавҷудияти нерӯҳои солим ва зеҳнӣ ва қобилияти истифодаи таҷрибаи фарҳангии гузашта ва ҳозира барои ҳалли мушкилот ва масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ вобаста аст. Ҷомеа шакли таърихан ташаккулёфтаи иттиҳодияи инсонӣ аст, он мавҷудоти зинда ва фикркунандаест, ки муносибатҳои он бо ҷаҳони атроф ва талаботи замон ва макон дар шакли ғояҳо, принсипҳо, арзишҳо, хоҳишҳо ва орзуҳое ташаккул меёбанд, ки дар якҷоягӣ мафҳуми "идеология"–ро дар чаҳорчӯбаи консепсияҳо ва дурнамоҳои барномавӣ ва ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд [155, с. 88–97]. Дар ин замина, масъалаи мувозинати дунявияти давлат бо ҳуқуқи шаҳрвандон ба озодии виҷдон ва дин, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, аҳаммияти хоса дорад. Баҳсҳо асосан ба муайян кардани ҳудуди дахолати давлат ба корҳои динӣ, татбиқи принсипи баробарҳуқуқӣ байни иттиҳодияҳои динӣ, муносибати байни дин ва мафкура, фарқи байни динҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ва мавқеи ташкилотҳои динӣ нисбат ба арзишҳои шаҳрвандӣ ва масъулиятҳои давлатӣ нигаронида шудаанд.

Дар кишвари мо дунявият ба маънии таъминкунадаи шароит барои амалӣ намудани боварҳои эътқодии ҷомеа аст, ки маънию моҳияти ин низомро ифода мекунад.

Дар ин хусус М.Ҷ. Зоир хело ба маврид таъкид менамоянд, ки: «Дин аз давлат ҷудо нест, балки иттиҳодияҳои динӣ ҷудо карда шудаанд. Ин як қадами нав дар рушди консепсияи дунявият аст, ки бо шароити миллӣ ва муосир мувофиқ аст. Он кафолат медиҳад, ки адолат поймол намешавад ва беадолатӣ таҳаммул карда намешавад. Ҳамин тариқ, бо ҷудо кардани созмонҳои динӣ аз давлат, давлати дунявӣ, дар ҳоле ки аз дини расмии давлатӣ, ки ногузир ба вайрон кардани адолати иҷтимоӣ оварда мерасонад, пешгирӣ мекунад, худи динро низ аз сӯиистифодаҳои сиёсӣ ва аз табдил шудан ба абзори сиёсӣ муҳофизат мекунад» [143, с. 85–89]. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва диндорон бояд дарк кунанд, ки давлат бо эълон кардани дунявият динро аз доираи иҷтимоӣ истисно намекунад, балки онро ба муҳити васеътари фарҳангӣ ва иҷтимоии кишвар муттаҳид мекунад. Дар натиҷа, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи асосии ҳуқуқии таъсис ва нигоҳдории давлати дунявӣ мебошад. Он ақидаҳои пешрафтаи иҷтимоӣ–сиёсӣ ва принсипҳои асосии бунёди давлати дунявиро дар бар мегирад ва ба ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои худро дар робита ба дин ва озодии виҷдон кафолат медиҳад.

Бисёре аз коршиносон бар он назаранд, ки дарояндаи наздик эҳтимоли афзоиши зиддиятҳои динӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ вуҷуд дорад, аз ҷумла зуҳуроти экстремизми динӣ ва терроризм. Ин равандҳо аксаран бо таъсири глобализатсия, бархӯрди арзишҳои дунявии ғарбӣ бо арзишҳои суннатии динӣ ва паҳншавии ҷараёнҳои радикалӣ алоқаманд дониста мешаванд. Дар чунин шароит, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи хусусияти дунявии давлат, тақвияти қонунмандӣ ва пешгирии ҳар гуна ифротгароӣ ҳамчун яке аз дастовардҳои муҳимми давлати миллӣ аҳаммияти стратегӣ дорад.

Шаҳодати ин таъкидҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон мебошад: «Бо қабули Конститутсия майлу иродаи халқи Тоҷикистон оид ба эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ, ки дар бобати интихоби сарнавишти минбаъдаи кишвар имтиҳони ҷиддие буд, муайян гардид... Роҳи интихобкардаи халқи Тоҷикистон сохтмони ҷомеаи демократӣ, ҳукуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Мо ин роҳро бебозгашт интихоб кардем» [86].

Дар робита ба гуфтаҳои боло, бояд таъкид намуд, ки дар шароити шиддат ёфтани зиддиятҳои динӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иттиҳодияҳои суннатии динӣ бояд самтҳо ва авлавиятҳои дақиқи ҳамкории худро муайян намоянд. Зеро як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки қаблан қабул гардидаанд, на ҳамеша ба талаботи имрӯзаи рушди ҷомеаи Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Ҳамзамон, зарурати ташаккули идеологияи возеҳи сиёсати давлатӣ дар самти пешгирии ифротгароии динӣ ва таъмини рушди ҳамоҳанги ҷомеа ва шахсият ба миён омадааст.

Ба андешаи мо, оғози ин раванд бояд аз таҳкими фаҳмиши дурусти мафҳуми давлатдории дунявӣ ва инъикоси саҳеҳи он дар воситаҳои ахбори омма оғоз гардад. Нақши ВАО дар ташаккули шуури ҷамъиятӣ, пешгирии тафсирҳои ғалат ва коҳиши танишҳои иҷтимоиву динӣ дар ин замина ниҳоят муҳим аст.

Барои такмили қонунгузорӣ дар бораи озодии виҷдон ва фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, инчунин таъмини татбиқи мунтазами қонунҳои мавҷуда, зарур аст, ки мафҳумҳои "экстремизми динӣ" ва "фаъолияти динӣ–экстремистӣ" равшан карда шаванд. Таърифи ҳуқуқии ин истилоҳот бояд аз ҳама гуна тафсирҳои гуногун ё истифодаи худсарона пешгирӣ кунад. Дар байни чораҳои мушаххасе, ки давлат ва муассисаҳои он метавонанд барои баланд бардоштани самаранокии мубориза бо экстремизми динӣ андешанд, таҳия ва татбиқи консепсияи мутавозини муносибатҳои байни давлат ва дин аҳаммияти

аввалиндараҷа дорад. Ин консепсия бояд бар мабнои принсипҳои волоияти қонун, баробарӣ дар назди қонун ва эҳтироми баробари намояндагони анъанаҳои гуногуни миллӣ, фарҳангӣ ва динӣ асос ёбад.

Дар баробари ин, нақши пешвоёни динӣ, ки дорои дониши касбӣ, ҷаҳонбинии васеъ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ мебошанд, дар пешгирии ифротгароии динӣ ниҳоят муҳим аст. Дар ин замина, тақвияти назорати давлатӣ аз болои таълими руҳониён дар муассисаҳои таълимии хориҷӣ, инчунин фаъолияти миссионерии созмонҳо ва афроди хориҷӣ муҳим аст.

Ҷорӣ кардани омӯзиши дин дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, инчунин таъсиси барномаи таълимии идомаёбанда дар соҳаи омӯзиши дин барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ низ аҳаммияти амалии муҳим доранд. Дар айни замон, бартарӣ додани баъзе гурӯҳҳои динӣ нисбат ба дигарон ё истифодаи захираҳои маъмурӣ барои ташаккули муносибати мушаххас нисбат ба дин бояд ғайрисамарбахш ҳисобида шавад. Чунин амалҳо метавонанд принсипи дунявият ва баробарҳуқуқии динҳоро зери хатар гузоранд.

Ба назари мо, мубориза бо ифротгароии динӣ танҳо вазифаи давлат нест, балки масъулияти ҷомеаи шаҳрвандӣ низ ба шумор меравад. Бо вуҷуди ин, бо дарназардошти сатҳи ташаккули ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, дар марҳилаи кунунӣ нақши асосиро дар ин самт маҳз давлат мебозад. Бинобар ин, фаъолиятҳо оид ба мубориза бо экстремизми динӣ бояд дар доираи салоҳияти мақомоти давлатӣ дар сатҳҳои миллӣ ва маҳаллӣ бо иштироки фаъоли ҳамаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла ташкилотҳои динӣ, ҳамоҳанг карда шаванд.

Ин равиш имкон медиҳад, ки тадбирҳои маҷбуркунанда ва тарбиявӣ ба таври мутавозин истифода шаванд. Дар шароити кунунӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дорои ваколатҳои дахлдор мебошанд, бояд дар пешгирӣ ва рафъи зуҳуроти ифротгароӣ нақши калидӣ бозанд, аммо

фаъолияти онҳо бояд таҳти назорати ҷамъиятии муносиб қарор дошта бошад.

Ихтилофҳои мавҷуда дар масъалаҳои гуногуни ҳамкории давлат ва иттиҳодияҳои динӣ далолат аз он медиҳанд, ки дар ҷомеа ҳанӯз консенсуси умумӣ нисбат ба модели оптималии чунин ҳамкорӣ ташаккул наёфтааст. Дар ин замина, зарурати таҳияи Консепсияи давлатии муносибатҳои давлат ва дин ба миён меояд. Ин санад бояд тағйироти охири фазои динӣ, роҳҳои такмили қонунгузорӣ, инчунин ҳуқуқҳои на танҳо пайравони динҳои гуногун, балки шаҳрвандони дорои ҷаҳонбинии бетарафро, ки қисми назарраси аҳолии кишварро ташкил медиҳанд, инъикос намояд. Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳти №1042 аз 4 апрели соли 2018 қабул гардидааст[183]. Мутобиқи он, вазорату идораҳо ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вазифадоранд, ки ҷиҳати фаҳмондани моҳият ва мақсади ҳуҷҷати мазкур корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳиро дар байни ҷомеа, ба хусус, бонувон ба роҳ монанд.

Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин ҳамчун санади стратегӣ ва меъёрии роҳнамо яке аз пояҳои муҳимми татбиқи амалии принсипи давлатдории дунявӣ ба шумор меравад. Ин санад на танҳо заминаи ҳуқуқӣ, балки чоҳорчӯбаи идеологӣ ва сиёсиро барои танзими муносибатҳои давлат ва дин дар шароити ҷомеаи муосири тоҷик фароҳам меорад.

Нахуст, Консепсия хусусияти дунявии давлатро ҳамчун арзиши бунёдӣ таъкид намуда, сиёсати давлатиро дар соҳаи дин бар асоси ғояҳои дунявият, озодии виҷдон, баробарии шаҳрвандон, новобаста аз эътиқод ва ҷудоии иттиҳодияҳои динӣ аз давлат, муайян мекунад. Бо ин

роҳ, он ба таҳкими меъёрҳои конститутсионӣ ва пешгирии омезиши сохторҳои давлатӣ бо ниҳодҳои динӣ мусоидат менамояд;

Дуюм, Консепсия ба таъмини мувозинат миёни озодии дин ва амнияти миллӣ равона гардидааст. Эътирофи нақши дин ҳамчун унсури фарҳангӣ ва маънавии ҷомеа бо маҳдудсозии истифодаи дин барои ҳадафҳои сиёсӣ ва ифротгароёна сурат мегирад. Ин равиш ба ҳифзи пояҳои давлати дунявӣ ва суботи ҷомеа мусоидат мекунад;

Сеюм, санад нақши танзимкунандаи давлатро дар фазои динӣ муайян намуда, масъулияти давлатро дар самти пешгирии тундгароӣ, экстремизм ва клерикализатсия тақвият мебахшад. Танзими таълими динӣ, фаъолияти миссионерӣ, гардиши адабиёти динӣ ва омодасозии кадрҳои динӣ маҳз ҳамчун воситаи ҳифзи дунявияти давлат баррасӣ мегардад;

Чорум, Консепсия бо такя ба таҷрибаи таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик модели миллии давлати дунявиро пешниҳод мекунад, ки дар он арзишҳои динӣ ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ эҳтиром мешаванд, аммо ба меъёри идоракунии давлатӣ табдил намеёбанд. Ин равиш ба шаклгирии дунявияти «бетараф–мутобиқ» (секуляризми миллӣ) хос мебошад;

Дар маҷмуъ, Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин ҳамчун санади калидии таҳкими давлати дунявии миллӣ хизмат намуда, ба дурнамои рушди давлати дунявии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, устувор ва мутобиқ ба арзишҳои миллӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба таври возеҳ муайян менамояд.

Дар пояи ин Консепсия бояд самтҳои афзалиятноки сиёсати миллӣ дар соҳаи муносибатҳои давлат ва дин қарор гиранд, аз ҷумла:

– ҳифзи устувории сохти конститутсионӣ ва институтҳои ҳокимияти давлатӣ;

– таъмини сулҳи шаҳрвандӣ, ризоияти ҷамъиятӣ, тамомияти арзӣ, ягонагии фазои ҳуқуқӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ;

– безарар гардонидани сабабҳо ва шароите, ки метавонанд ба пайдоиши низоъҳои дорои заминаи динӣ оварда расонанд.

Ҳамзамон, зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ҷиҳати ба низом даровардани бақайдгирии иттиҳодияҳои динӣ, тақвияти назорати фаъолияти онҳо аз ҷониби давлат ва ҷомеа, инчунин татбиқи чораҳои ҷавобгарӣ нисбат ба шахсон ва созмонҳое, ки ба амалҳои ифротгарой даст мезананд, ба миён меояд. Ин чораҳо метавонанд то мусодираи молу мулки ташкилотҳои динӣ ва пайравони онҳо, дар доираи қонунгузорӣ, расанд.

Дар ҷамъбасти таҳлил метавон таъкид намуд, ки барои таъмини татбиқи самараноки принсипи давлатдории дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, зарурати муайянсозии дақиқи мафҳумҳои ҳуқуқии марбут ба ифротгароии динӣ ба миён меояд. Аз ҷумла, дар сатҳи қонунгузорӣ бояд ба истилоҳҳои «фаъолияти ифротгароии динӣ» ва «ташкилоти ифротгароии динӣ» таърифҳои возеҳ ва якмаъно дода шуда, маҷмуи аломатҳои хосаи онҳо ба таври мукаммал муайян карда шаванд. Ин иқдом метавонад аз тафсирҳои васеъ, худсарона ва эҳтимолан сиёсишудаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ҷилавгирӣ намояд ва кафолати риояи принсипи волоияти қонунро таъмин созад.

Таҳлили таҷрибаи миллӣ ва байналмилалӣ нишон медиҳад, ки шиддат ва ё коҳиши зиддиятҳои байнимазҳабӣ ва дохилимазҳабӣ на танҳо ба сатҳи суботи ҷамъиятӣ–сиёсӣ дар дохили кишвар, балки ба таъсири омилҳои хориҷӣ низ вобастагии зич дорад. Дар чунин шароит, маҳз сиёсати мутавозин, хирадмандона ва дурбинонаи давлатӣ, ки бар қонунгузории возеҳ ва устувор такя мекунад, метавонад ҳамчун омили асосии ҳифзи суботи иҷтимоӣ ва амнияти миллӣ хизмат намояд.

Давлати миллии Тоҷикистон, бо такя ба анъанаҳои таърихии ҳамзистии осоиштаи миллатҳо ва динҳо, таҷрибаи давлатдории дунявиро ҳамчун яке аз дастовардҳои муҳимми истиқлолият ташаккул додааст. Ин модел, аз як тараф, кафолати озодии виҷдон ва эътиқоди динии шаҳрвандонро таъмин менамояд ва аз ҷониби дигар, ҷудоии ниҳодҳои динӣ аз давлатро ҳамчун шарти асосии суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ҳифз мекунад. Маҳз ҳамин мувозинат имкон медиҳад, ки дунявият на ҳамчун радди дин, балки ҳамчун шакли ҳуқуқии ҳамзистии арзишҳои гуногуни ҷаҳонбинӣ дар фазои ягонаи давлатӣ баррасӣ гардад.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба ифротгароии динӣ» ва дигар санадҳои марбут ба пешгирии фаъолияти мазҳабии ифротӣ натиҷаи вокуниши ҷомеа ва ҳукумат ба вазъи геополитикӣ ва таҳдидҳои амниятӣ мебошад. Гарчанде чунин қонунҳо дар баъзе ҳолатҳо ба интиқод рӯбарӯ мешаванд, онҳо ҳамчун воситаи ҳуқуқии маҳдудсозии равандҳои ифротгароӣ ва ҳифзи субот дар ҷомеа хизмат мекунанд. Дар чунин замина, тартибу шароити дақиқи истифода ва татбиқи ин қонунҳо бояд равшан ва ба принсипҳои конститутсионӣ ва меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон мувофиқ бошанд.

Дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон, ки дар он дар баробари пайравони мазҳабҳои ҳанафия ва исмоилия, инчунин ақаллиятҳои дигари этникӣ ва динӣ низ ҳаёт ба сар мебаранд, модели миллии дунявии давлатдорӣ ҳамчун шакли оптималии сиёсати эътиқодӣ арзёбӣ мешавад. Ин бояд дар меъёрҳои конститутсионӣ ба таври возеҳ инъикос гардад. Ҳамкориҳо ва ҳамоҳангиҳое, ки имрӯз байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ мушоҳида мешаванд, дар доираи принсипи дунявият имконпазиранд, ба шарте ки функсияҳои ҳар кадом ҷониб равшан ҷудо ва муайян бошанд.

Ҳамин тариқ, метавон ба хулоса омад, ки таҳкими пояҳои давлатдории дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо вазифаи ҳуқуқӣ, балки раванди доимии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад. Самаранокии ин раванд ба сатҳи такмили қонунгузорӣ, сифат ва пайдарпайии сиёсати давлатӣ, рушди шуури ҳуқуқӣ ва шаҳрвандии ҷомеа, инчунин ба ҳамкории созандаи давлат бо тамоми институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои динӣ, вобастагии мустақим дорад. Танҳо дар чунин ҳолат давлат метавонад рушди устувор, сулҳи шаҳрвандӣ ва амнияти миллиро ҳамчун арзишҳои бунёдии ҷомеаи муосири тоҷик таъмин намояд.

## ХУЛОСА

Таҳқиқоти диссертатсионӣ имконият фароҳам овард, ки хулосаҳои зерин пешкаш карда шаванд:

1. **Моҳияти дунявияти давлат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Хусусияти дунявии давлат, ки дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидааст, маънои мавқеи зиддидинӣ ё атеистии давлатро надорад. Давлати дунявӣ на ба инкори дин, балки ба бетарафии давлатӣ нисбат ба дин, набудани дини давлатӣ ё идеологияи ҳатмӣ ва ҳифзи баробарии ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз эътиқоди динии онҳо, асос меёбад.

Мафҳуми «давлати дунявӣ» ҳаммаънои мафҳумҳои «давлати зиддидинӣ» ё «давлати атеистӣ» набуда, инчунин маънои «дурии мутлақи давлат аз ҳамаи иттиҳодияҳои динӣ»–ро низ надорад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки давлат дар доираи қонун бо созмонҳои динӣ ҳамкорӣ намояд, агар чунин ҳамкорӣ ба манфиатҳои ҷамъиятӣ, суботи иҷтимоӣ ва амнияти миллӣ мухолифат накунад.

### 2. Муносибатҳои давлат ва иттиҳодияҳои динӣ

Муносибатҳои байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ ҳамчун соҳаи махсуси сиёсати дохилӣ ва давлатӣ баррасӣ мегарданд. Таҳлили меъёрҳои конститутсионӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки шаклҳои асосии чунин муносибатҳо муайян карда шаванд, аз ҷумла:

- ҷудо будани иттиҳодияҳои динӣ аз давлат;
- баробарии ҳамаи иттиҳодияҳои динӣ дар назди қонун; дунявияти хизмати давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ;
- дунявияти низоми маориф;
- манъи маблағгузории мустақими иттиҳодияҳои динӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ;
- манъи иштироки мустақими созмонҳои динӣ дар муборизаи сиёсӣ ва фаъолияти ҳизбӣ;

- муқаррар намудани низоми махсуси ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, ки ҳамзамон арзишҳои динӣ низ маҳсуб меёбанд.

Ин принсипҳо дар маҷмуъ пояи ҳуқуқии давлати дунявии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

**3. Вазъи конфессионалӣ ва кафолати озодии виҷдон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Вазъи муосири конфессионалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи тағйироти амиқи сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиест, ки дар давраи истиқлолият ба амал омадаанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳар як шаҳрвандро ба озодии виҷдон ва эътиқод кафолат дода, имконияти озодона пайравӣ кардан ба дин ё пайравӣ накардан ба ҳеҷ динро эътироф менамояд. **[12–М]**

Ин принсипҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» такмил ёфта, ҳолати ҳуқуқии иттиҳодияҳои диниро танзим менамоянд. Қонунгузорӣ пешбинӣ мекунад, ки ба фаъолияти созмонҳои динӣ танҳо дар доираи қонун иҷозат дода шуда, дар сурати таҳдид ба амнияти давлат, тартиботи ҷамъиятӣ ё ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон он маҳдуд ё қатъ карда шавад. **[6–М]**

**4. Мубориза бо экстремизми динӣ ҳамчун ҷузъи ҳифзи давлати дунявӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалҳои зеринро қатъиян манъ мекунад:

- даъват ба зӯроварӣ ва тағйири зӯроваронаи сохти конститутсионӣ;
- таъсиси гурӯҳҳои мусаллаҳ; барангехтани адовати иҷтимоӣ, миллӣ ё динӣ;
- суиистифодаи дин барои ноором сохтани ҷомеа;
- маҷбуркунии шаҳрвандон ба иҷрои амалҳои ғайриқонунӣ бо асосҳои динӣ.

Дар ин замина, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи муҳимми

ҳифзи тартиботи конститутсионӣ ва дунявияти давлат баромад мекунанд. **[9–М]**

Дар маҷмуъ, ташаккули давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи давлатдории миллӣ равандест таърихӣ, мураккаб ва бисёрсатҳӣ, ки ҳам дастовардҳои назаррас ва ҳам мушкилоти ҳалталаб дорад. Таҳқиқ ва такмили минбаъдаи заминаҳои ҳуқуқии он шарти муҳимми рушди устувори давлат ва ҷомеа дар шароити муосир ба шумор меравaнд. **[8–М]**

